**БАШОРАТ СУЛТОНЗОДА**

# *Дастаи Малик*

**Мундарича**


| | | |
|---|---|---|
| 1 | Амалёти “Сумка” | 3 |
| 2 | Ҳиси нофорам | 7 |
| 3 | Амалёти “Харита” | 11 |
| 4 | Қасос | 16 |
| 5 | Фалоқат | 21 |
| 6 | Шердил | 28 |
| 7 | Амалёти “Фонтан” | 33 |
| 8 | Навигарии аҷоиб | 39 |
| 9 | Ҷои маҳфӣ | 44 |
| 10 | Амалёти “Журнал” | 49 |
| 11 | Раҳимов | 55 |
| 12 | Кӯчаи Ҷонбегим | 64 |
| 13 | Қарз | 69 |
| 14 | Ҷӯраҳои бад | 76 |
| 15 | Фирдавс | 84 |
| 16 | Бори кӯҳна | 93 |
| 17 | Соли нав муборак | 98 |
| 18 | Иброҳим | 105 |
| 19 | Мероси падарон | 110 |
| 20 | Олам | 115 |
| 21 | Шаби бехоб | 120 |
| 22 | Малик | 129 |
| 22 | Хотима | 137 |


Ҳама номҳову насабҳои зикршуда танҳо фикр карда бароварда шуданд. Агар монандӣ ба шахсе бошад, мо бахшиш мепурсем.

## 1 АМАЛЁТИ “СУМКА”

Иброҳим бо диққат ба ҳар тараф назар андохт. Ҳеҷ кас набуд. Занг шуда буд ва талабагон бо ғавғо ба берун давида буданд. Ӯ чашмони худро ба нимторикии долон одат кунонд ва ба ҷӯрааш Фирдавс бо сараш ишора кард, ки аз ақиби ӯ биояд. Тани худро ба девор часпонда онҳо оҳиста ба дари синфхона расиданд. Иброҳим дар ҳаяҷон аз нафаскашӣ монда хам шуд ва аз сӯрохи қуфл поид. Ҳангоме ӯ фаҳмид, ки хона холӣ аст, дари калонро каме кушод ва ҳар ду бача бе овоз чобук гузашта даромаданд. Аз тарафи тирезаҳо овози кӯдакон аз саҳни мактаб ба гӯшҳояшон расид, аммо оромии хона тарсовар ва сунӣ менамуд.

*Чӣ гуна муаллими бетаҷриба,* – бо нафрат фикр мекард Иброҳим, – *роҳбари нави мо намедонад, ки синфхонаро ҳеҷ вақт кушода мондан мумкин нест!* Иброҳим дар чунин амалёт аллакай таҷрибаи зиёде дошт.

Фирдавс аз ӯ дида зудтар ба ҷои нишасти Олам расид. Курсияш бо тартиб дар таги партааш гузошта буд ва ҳама чизҳои ӯ ғундошта буданд. Бе шарм Фирдавс занҷираки сумкаи Оламро кушод ва кофта-кофта қаламу дафтарро баровардан гирифт. Иброҳим бесаброна сумкаро аз дасташ

кашид ва ба дарун нигоҳ кард. Охир, ӯ низ дидан хост, ки ғаниматашон чист. Овози кандани чизеро шунида шуд.

– Э, ман аввал бинам, – бетоқатона талабид Иброҳим ва дасташ ба сумка андохт. Дер накофта ӯ бо тантана якто кӯлчақандро баровард.

– Хайрият, мо аввал нигоҳ кардем. Чунин қӯлчақандро наҷот додан даркор аст. Афсӯс мебуд, агар ин дар сумка тар мешуд..., – чашмони худро ба қӯлкақанд часпонда фаҳмонд Иброҳим. Фирдавс қадбаланд бошад ҳам, зидди Иброҳим дар занозанӣ чанд бор бой медод ва барои ҳамин медонист, ки хубтар сархам истад. Ӯ бо як назар ба соати деворӣ нигоҳ карда, ҷавоб дод:

– Вақт рафта истодааст. Тез – рафтем!

Фирдавс ҳама чизҳоро бе эҳтиёт боз ба сумкаи Олам андохт ва онро дар китфаш бор карда ба берун давидан хост. Иброҳим ними қӯлчаашро дар дасташ дошт, нисфи дигар аллакай дар меъдааш ҳал шудан гирифт. Ҳангоми онҳо баромаданӣ шуданд, дар кушода шуд. Ҳар ду дар ҷояш хода барин шах шуда истоданд.

Онҳо пешакӣ фикр карда буданд, ки чиро гӯянд, агар касе аз онҳо мепурсад, ки дар ин ҷо чӣ кор мекунанд. Дурӯғ гуфтан ба онҳо кори мушкил набуд.

Муаллимаи синфи 8 "г" саросемавор аз онҳо пурсид:

– Раҳимов канӣ?

Иброҳим то ҳол луқмае дар даҳон дошт ва Фирдавс бо нигоҳи боодобона гуфт:

– Роҳбари мо пеши директор рафт.

Ҳар ду бача медонистанд, ки ин тавр набуд.

– Хуб, – шунида шуд ҷавоби зан ва ӯ рафт. Ӯ ҳатто нигоҳи пурасрори талабагонро, ки ба ҳам равона карданд, надид. Фирдавс дарро дошту аз пушти муаллима ба тарафи дигари бино баромад. Иброҳим қӯлчақанди мондагиро ба даҳонаш тӯқонда аз қафои ошнояш давид.

Каме пас онҳо бо сумка ба дастаи худ расиданд. Малик, ки бечуну чаро сардори гурӯҳашон буд, бо Хисрав ва Шердил дар кунҷи саҳни мактаб интизори ин ду кас буд.

– Э хайрият! – Садои овози Малик бештар бетоқатона ва на сабукшуда буд. – Барои чӣ чунин дер омадед? – ҳавобаландона донистан хост Малик ва семичка беист ба даҳонаш меандохту пӯсташро туф мекард. Иброҳим кафи даст боло карда асабонӣ фаҳмонд:

– Гӯш кун, агар мо тезтар мекардем, мо худро гумонбар мекардем.

– Мана сумка, – бе ҳиссёт эълон кард Фирдавс. Ӯ бо рӯи дароз, мӯйи сари сип-сиёҳаш ва бо қошҳои пайванд ба ҷӯрааш хеле монанд бошад ҳам, феълан тамоман дигархел буд. Малик

дағал ва сангдил буд, аммо Фирдавс ором ва дилсӯз. Лекин Малик як чизеро дошт, ки бачаҳоро бисёр ҷалб мекард. Шояд иродаи сахташ ва боқувват буданаш сабаб буданд, ки ӯ дар гирди худ наврасонро ҷамъ карда метавонист.

Малик бо нафрат ба сумкаи Олам назар андохт, гӯё ин халтаи ахлот мебошад.

– Хуб, вайро таги крани водапровод монед! – фармон дод ӯ.

– Ҳушёрӣ? – дахолат кард Хисрав, – саҳни мактаб пури бачаҳо-ку. Ман пешниҳод мекунам, ки онро назди шланг барем.

– Кадом шланг? – ҳасиб бо нон дар даҳон хоида пурсид Шердили фарбеҳча.

– Ана бинед, – Хисрав бо ангушт сӯи гулсори мактаб дар назди дарвозаи оҳанини васеъ ишора карда, гуфт:

– Дар даруни гулҳо ҳеҷ кас ҳеҷ чизро намебинад, чунки ҷояш дур аст.

– Рост мегӯӣ, – гапи Хисравро тасдиқ кард Малик, мисли ҳамеша, чунки Хисрав роҳбари даста набошад ҳам, ӯ сари гурӯҳ буда, ҳама чизро фикр карда мебаровард.

Малик ба Шердил бо чашмони нимкоф фармон дод:

– Сумкаро ба он ҷо бар ва шлангро дарунаш мон.

– Ман? – Як қадам қафо парида талхакаф шуда пурсид Шердил. Айнак қариб аз бинияш ғалтид. Даҳонаш пур буд ва чашмонаш калон-калон шуданд.

– Ту аъзои дастаи мо шудан хостӣ-ку. Акнун биҷунб, – бераҳмона фаҳмонд Малик ва пӯсти семичкаро туф кард. Чашмони сиёҳаш дар зери қошҳои пайванд хатарнок барқ заданд.

Шердил номаш бошад ҳам, ӯ на он қадар шердил буд, аммо вақте буд, ки ӯ бояд интихоб мекард: ё аз они гурӯҳи Малик шавад, ё ӯро барои фарбеҳгияш писханд мекунанд. Бинобар ин ӯ чуқур нафас кашид ва сумкаро аз ресмонаш кашида аз дасти Фирдавс гирифт ва сӯи гулсор равона шуд. Аз ҷӯраҳояш каме дуртар шуда бо тарс ба ҳар сӯ нигоҳ карда қадамашро оҳиста гардонд. Шояд ягон муаллими уқобчашм аз пушти тирезаҳо ӯро тамошо мекарда бошад. Барои ӯ ба ҳар ҳол шишаҳои тирезаҳо мисли чашмони калон-калон менамуданд. Ва ҳар яктои онҳо мегуфт: «Ман туро мебинам». Ё эҳтимол қаравули мактаб аз қафои ягон дарахт ҷаҳида ӯро дастгир мекунад...

Хун дар раги чаккаҳояш сахт задан мегирифт ва дилаш тез-тез метапид. Панҷ метри дигар ва ӯ шлангро мерасад. Агар ҳозир касе аз тарафи саҳн ба ӯ нигоҳ кунад... Дар пешонааш арақ қатра-қатра пайдо шуд. Ӯ бӯи хуши гулҳои сурху зардро нафаҳмид. Чор метри дигар... Ӯ аниқ ҳис мекард, ки касе ӯро

нигоҳ карда истодааст. Се метр... Ӯ халондани назари касеро ба пушташ эҳсос мекард. Ду метр... Аз ба қафо назар андохтан метарсид, аммо як метр пеш аз расидани мақсадаш ӯ ногаҳон тоб хӯрд ва ошноҳояшро дид. Малик назди яке аз дарахтони қадбаланди саҳн такя карда дастҳояш болои сандуқи дил монда вазни худро ба як пой гузошта, қаноатмандона амали ҳамдастаашро тамошо мекард. Албатта аз дурӣ ӯ рӯйи суп-сурхи Шердилро надид ва арақашро пай набурд – ва Шердил аз ин хеле розӣ буд. Бо эҳтиёт ӯ сумкаи Оламро кушод ва хам шуд. Бо як даст шланги бо оби равонро гирифту ба даруни сумкаи мактабӣ андохт. Як сония ӯ ба худ савол дод, ки ӯ чӣ кор мекард, агар ба ҷои Олам мебуд.

Ҳангоми як мижа задан ӯ аз ҷои амалӣ гурехт ва ба роҳ расида шими сиёҳашро тоза кард ва галстукашро рост намуд. Аз як тараф дилаш сабук шуд. Ба фикри ӯ ҳеҷ кас ӯро надид. Аз тарафи дигар як ҳиси нав дар дилаш пайдо шуд. Ӯ намедонист, ки ин чист, аммо ӯ медонист, ки ин чизи хуб нест.

*

Дар ошёнаи дуввум пушти тиреза Умед Раҳимов бо костюми кушодааш дастонашро  ба камараш монда, рост истод. Ӯ назарашро ба гулсор медӯхт. Яке аз талабагонаш дар

он ҷо чизеро назди шланг монд ва ҷаҳида аз байни гулҳо баромад. Бача назди дастааш баргашт. Раҳимов аз рӯзи якуми сентябр роҳбари синфи 10“в” шудааст. Синфи аз ҳама мушкил ба ӯ доданд.

Баъди вафоти падараш бародари Раҳимов ҳавлии калонро фурӯхта, меросро байнашон тақсим карданд. Пуле ки ба ӯ афтид, барои харидани як хонаи сеҳуҷрагӣ дар баландошёна расид. Ҳамин тавр Умед бо оилааш ба ин ноҳия кӯчид ва чун муаллим барои таърих ба ин мактаб омад.

Занг шуд ва Малик бо дӯстонаш хандида ба бино даромад. Муаллим китфҳояшро ғалтонд. Ӯ худро маҷбур кард, ки фурояд.

Ба поён расида, бевосита ба тарафи гулсор рафт. Ӯ бояд мефаҳмид, ки дар он ҷо чӣ гап аст. Ҳайрон шуда сумкаи тари Оламро бардошт. Барои чӣ бачаи фарбеҳча инро дар таги шланг монд? Сабаби душманӣ байни ӯ ва Олам чист? Ӯ бо ду ангушт сумкаи чиркинро бардошт ва попӯшияшро дар замин ғеҷонда аз лой тоза кард.

Се дақиқа дер карда роҳбараш ба синфи 10“в” даромад. Мисли ҳамеша вақт даркор буд, ки ҳама ором шаванд. Ба ҳар ҳол қаду қомати Раҳимов таъсирбахш буд.

– Хомӯш, – талабид марди бузбала бо овози баланд ва устувор. Кӯдакон тез ба ҷояшон нишаста ором шуданд.

Чашмони ҳама сумкаи тари Оламро дар дасти муаллим дӯхтанд.

Ҳангоме роҳбари синф фаҳмид, ки ҳама акнун ба гӯш кардан тайёранд, ӯ сумкаи мечакидаро боло бардошта ба талабагон нишон дод.

– Ин сумка аз они кист? – донистан хост мард.

Фирдавс ва Малик бе ҷунбондани сар тез як назарро иваз карданд. Эҳтимол ба онҳо аҷоиб менамуд, ки муаллим сумкаро чунин зуд ёфт.

Хомӯшӣ.

Офтоб ба даруни хона дурахшида, синфро аз ҳад зиёд гарм мекард.

Як пашша зам-зам карда дар шишаи тиреза чойи гурезро меҷуст.

Муаллим маҷбур шуд, саволашро такрор кунад. Ӯ мӯътадилона пурсид:

– Ман савол додам: Ин сумка аз они кист?

Оҳиста ангушти Олам боло рафт ва бо овози хиррӣ бачаи малламӯй гуфт:

– Ин... ин аз ман аст.

Раҳимов ба тамоми синф нигоҳ карда пурсид:

– Кӣ онро таги об монд?

Ҳеҷ кас дам назад. Талабагоне, ки ҷавобро медонистанд, сирро фош намекарданд ва ононе, ки онро намедонистанд, ҳеҷ чизи гуфтанро надоштанд. Қаламе, ки дар дасти Шердил буд, аз араќи дасташ тар шуд. Ӯ гиребонашро кушод. Ҳақиқатан офтоб гарми бад буд.

Пашша ба зӯр то болои шишаи тиреза омад, аммо боз поён афтид.

– Ман, муаллим, – гуфт Олам.

Роҳбараш ҳайрон шуда ӯро дӯхт.

– Чӣ хел? Ту гуфтаниӣ, ки худат шлангро даруни сумкаат мондӣ, то ин тар шавад? – нобоварона пурсид мард.

– Ҳа, муаллим, – бе мижа задан тасдиқ кард Олам.

Пашша боло расида парида рафт.

Шердил сабук шуд.

Муаллим намедонист, ки чиро гӯяд ва бе сухан сумкаи тарро ба бача гардонд. Ӯ бо чашмони худ дида буд, ки Шердил ва гурӯҳаш амалдорӣ карда буданд. Барои чӣ Олам онҳоро пӯшонд?

## 2 ҲИССИ НОФОРАМ

Шердил аз мағозачаи мактаб як шоколадро харид ва равона шуда, коғазашро кушодан гирифт. Хисрав сумкаи худро ба китфаш партофт ва он ду кас якҷоя саҳни мактабро тай мекарданд. Хисрав бо чашмони кабудаш аз тарафаш ба дӯсташ нигоҳ мекард.

– Тинҷӣ? – аз ҳамсинфаш пурсид ӯ.

Ҷоғи Шердил ҷунбида, шоколадро майда мекард. Аз намудаш ӯ ором буд, аммо Хисрав ӯро беҳтар мешинохт ва фаҳмид, ки чизе хуб нест.

– Хайр, намедонам, – оҳиста гуфт фарбеҳча.

Шоколад дар дасташ об шуд ва ӯ бо тоза кардани дасташ машғул шуд. Куртаи ӯ остинкалта буд ва ӯ аз оринҷаш оби ҷигариро лезид. Хуб, ки ӯ бо ягон кор банд буд. Танҳо ба фикр афтидан лозим нест, ва ҳама чиз хуб мешавад.

– Аз дарси охирин ту ким-чӣ хел ҳастӣ, – Хисрав мисли детектив ӯро сӯрох кард.

Айни ин лаҳза Шердил чашмонашро бардошта, Оламро дар пеши дари мактаб дид – дар дасташ сумкаи тараш. Маълум буд, ки об ба он зарар расонда буд. Олам зуд боз ба бино дохил шуд. Худ ба худ Шердил сумкаи худро даст зад ва лабашро хоида пешонаашро хорид. Ноустуворона ӯ донистан хост:

– Хисрав, ту дар бораи Олам чӣ фикр мекунӣ?

– Дар бораи Олам? Оҳ, барои ҳамин ту ин хелӣ! Э, вай лоиқи он нест, ки дар бораи вай фикр кунӣ! – дилгирона ҷавоб дод ӯ.

Онҳо аз дарвозаи оҳанини саҳн баромаданд.

– Лекин вай чӣ коре кард, ки ҳама аз дастаи мо ӯро бад мебинанд? – софдилона пурсид ҷӯрааш ва ба нӯгиҳои дарахтон дар сари роҳи калон аз ба хотири равшанӣ бо чашмони нимкоф нигоҳ мекард. – Ӯ ҳатто кори ман бори худро кард-ку!

Хисрав сарашро ҷунбонд ва мӯи сари сиёҳи кӯтоҳашро бо ангушташ шона кард.

– Муҳим нест, ки ӯ чӣ кор кард ё накард. Медонӣ, Шердил, баъзе чизҳо ҳаст, ки ту онҳоро фаҳмида наметавонӣ.

Шердил бо назари холӣ ба пеш чашм андохт. Ӯ аз фаҳмиши маҳдуди худ хабардор буд ва бинобар ин бо чунин ҷавоб розӣ будан хост. Ҳама медонистанд-ку, ки Хисрав аълохон буд ва албатта чизҳое ҳастанд, ки танҳо ақли чунин бачагон ба он мерасад. Ин тавр Шердил виҷдонашро ором кард. Ӯ қафо нигоҳ кард ва назараш ба гулҳои сурху зард афтид. Барои чӣ дар дилаш як ҳиси нофорам гум намешуд?

*

Калид дар қуфл тоб хӯрд. Малик бо пояш лагад зада дари квартираро кушод. Ин тараф костюми сиёҳро – он тараф сумкаашро ҳаво дод. Бо як даст галстукашро аз кисааш баровcovarда, назди костюмаш партофт. Э, чӣ гуна рӯзи бешавқ буд! Дар сето фанн баҳои ду гирифт ва дар назди қатор директори мактаб ӯро баровarда барои дер карданаш дашном дод. Хайр-чӣ? Малик ба ин гуна муомила хушрӯ одат карда буд.

Рӯзе буд, ӯ ҳатто сабабгори он шуд, ки милиса ба мактаб омада буд. Марди калонсол бо кӯлоҳи низомӣ дар сараш ба ӯ дод мезад – ба хотири як телефони дастие, ки ӯ аз талабае дуздида буд! Не, Малик аз ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз наметарсид. Директор такроран ӯро “бачаи бетарбия” меномид. Эҳтимол рост гуфт, кӣ медонад? Очаи Малик аз падараш талоқшуда буд, ва падараш ӯро қариб ки хабар намегирифт, ё аниқтараш Малик ӯро ҳеҷ вақт надида буд. Модараш барои ризқашон маҷбур шуд, ки тамоми рӯз дар бозор шинад. Барои писари наврас вақт набуд. Малик аз ин хеле розӣ буд ва аз озодӣ ҳаловат мебурд. Ӯ аз куҷо метавонист фаҳмад, ки зиндагӣ ӯро ҳоло шатта медиҳад?

Ӯ ба ошхона даромад ва дар балкон дари яхдонро кушод.

Холӣ.

Ӯ тоб хӯрд. Болои газ дегча буд. Бо шиками гурусна ӯ даҳонакашро кушод. Соус. Ӯ тугмаи плитаро тоб дод ва ба меҳмонхона даромад. Тамоми хона рӯбучин карда буд. Ҳа, кӣ хонаро чиркин мекунад? Модараш тамоми рӯз нест ва Малик ё дар берун ё дар пеши телевизор буд.

Ӯ назди телевизор рафта бо пулт каналҳоро меҷуст. Не, ба ӯ ягон барнома маъқул нашуд. Асабонӣ шуда дастгоҳро хомӯш кард ва ба ошхона баргашт.

Дар ин ҳуҷраи кафелзада ба ғайр аз дастшӯяк, плита ва ҷевони токчадор як мизи сафед бо дуто табуреткаи кӯҳна буд. Оҳиста бӯи соус паҳн шуд. Малик бо кафлез хӯрокро кашид ва болои курсӣ нишаст. Бо назари холӣ ӯ ба девор нигоҳ мекард. Ӯ на календари як ҷамияти телефонхизматрасониро медид, на суратҳои ситорагони ҳиндиро.

Ҳангоми картошка ба картошка дар даҳонаш нопадид шудан гирифтанд, фикрҳо ба рафтори Олам равона шуданд. Ӯ ин бачаро чӣ гуна бад медид! Аҷоибаш ҳамин буд, ки ӯ намедонист барои чӣ! Рафтораш оддӣ, баҳоҳояш миёна ва намудаш мӯътадил буд. Лекин рӯзе шуд, ки ба Малик қурбонӣ даркор шуд, касе ки ӯ онро ғам дода метавонад. Касе ки ба он тамоми кинааш рехта метавонад, кина бар зидди падараш, ки ӯро намехоҳад, кина бар зидди модараш, ки барояш вақт надорад, кина бар зидди муаллимон ва милиса, ки ӯро бад

мебинанд ва кина бар зидди тамоми дунё. Барои ҳамин аҷоиб набуд, ки ӯ рӯзе сирри Оламро фаҳмида, аз он истифода мебурд.

Аввал ӯ Шердилро чун қурбонӣ ихтиёр карда буд, бачаи зудбовар, ҳатто "беақл" гуфтан мумкин. Бо фарбеҳгияш ӯ байни ҳама наврасон метофт ва ҳадафи хубе барои тирҳои мазоҳкунони Малик мебуд. Аммо Шердил дӯсти Хисрав буд ва Хисрав миёнравӣ карда Маликро розӣ кунонд, ки Шердил аз они дастаашон шавад.

Гоҳе Малик ба хотири дӯстияшон аз онҳо ҳасад мебурд. Ҳа, ӯ роҳбари гурӯҳе буд, ки дар байни талабагон барои бадкорияшон номдор шуда буд, вале Хисрав хеле доно буд. Агар Хисрав намебуд, Малик ким-кай гурӯҳашро гум мекард. Хисрав Маликро барои берӯияш нисбати калонҳо ҳурмат мекард, ва Малик ӯро барои ақлаш. Лекин инро дӯстӣ гуфтан? Не, ин ҳеҷ гоҳ чунин нест. Онҳо сирри дил ба ҳамдигар намегуфтанд-ку. Ӯ ба кӣ гуфта метавонист, ки дар дилаш чист? Вақте ки Малик ногаҳон аз мавҷи зиқӣ ва беумедӣ зер карда шуд, ӯ бетоқатона гӯшакҳои МП3-ро ба гӯшаш монду фикрҳоро бо мусиқии Реп пахш мекард.

Олам! Оламро боз ягон кор кардан лозим аст! Онҳо имрӯз аллакай нақшаи навро кашида буданд. Пагоҳ Олам дар пеши ҳама шарманда мешавад.

Телефони дастии ӯ овоз баровард. Малик бо даҳони пур пурсид:

– Алло?

– Малик? Ин ман Фирдавс. Гӯш кун, ман пагоҳ ба дарс омада наметавонам.

– Чӣ хел? – ҳайрон монда гуфт Малик. – Олам, охир...

– Не, ман наметавонам.

– Мо гуфтем, ки ҳамаи мо бошем. Тасаввур кун, ки дар қатор чӣ мешавад! Набошад, тарсончакӣ-чӣ?

Овози номуайяни Фирдавс дар гӯшак шунида шуд.

– Не, ман наметарсам-ай! Падарам пагоҳ ба Русия рафтанӣ. Ман ӯро бо модарам ба вокзал гусел мекунам.

– Дигар кас ёфт нашуд? – асабонӣ донистан хост сардори даста.

– Малик, ин падарам-ку! – овозро баланд карда эътироз кард Фирдавс.

Малик бетоқатона телефонро хомӯш кард. Хайр-чӣ? Фирдавс кардан гирад, чӣ хоҳад. Ба ӯ ҳеҷ кас лозим нест. Ӯ озод аст. Ӯ мисли Фирдавс ба ягон одам мутаҳам нест.

Аммо дар кунҷи дил ӯ ҳис кард, ки аз муносибати падар-писарии ошнояш ҳасад мебурд, ва ин ӯро боз бисёртар ба хашм меовард.

*

Иброҳим баъди дарс танҳо дар мактаб монд. Ӯ бояд кори намекардаро иҷро кунад. Васифаҳои мушкилро ҳамеша ба ӯ месупурданд, ва ӯ аз ин фахр мекард. Малик ва Хисрав сад фоиз ба ӯ боварӣ доштанд – ва дар ивази ин ӯ хост исбот кунад, ки ҳар кор аз дасташ меояд. Барои ҳамин аҷоиб набуд, ки бача калиди даркориро пайдо кард ва бо асбобе дар даст ба синфхонаи лозимӣ дохил шуд.

## 3 АМАЛЁТИ “ХАРИТА”

Олам бо дили нохоҳ ба мактаб наздик шуд.

Саҳарӣ ҳангоми шунидани занги соати мизӣ ӯ худро се бор дар ҷогаҳаш тоб хӯронд ва ба худ савол дод, оё даркор аст, ки худро маҷбур кунад мактаб равад. Дар охир бибияш ӯро хезонд ва бача китобҳоро ба пакет андохт.

Дина ӯ оҳ кашида китобҳои расвою дафтарҳои вайроншударо аз сумкаи мактабияш баровадра дар як банд пеши тиреза мисли ҷомашӯй овезон кард. Аз ин амал кам фоида буд – чорто китоб тамоман расво шудаанд, вале соли таътил нав сар шуда буд! Ҷарми сунии сумкааш ба намии зиёд низ тоқат накарда, фарзуда шуд.

Аз ҳавлии бобояш баромада ӯ роҳ сӯи мактаб рафтан гирифт. Бинои кабуди мактаб намоён шуд. Ними талабагони синфҳои боло дар қатор истода буданд.

Олам қадамашро оҳистатар гардонд ва ба қатори синфаш расида рост истод. Як сония нагузашта касе қаламашро чун туфтуфакро сӯиистифода бурда бо тирҳои коғазин гардани ӯро зад. Дард ёфта Олам зуд бо даст гарданашро молида, дам назад ва ба тирандоз эътибор додан нахост.

Як тир гӯши чапашро расид.

Тири дигар пушти сарашро.

Иброҳим  чорум тирашро андохт ва ба қалами дарунхолӣ пуф кард. Ӯ қаноатмандона дид, ки Олам ҷойяшро бо бачаи дигар иваз кунад, то аз душманаш дур ва пинҳон бошад.

Директори мактаб эълонҳоро хонда суханашро бо садои тантана  чунин ба охир расонд:

– ...ва мо аз ин хурсанд ҳастем, ки акнун муаллимаи ҷуғрофия харитаи нави ҷаҳон дорад. Бачагон, инро бо пули калон харидем ва умедворем, ки инро қадрдонӣ мекунед. Муаллима Усмонова, харитаро биёред!

Иброҳим бо назари паст ба Хисрав нигоҳ кард. Хисрав ришханд карда Маликро бо оринҷаш тела дод. Ҳа, онҳо медонистанд, ки дина ба мактаб харитаи навро оварданд – онҳо боз як чизи дигарро медонистанд.

Усмонова ба бинои калон даромада нопадид шуд. Дар офтоб истода, талабагон бетоқат шуданд ва директор кӯшиш намуд, ки бачагонро дар қатор хомӯш нигоҳ дорад ва аз лаҳза истифода бурда ҷӯҷаҳои калоншудаашро бо суханони оиди либоспӯшии дурусти мактабӣ насиҳат диҳад.

Ногаҳон аз даруни хона фарёде шунида шуд.

– Муаллим! Бинед! – дод зада баргашт зан.

Директор Бахромов дар нӯги по тоб хӯрд ва ба муаллимаи ғашдор нигоҳ кард. Усмонова намедонист, ки чӣ кор кунад. Чашмонаш, ки саҳарӣ бо эҳтиёт бо қалами сиёҳ кашида ва бо

кабуди чашмрас ранг карда  буд, оташин нигоҳ карданд ва даҳонаш бо лабони сурх васеъ яла буд. Ӯ харитаи навро ликконд ва раххҳои буридагӣ мисли риштаҳо ба ҷунбиш омаданд. Маълум буд, ки касе онро бо қайчӣ бурида тамоман вайрон кард. Дар як тараф болои Амрико ва ними уқёнуси Атлантика бо фламастер бо ҳарфҳои калон навишта буд: Олам танҳо манам!

– Ин чӣ гап аст? Кадом ...., – қалимаҳои нохуш аз даҳони директор баромаданд, – ... ин корро кард? Ман... ман намедонам, ки чиро гӯям! Буриданд ва бо фламастер ҷазир карданд! Ин соз кардан намешавад!

– Муаллим, бинед, ки чӣ навиштааст! – фарёд кард касе.

Бахромов ба зӯр худдорӣ карда тавонист ва бо овози баланд хонд:

– Олам танҳо манам! Ин чӣ маъно дорад, бачаҳо? – асабонӣ савол дод мард ва назарашро ба талабагони синфи 8, 9, 10 ва 11 равона кард.

Сардори синфи 10“в”, духтари харобак, аз қатор баромада, ва бо овози ҷарангос гуфт:

– Дар мактаби мо танҳо як талаба бо номи Олам ҳаст.

Ҳама ба Олам Алиеви сархам чашм медӯхтанд. Муаллим бо бинӣ чуқур нафас кашид ва хашмгин шуда ба Раҳимов фармон дод:

– Синфатонро дароред, Раҳимов. Ман ҳоло як ҷазои хушрӯ барои Олам фикр карда бароварам. Ӯро баъди дарс наздам биёред.

Малик аз ин саҳна ҳаловат бурд. Ӯ дуруст меҳисобид, ки бача эътироз намекунад. Ва ягон исбот нест, ки дастаи ӯ айбдор бошад.

Раҳимов бачагонро ба синфхонаи худ даровард. Барои як лаҳзаи кӯтоҳ ӯ ба Олам нигоҳ кард ва аз рафтори ин наврас ҳайрон монд. Боварияш набуд, ки ин амали Олам буд. Лекин барои чӣ бача худро сафед намекунад?

Ҳама дар курсии худ ҷойгир шуданд. Муаллим оромона ба ҳама нигоҳ мекард. Ӯ намедонист, ки оё Малик ва дастааш дар ин масъала амалдорӣ карданд ё ки не, лекин ӯ онҳоро гумонбар кард.

– Бачаҳо, ман намедонам, кӣ ин харитаро бурид, лекин як чизро медонам, ин кори Олам набуд. Бидонед, ки як рӯз, як рӯз не, ҳама чиз фош мешавад.

Пичир-пичир аз тарафи синф шунида шуд.

– Хомӯш! Акнун китобатонро дар саҳифаи бистушаш кушоед...

Ҳангоми хондани матн муаллим ду, се бор ба Олам назар кард. Маълум буд, ки бача маҳкам буд. Ӯ намемонд, ки касе ҳиссиётеро ки ӯ дошт, фаҳмад.

Дарс мегузашт ва талабагон ҳангоми занг хестанд. Умед Раҳимов кори хонагиро ба тахтаи синфӣ навишт ва назди Олам омад. Ӯ журналашро варақ зад ва кӯтоҳ сарашро бардошта, ба бача назар андохт.

– Олам, ту бо ман мемонӣ, – гуфт муаллим ва Олам бепарвоёна қаламу дафтарро ба пакеташ андохта бо розигӣ сарашро ҷунбонд. Раҳимов ба мизи худ баргашт ва баҳоҳоро ба журнал гузаронд.

Малик худдорӣ карда натавонист ва айни аз Олам гузаштанаш китфашро гӯё тасодуфан зад. Сари Олам боз поёнтар рафт.

Синфхона холӣ шуд ва Раҳимов журналро ба кашкашак монд. Олам беҳаракат дар ҷояш менишаст. Раҳимов сар бардошта ба ӯ ҷиддӣ нигоҳ мекард. Мобайни ин ду кас як девори ноаён буд.

– Олам, ту чӣ фикр мекунӣ? –рӯйи рост пурсид роҳбараш.

– Дар бораи чӣ, муаллим? – мисли робот садо баровард Олам.

– Охир, ту ин харитаро вайрон накардӣ-ку. Кӣ ин корро кард? – кофт Раҳимов ва хоҳон чашмони талабаро меҷуст.

– Ман, муаллим. Ман инро кардам, – ҷавоб дод бача.

Раҳимов даҳон кушод, аммо бе баровардани як садо онро боз маҳкам кард. *«Фарз кунем, Олам ин корро мекард,»* –

мантикан фикр мекард муаллим, – *«ӯ ҳеҷ гоҳ инро ба осонӣ ба гардан намегирифт».*

– Олам, гӯш кун, ман намедонам, ки ту аз барои чӣ росташро намегӯӣ, лекин фикр кун! Ин кор метавонад сабаб шавад, ки директор туро аз ин мактаб пеш кунад! Барои ҳамин беҳтараш ту ба ман ҳақиқатро мегӯӣ, майлаш?

– Майлаш, муаллим, – тасдиқ кард Олам, вале дар овозаш ҳеҷ ишорате набуд, ки ӯ аз гуфташ амал кардан мехоҳад. Ӯ дастонашро болои парта монд ва бо ангуштҳояш бозӣ мекард.

Раҳимов болои миз нишаст ва як по дар ҳаво овезон монд. Ӯ чуқур нафас кашид ва боз даъват кард:

– Набошад, гап зан.

Рӯи Олам мисли санг сахт шуд. Ӯ бо чашмонаш партаро дӯхт.

– Муаллим, маро монед. – Шояд садои нолишкунанда сабаб шуд, ки Раҳимов савол-ҷавобашро бас карда аз ҷояш хест.

– Майлаш, рафтем пеши директор.

Онҳо хестанд ва талаба пакеташро гирифта аз пушти роҳбараш ба кабинети директор равона шуд. Роҳравии Раҳимов мисли роҳравии аскар буд – мустаҳкам ва тез. Олам қариб ки бояд аз пушташ медавид. Муаллим дарро кӯфт ва бо талабааш даромад.

Ҳуҷра на он қадар кушод буд ва тиреза бо тӯри маҳини гулдор пӯшида буд. Растаниҳо дар гулдонҳо то болои хона қад кашиданд, гӯё ки онҳо аз даври қадим дар ин ҷо мерӯиданд. Дар кунҷ як ҷевони оҳанин буд ва дар маркази ҳуҷра дуто мизи вазнини ҷӯбини замони шӯравӣ ними ҷоро гирифтанд. Дар пушти якто Бахромов қаламравашро назорат мекард.

Директор бо чашмони майдаякаш онҳоро бо дашноме ки аз саҳар дар гулӯяш руст монда буд, пешвоз гирифт.

– ...Олами ягона! Ман қасам мехӯрам, туро дар ин ҷо дигар рӯз намедиҳам! Ман туро аз мактаб пеш мекунам! Мана, папкаат! Ман..., – ӯро гапборон кард сардори мактаб ва хеста, файли Олами Алиевро дароз кард.

Намерасид, ки бачаро дар гиребонаш дорад. Раҳимов Олами хапро аз директор аз оринҷаш дуртар кашида, мобайн шуд. Ӯ аз Бахромови чорпаҳлӯ дида, як сар баландтар буд.

– Муаллим, аввал маро гӯш кунед, – илтимос кард Раҳимов.

Ҳуши директор танҳо ба Олам буд, барои ҳамин гаранг шуда бо назари парешон ба сардори синф нигоҳ кард.

– Чӣ гап? Маро асабонӣ накунед, – мард ба сардори синф гуфт, гӯё ки то ҳол асабҳояш дар ҷояш бошанд.

Аммо ба ҳар ҳол ӯ розӣ шуд, ки Раҳимов гап занад.

– Ман намедонам, *кӣ* харитаро вайрон кард. Лекин Олам ин корро накард, – оромона фаҳмонд Раҳимов ва кӯшиш намуд, ки овозашро чунин гардонад, ки дили директорро ёбад.

– Э Раҳимов, – муаллим дасташро ҳаво дод, гӯё ки магазро зур карда истода буд, – шумо дар ин мактаб нав ҳастед. Гапи ҳар талабаро бовар накунед. Ман акнун бист сол дар ин мактаб ҳастам ва ман чунин кӯдаконро медонам. Олам албатта инкор мекунад, ки ин корро кард-ку. Инро равоншиносӣ мегӯянд, – ӯро ёд дод директор.

– Лекин Олам корашро инкор намекунад. Баръакс ӯ буридани харитаро ба гардан мегирад, – эътироз кард муаллим.

Директор бо ҳайрат назарашро байни бачаи сархам ва муаллими рӯйкушод равон мекард.

– Чӣ...? Набошад, барои чӣ шумо мегӯед, ки ин бача айб надорад? – Бахромов ҳеҷ чизро дигар нафаҳмид.

– Чунки ӯ дурӯғ мегӯяд, – оромона фаҳмонд Раҳимов.

Роҳбари мактаб намедонист, ки чиро фикр кунад.

– Нафаҳмидам. Э, маро гаранг накунед! – сухани Раҳимов ӯро ҳайрон монд. Ӯ бояд зуд ягон роҳи ҳалро ёбад, – набошад, бача то охири чоряки сол харитаи навро харида биёрад ва ман гапи дигар надорам.

Раҳимов сабуқ шуда ташаккур гуфт ва бо Олам аз кабинети директор баромад.

– Олам, дар ин ҷо хатои худат ҳам ҳаст. Агар ту ба ман мегуфтӣ, киро гумонбар мекунӣ, ман метавонистам ҳатто ин қарзро аз китфат гирам, – дар долон чиддӣ гуфт роҳбари синф.

– Не, раҳмат, муаллим. Ман пули харитаро кор мекунам.

– Падарат бо кадом кор машғул аст? – бо обрӯвони кушода пурсид Раҳимов.

Сари Олам барқвор ба боло рафт ва тезтар аз он ки ӯ хост, зуд савол дод:

– Инро ба шумо донистан чӣ лозим аст?

Раҳмиов аз чунин аксуламал ҳайрон монда, дастонашро ҳимоякунон бардошта, бо мулоимат худро сафед кард:

– Ман танҳо хостам фаҳмам, агар ӯ метавонад, пули харитаро диҳад.

Олам боз маҳкам шуд ва ба замин нигоҳ карда гуфт:

– Ӯ дар Русия, дар бозор кор мекунад. Натарсед, ман пулро меорам. – Олам пакеташро сахттар ба даст гирифту рафт. Раҳимов пай бурд, ки талаба ҳеҷ вақт ба чашмонаш нигоҳ намекунад.

Роҳбараш бо ҳайрат аз пушти бача чашм андохт. Аз рӯйи як ҳисси ногаҳон ӯ талабаашро ҷеғ зад:

– Олам Алиев!

Бача дар ҷойяш тоб хӯрд ва истод.

– Лаббай?

– Агар ягон вақт сӯхбат кардан мехоҳӣ, ман ҳастам, – пешниҳод кард Раҳимов.

Олам сарашро бо тасдиқ ҷунбонд.

– Раҳмат.

Роҳбар ҳанӯз дер дар ҷояш монда аз қафои бача нигоҳ мекард. Олам бачаи аҷоиб буд. Намуди рӯйяш ҳеҷ ишорае намедод, ки дар фикраш чист. Вақт даркор мешавад...

## 4 ҚАСОС

Шердил саросемавор ба синф даромада нишаст ва аз касе кори хонагиро кӯчонд. Танаффус кӯтоҳ буд ва ба қарибӣ дарси биология бояд сар шавад. Аксарияти талабагон аз дарси русӣ бевосита ба синфхонаи муаллимаи биология омаданд. Баъзе, аз ҷумлаи онҳо Иброҳим, Фирдавс, Малик ва Хисрав, давр зада роҳро дур карда ба бозор рафтанд. Муаллима суст буд ва ҳеҷ гоҳ синфи 10“в”-ро идора карда наметавонист.

Баъди ними дарс чор бача мисли қаҳрамонон ҳавобаландона бо як банка нӯшокӣ дар даст ба синф даромаданд. Чуноне инҳо интизор буданд, муаллима ҳеҷ чизро нагуфт ва омӯзишашро давом медод. Лекин вақте онҳо дар қафои синф шакли як шахси бузбала диданд, ки акнун аз ҷояш хест, талхакаф шуданд.

Раҳимов оҳиста ба назди тахтаи синф баромад ва ба синф нигоҳ кард. Муаллима хомӯш шуд. Сабук шуданаш чашмрас буд. Ӯ майдон барои роҳбари синф холӣ кард ва ба курсияш нишаст. Дар пушти партаҳо бачагон ҷо гирифтанд ва якравона нӯшокиро дар даст нигоҳ доштанд.

– Иброҳим, Фирдавс, Малик, Хисрав, – ба ҳар яктои онҳо муаллим назари алоҳида бахшид ва ҷиддӣ гуфт: – Шумо дер кардед. Шумо медонед, ки ман маҷбурам, ки ба волидайнатон хабар расонам.

Гарчанде ки Малик аз муаллими нав низ метарсид, ба қафо такя кард ва дастҳоро пеши синааш болои ҳам монд.

– Акнун аз ин тарсем-чӣ? – пурсид ӯ бо писханд ва курсиро алвонҷ дод.

Чанд талаба хандидан мехостанд ҳам, худдорӣ карданд. Раҳимов хуб фикр кард, ки чиро гӯяд ва мӯътадилона ҷавоб дод:

– Бояд метарсидӣ, Малик.

– Хайр чӣ? – бача бо нафрат эътироз кард.

– Мо аз ягон чиз наметарсем, муаллим, – илова кард Иброҳим ва худсарона як култ аз нӯшокияш нӯшид.

– Пӯсти мо ғафс-ку, – хандид Фирдавс ва тақозокунон гирди худ ба ҳамсинфонаш нигоҳ кард.

Раҳимов дастонаш дар пушт ба ҳам кард ва оромона гуфт:

– Хуб. Хисрав Сулаймонов, ту чӣ?

Падарашро фикр карда Хисрав ҷим менишаст. Не, падараш муштзӯр набуд. Қадаш аз қади Хисрав пасттар буд. Лекин агар гап боло равад, падари Хисрав, ки ҷонишини директор будааст, паст зада мешавад ва обрӯяш мерехт. Бача медонист,

ки ӯ бо писараш чандин рӯз гап намезад ва таби хона хира мешуд. Баъд ду акааш ӯро мехӯранд. Аммо пеши дигарон ҳаминро иқрор шудан...? Не, ин мумкин нест!

– Набошад, Малик, Иброҳим ва Фирдавс, ман ба шумо маслиҳат медиҳам. Агар шумо нахоҳед, ки ҷӯраатон зарар бинад, ин гуна рафтор такрор нашавад. Ин дафъа ман на ба директор, на ба муаллим Сулаймонов хабар мерасонам. Вале агар як бори дигар дер монед ва ба бозор равед, Хисрав ба мушкилӣ дучор мешавад. Нӯшокиҳоятон ба ман супоред. Баъди дарси охирин онҳоро боз мегиред.

Хисрав дар якум парта нишаста оҳиста дасташро бардошта ва банкаро ба муаллим дароз кард. Чашмони ӯ поён нигоҳ мекарданд. Аз пушти ӯ Фирдавс нӯшокиро болои мизи муаллим монду ба ҷояш баргашт. Иброҳим хост банкаи нимхолиро тез то охир бинӯшад, вале чизе ӯро боздошт. Ӯ бо рӯй ба тарафи тиреза оҳи баланд кашида хест ва назди муаллима омада нӯшокӣ ба дасташ дод. Малик қарор менишаст ва бо чашмонаш муаллимро медӯхт.

– Малик, ту чӣ?

Ба сари Малик ҳеҷ надаромад, ки чиро гуфта метавонист. Ӯ нахост, ки гапи муаллим охирон бошад, аммо чунин шуд.

Бача оҳ кашид ва назарашро ба Хисрав равона кард. Он бо сараш ишора кард, ки ошнояш итоат кунад. Малик аз ҷояш

баромада, пойҳои дарозашро ба зӯр сӯи тахтаи синф ба ҳаракат овард ва банкаи нимхолиро ба Раҳимов дод.

– Раҳмат, – гуфт муаллим.

Талабагон хомӯшона менишастанд.

– Хуб, – ӯ ба муаллима рӯй гардонда илова кард, – шумо ҳанӯз ба журнал ҳеҷ чизро нанависед. Ва агар бачагон боз дер монанд, ба ман хабар диҳед.

Раҳимов бо қаду қомати афсар хонаро тай карда баромада рафт.

*

– Буз. Ман танҳо гуфта метавонам, ки Раҳимов буз аст, – асабонӣ эълон кард Иброҳим. Бачаҳо баъди дарсҳо ҳанӯз дар майдони мактаб монданд.

– Хандовар, ки моро чунин фишор медиҳад! – гапашро тасдиқ кард Фирдавс.

Хисрав бо таби хира болои хараки оҳанин нишаста иқрор шуд:

– Ин ҳамааш ба хотири ман.

– Хайр, чӣ? Охир айби ту нест, ки падарат ҷонишини директор аст. – дилбардорӣ кард Малик.

– Ман шахсан наметарсам. Падарам дар Русия аст ва модарам ҳеҷ чизро карда наметавонад, – гуфт Фирдавс ва назди Хисрав ҷо гирифт.

– Мо бояд аз ӯ қасос гирем, – бо чашмони нимкоф гуфт Ирбоҳим ва мушт бардошт.

– Рост. Ӯ моро пеши тамоми синф шарманда кард. Наход, ки касе гурӯҳи моро паст занад, – ҳамроҳ шуда гуфт Фирдавс.

– Ӯ акнун фикр мекунад, ки моро шикаст дод. Агар аз имрӯз ба ӯ роҳ диҳем, ӯ бо мо мекунад, чӣ мехоҳад, – илова кард Хисрав.

– Лекин чӣ кор кунем? – тайёр барои ҳар гуна қасосгирӣ пурсид Малик.

Ҳангоми ин сӯҳбат Шердил хомӯш монд ва аз яке ба дигаре нигоҳ мекард.

– Оё шумо медонед, ки роҳбари мо бо велосипед ба мактаб мебиёяд? – савол дод Хисрав. Не, ин ҳеҷ кас намедонист, чунки муаллим дучархаро ҳамеша дар анбори мактаб дар пушти хона маҳкам мекунад. Агар падари Хисрав инро ба писараш намегуфт, ӯ инро низ намедонист.

– Э ҳа, гап зан. Чӣ кунем? – мисли рӯбоҳ дар пайи заргӯш фикри Хисравро фаҳмида, донистан хост Малик.

– Хеле афсӯс мешуд, агар великаш ягон зарар медид-не? – бо рӯйи дилсӯзонаи сохта пурсид Хисрав. Шердил сарашро

хорид. Эҳтимол ин боз ягон коре буд, ки бачагони қундфаҳм мисли ӯ фаҳмида наметавонистанд.

– Бечора, балонаш оҳиста-оҳиста аз дамаш мемонад, – ришханд карда илова кард Иброҳим.

– Ва сими тормоз меканад, – гапи ӯ пур кард Хисрав.

Бачагон хандиданд. Малик рӯйи муаллимашро тасаввур мекард.

– Иброҳим, оё ту тирезачаи анборро назди зинапояи таҳхона медонӣ? – пурсид Хисрав ва назарашро ба Иброҳим равона кард. Бача бо аломати тасдиқ сарашро ҷунбонд.

– Аз ба хотири гармӣ онро маҳкам намекунанд, – фаҳмонд Хисрав, – чӣ хел мебуд, ту велосипеди Раҳимовро хабар мегирифтӣ?

Бо назари пухта бача ҷавоб дод:

– Гап нест. Ин кор осон аст. Дар он ҷо ҳеҷ кас нест. Ба осонӣ медароям.

– Муаллими мо баъди нисфирӯзӣ низ дарс дорад. Набошад, великаш ҳанӯз дар ҷояш. То занг бист дақиқаи дигар монд.

Хисрав корашро буд кард ва акнун Малик роҳбар буданашро бояд нишон диҳад:

–Иброҳим, бичунб, – фармон дод ӯ худписандона. Мо дар ин ҷо интизорем. Фирдавс, рав ва дар пеши кунҷи бино исто. Агар касе наздик шавад, мо ҳуштақ мекашем.

Фирдавс бо розигӣ сарашро ҷунбонд ва бо Иброҳим аз гурӯҳаш ҷудо шуд.

Малик як хас чида мисли сигарет ба даҳон андохт ва ба дарвозаи бино нигоҳ мекард.

Фирдавс ҷойгир шуд ва Иброҳим монанди оҳу чолоқона дар пушти бинои калон нопадид шуд.

Каме пас Иброҳим анборро расид. Аввал ба ҳама тараф нигоҳ карда, куфли анборро санҷид, вале ин баста буд. Ӯ ду қадам зад ва ба назди зинапояи таҳхонаи анбор омад. Чуноне ки Хисрав гуфта буд, дар он ҷо тирезаи нимкоф намоён буд.

Чорчӯби шиша аз тасаввуроте ки ӯ дошт майдатар буд ва ӯ ба худ савол дод, агар бадани ӯ дар ҳақиқат аз ин шикоф гузарад. Остини куртаашро барзад. Бо эҳтиёт бача дасташро ба дарун андохта, дастакро бо як ангушт расида тавонист, аммо он аз ҷояш намеҷунбид. Ӯ дастро бароварда боз кӯшиш намуд, аммо мисли якум дафъа дасташ танҳо ба ними тиреза расид. Ӯ бо дасти дигарӣ ҳамон амалёт гузаронд ва акнун ду нӯги ангушташ дастакашро ламс карданд. Иброҳим бо овози паст пичиркунон ҳакорат кард ва аз пешонааш арақ рехт. Ӯ вақти қиматбаҳоро гум карда истода буд. Бозуҳояш аз даровардану баровардан дард мекарданд. Ӯ чуқур нафас кашида, телефони дастияшро аз киса бароварда вақтро санҷид. Понздаҳ дақиқаи дигар то танаффус.

Агар занг шавад, саҳни мактаб пури талабагон ва муаллимон мешуд, ва то он лаҳза ӯ бояд аллакай корро буд карда аз анбор баромада бошад! Ӯ фикр мекард, ки хубтар тирезаро шиканад, аммо ин шунида мешуд ва гумонбар буд. Не – ӯ каме андешиду кофта, як пораи тунука дар замин кофт. Онро мисли отвиёрка дар даст дошта, болтҳои табакаи тиреза кушодан гирифт. Онҳо занг задагӣ буданд ва ҳам ин кор осон набуд. Ӯ вақт дигар надошт, ки ба соат нигоҳ кунад, лекин аз ҳама кам ӯ панҷ дақиқаи қимат аз даст дод. Баъди тоб додани болти охирин арақи ӯ аз ҳар тарафаш мерехт. Бо тантана ӯ чорчӯбаи табақаро гирифт ва ба замин монд.

Ба чирқу бӯйи пӯсидагии хона нигоҳ накарда, ӯ аввал поҳояшро мисли мор ҷунбонда даромад ва баъд бо кафҳои даст ба фарши анбор зону зада афтид. Ӯ чашмонашро ба торикӣ одат кунонд. Ба тарафи дари баста нигоҳ карда ӯ дид, ки аз шикофи қуфлаш як рахи равшан медарояд.

Иброҳим эҳтиёткор буд ва табақаи тиреза аз дарун оҳиста ба ҷояш гузошт, гӯё ки болтҳо онро мебардоранд. Ӯ тоб хӯрд.

Хона борики майдаяк буд. Маълум буд, ки ин ҷо қонуни бесару сомонӣ ҳукмрон буд. Як ҷо ороиши рӯзи занги якум овезон буд, ва як ҷои дигар сето партаи шикаста хоб буданд. Ватману плакатҳои бешумор тӯда шуда, дар як тараф меистоданд. Қариб ҳама чиз воменамуд, ки асрҳо ягон одам ин

чизҳоро нарасида бошад, аммо назди дар ӯ ашёҳои фарошро шинохт ва – ана, он ҷо дучархаи муаллимаш истод. Вақте

Иброҳим инро дид, ҳавас кард. Чӣ гуна велосипеди нуқрагини хушрӯ ва нав! Ӯ мобайни чизу чора худро хам кард ва фентилҳои чархҳоро кушод, баъд оҳиста назди велосипед расида симҳои тормозро кофт. Ӯ тормози чархи якумро канд ва боз дуввумро кушодан хост.

Ногаҳон ӯ ҳуштақи овозбаландро шунид.

Фирдавс.

Касе меояд.

Занги мактаб овозро баланд ва ҷарангосзанон баровард.

Дили Иброҳим ба тапиш афтод. Вақт ҳеҷ гоҳ намерасид, ки ӯ гурехта метавонист. Ӯ саросемавор кори то охир тамом накардаро монда ба пушти анбор нигоҳ кард ва шикамашро аз нафас холӣ карда бо эҳтиёт ақибнок аз байни партаҳо ва байрақи мактаб гузашт ва таги чор курсӣ пинҳон шуд. Дер нашуда, касе аз берун қуфлро кушод ва мӯътадилона даромад. Иброҳим аз нигоҳ кардан тарсид ва бо дили сахти метапида чашмонашро пӯшонд ва бе ҳаракат монд. Агар ӯро дар ин ҷо ёбанд...

*

Дар берун Хисрав норохат шуда назди Фирдавс омад ва пичироскунон пурсид:

– Фарош даромад?

– Ҳа.

Хисрав кӯшиш кард, ки гирди кунҷ бинад, аммо ӯ фаҳмид, ки беҳтараш напояд.

– Оё Иброҳим тавонист бароянд?

Фирдавс сарашро ҷунбонд. Ба ӯ нигоҳ накарда оҳиста гуфт:

– Не, ҳоло.

Акнун Хисрав ҳам намедонист, ки чӣ гӯяд. Агар Иброҳимро дастгир кунанд, ба Раҳимов маълум мешавад, ки ин кори тамоми гурӯҳаш буд. Ба Шердил ва Малик ҳуштақ кашида ишора кард, ки бачаҳо наздаш биоянд.

*

Барои Иброҳим ҳар як сония мисли абадият метофт. Ниҳоят оҳиста фароши сафедмӯй ашёҳояшро ҷамъ карда баромад ва аз пушташ дарро баст.

Иброҳим ором шуд, аммо ӯ медонист, ки танҳо баъди занги дарс боз баромада метавонист. Хона гарм буд ва аз ҷанг ҳаво буғӣ. Ӯ нафасгир шуда дар ҷояш истод.

*

– Хайрият, фарош баромад, – сабук шуда гуфт Хисрав.

– Менамояд, ки ӯ ҳеҷ чизро нафаҳмид, тасдиқ кард Фирдавс. Лекин Иброҳим тезтар бароянд, агар не гуфта намешавад, боз кӣ ба он анбор меравад.

*

Иброҳим сабук шуда шунид, ки занги даромад садо дод. Ӯ интизори тамом шудани ғавғои талабагон буд ва оҳиста аз ҷои нокулайаш баромад. Дасту поҳойяш карахт шуданд ва ӯ ҳар увзи баданро ҷунбонд ва сарашро бо гарданаш тоб хӯронд.

Баъд ӯ табақаи тирезаро боз баровард ва бо диққат ба берун нигоҳ мекард. Ҳеҷ кас набуд. Акнун бо дастон чорчӯби тиреза дошта вазни баданашро ба боло кашид. Мехи ноаёне пояшро харошид ва ӯ хеле дард ёфт. Аммо инро сарфи назар карда ӯ баромад. Танҳо тезтар аз ин хона гурезад!

Дар берун ӯ ҳавои тозаро бо шушаш нафас кашид ва шимашро бо дастонаш тапонд. Ӯ оҳиста тирезаро гирифта ба ҷояш монда болтҳоро сахт кард. Сабукӣ дилашро фаро гирифт.

Ногаҳ ӯ ба тарафи чап нигоҳ кард. Оё дар он ҷо аз кунҷи чашмаш дар байни дарахтон ҳаракатеро надида буд? Ӯ ба он

сӯ назар дӯхт, аммо ба ғайр аз сояҳои шохаҳои васеъи дарахтон чизеро намедид.

Ӯ сарро ҷунбонда ба тирезаи маҳкам нигоҳ кард. Кораш буд шуд ва симҳои тормози велики муаллим канда буданд, ақаллан ононе дар пеш.

Иброҳим миёнашро рост карда баногоҳ истод. Ба сараш як фикри даҳшатовар омад: Агар муаллим ба тормоз такя карда ба дучарха савор шавад, вале онро дар роҳи калон нигоҳ дошта натавонад-чӣ? Ӯ ин фикрро дур карда, бо ҳиси шикастдеҳ ба даста баргашт. Ӯ танҳо фармонбардор буд-ку.

## 5 ФАЛОҚАТ

Қариб соати шаши бегоҳ талабагон дар майдон кам ва сояҳои дарахтон дароз шуданд. Офтоб дар пушти мактаб хамид ва паррандагон суруди аср мехонданд. Раҳимов сумкаи сиёҳашро дар бағалаш часпонда хаста аз зинаи дар пеши бинои мактаб фуромад. Дар хиёбон овози мошинҳои бисёр шунида шуд. Ҳама зудтар ба хона рафтан хостанд.

Муаллим аз каравул калид гирифт ва ба сӯи анбори дар пушт равона шуд. Чуноне ки ӯ дар саҳар велосипедашро монда буд, он дар ҷояш меистод. Ӯ онро бо эҳтиёт дар рул дошта аз анбор баровард ва ба девор такя кунонд, сумкаро дар бормонак сахт кард ва дарро баст.

Баъд ӯ дучархаро тела дода чанд метр пас назди каравули мактаб расид ва калидро баргардонд. Велосипедро бардошта аз зинаи дар назди дарвоза баромад. Ҳама чиз мисли ҳамеша буд ва Раҳимов савор шуд.

Айни нишастан ӯ ҳис кард, ки чархҳо аз вазни ӯ калавиданд, аммо ба ин дигар эътибор дода наметавонист. Нақлиёт дар роҳ зиёд буд ва ӯ кӯшиш кард, ки дар мобайни Шигулии меистода ва Опели сурхи равона педал зада гузарад.

Роҳи нишеб ӯро ба чорраҳа наздик овард, чорраҳаи зернақлиёт.

*

Олам нороҳат дар хона нишаста аз панҷара ба берун ба ҳавлии майдаи бобояш назар меандохт. Бибияш бо мӯйсафед ҳанӯз дар мағозаашон буданд ва бача ҳамту шишта саргузашти худро меандешид. Ӯ афсӯс мехӯрд, он рӯзе ки Малик сиррашро фаҳмида буд. Аз он рӯз дастаи Малик ба ӯ азоб медод. То ба кай онҳо ӯро ғам медиҳанд? Боз пули харитаро ёфтан лозим буд. Вай чӣ кор кунад? *Падар ҳеҷ гоҳ ба ӯ пул дода наметавонад,* ӯ ғамгинона нимханда кард. *Ва бобояш ба ӯ ёрдам намедиҳад,* инро аниқ медонист. Мӯйсафед ҳеҷ гоҳ розӣ намешуд, ки ба мактаб чунин маблағи калон супуранд – хусусан аз чунин сабаби нохуш.

То гузаштани нисфирӯзӣ бача қарор кард: *«Майлаш, ҳамин бегоҳ ман ба хонаи Раҳимов меравам ва ба муаллим ҳама чизро нақл мекунам. Бигзор дигарон гӯянд, ки чӣ хоҳанд».* Ба ӯ каси мефаҳмидагӣ лозим буд.

*

Шердил бо додари ҳафтсола даҳум бор шишкабозиро ба охир расонд ва ӯро бурид.

– Биё, боз як бори дигар бозӣ кунем. Ин дафъа мебурам, – бо овози ширин гуфт пакана.

– Не, бас аст. Ман монда шудам. Э Бахтовар, ту гушна нестӣ? – шикамашро дошта пурсид Шердил. Лекин Бахтовари харобак мисли Шердил хӯрданро нағз намедид ва сарашро ҷунбонд.

– Набошад ман тез ба назди бозорча равам ва як, ду пончик мехарам, – оҳиста хеста гуфт Шердил. – Хоҳаратро нигоҳ кун, фаҳмидӣ.

Дар гаҳвора дар кунҷи утоқ ниничае хоб буд ва Шердил медонист, ки Бахтовар аз ӯҳдаи нигоҳубини тифл барои чанд дақиқа мебаромад.

Модараш дар ателие чун дӯзанда ними рӯз кор мекард ва кӯдаконро дар назорати Шердил мемонд. Падараш ронандаи мошини боркаш буд ва бояд ба қарибӣ ба хона меомад. Ӯ рӯ ба рӯи хона дар заводи калон кор мекард.

Шердил аз квартирааш баромада аз зинаи ошёнаи дуюм фуромад. Ӯ медид, ки баъзе бачаҳо аз се зина парида поён мефуромаданд, лекин на Шердил. Ӯ доим вақт ҷудо карда метавонад, ки ҳар зина баҳузур ва алоҳида бигирад.

Бача ба поён расид. Равшанӣ ба даромадгоҳ дохил шуд. Ӯ ҳуштак кашида аз пайраҳа гирди баландошёна гузашта ба

тарафи бозори маҳаллӣ равона шуд. Дар роҳ ба ин ё он кӯдаки дар берун бозӣ мекардагӣ салом медод.

Каме пас чорраҳаи калон намоён шуд. Мошинҳои сабукрав ва боркаш роҳҳоро маҳкам мекарданд ва мардуми зиёд дар лабҳои роҳ мӯрча барин ин сӯ-он сӯ мегузаштанд. Чароғаки пиёдагард навакак сурх шуд ва Шердил истод. Акнун ҷароғҳои калон низ иваз шуданд ва он мошинҳое ки меистоданд, ба ҳаракат омаданд. Бача сӯи роҳи аз мактаб фуромада назар андохт ва дид, ки дар он ҷо мошинҳо дар ду қатор меистоданд.

Аммо ногаҳон як велосипед бо суръати тез аз нишебӣ фуромада, муқобили ҳар фикри солим рост ба маркази чорраҳа пеш ҳаракат кардан гирифт. Аз тарафи дигар камази хитойе, ки Шердил онро хуб мешинохт, наздик шуд. Сигнали баланди камаз шунида шуд ва тормозҳои мошинҳо ҷирросзанон кашида шуданд. Велосипедрон дар таги камаз ғоиб зад. Овози безеби каҷ шудани оҳан ва доди одаме ба гӯш расид.

Ронандаи Мерседеси сафед дар пушти камаз моҳирона мошини худро зуд аз қатораш тоб дода ба тарафи ҷӯбор ҳай кард ва тормоз кашид. Ин тавр ӯ қаторашро аз садамаи пайи ҳам нигоҳ дошт. Ҳама мошинҳо дар як лаҳза аз ҳаракат монданд. Барои панҷ сония хомӯшии даҳшатнок ҳукмфармо буд.

Баъд ҳама мисли ба як нишон ба ҷунбиш омаданд. Дарҳои Опели сурх кушода шуданд ва ду мард ба пушти камаз давиданд, як автобус худро холӣ кард ва мардуми бешумор дар мобайни мошинҳо баромада кунҷковона ба камаз даррасиданд. Аз Волгаи сафед занаке ки бо чашмандози худ воқеаҳоро аз ҳама хуб дида буд, баромада дод зад:

- Ёри таъҷилиро чеғ занед! Канӣ, кӣ телефони дастӣ дорад? Ёрӣ диҳед. Вай мурд! Вай мурд!

Аммо ронандаи мошини боркаш бе ҷунбиш монда дар пушти рул бо назари шах ба пеш нигоҳ мекард. Марди чорпаҳлӯе дарашро кушод. Ронанда карахт шуда монд. Маълум буд, ки ӯ зери шок буд.

Шердил бо даҳони яла рӯйдодҳоро тамошо мекард. Ӯ дерфаҳм буд, ҳа, лекин ин дафъа ӯ зуд фаҳмид, ки падараш дар пушти рули камаз нишастааст. Меъдааш тоб хӯрд ва гарчанде ки ҳаво ҳанӯз гарм буд, ӯ хунук мехӯрд.

Он воқеаҳоеро ки акнун рӯй медоданд, мисли дар хоб мегузаштанд. Ҳангоматалабон аз ҳар ҷо пайдо шуда Шердилро тела дода аз вай мегузаштанд. Аз куҷое сиренаи милиса шунида шуд ва каме пас ёрии таъҷилӣ. Тамоми роҳ пури мардум шуд. Мошини милиса назди камаз истод ва ду корманди милиса фаромаданд. Дар дасти яке аз инҳо баландгӯяк буд.

Онҳо тамошобинони бекорхӯҷаро пеш мекарданд:

– Дар як тараф истед! Ба мошини ёрии таъҷилӣ роҳ диҳед!

Баъди ин огоҳӣ чорраҳа оҳиста холӣ шуд ва мошинҳо гирди ҷойи фалоқат ва мошини таъҷилӣ мегузаштанд. Ҳозир Шердил ба ҳаракат омад ва "Дада" фарёд карда бо шитоб назди камаз давид.

– Э бача, оё нашунидӣ? Аз ин ҷо баро! – бо қаҳр огоҳ кард корманди милиса ва таёқро бо таҳдид бардошт. Шердил мисли ҳамеша метарсид, вале падарашро дар мошини боркаш дониста, ҷуръат пайдо карда гуфт:

– Охир, падарам ронандаи камаз аст!

Мард бачаи меларзидаро бо чашмонаш санҷида фаҳмид, ки ӯ ҳақ мегӯяд ва ӯро пеши ҷои садама гузаронд. Шердил дид, ки падараш ваҳшатзада буд ва танҳо пастакак нобоварона ба худ гуфта меистод:

– Ман ӯро куштам. Ман ӯро куштам. Ман инро нахостам. Ман инро ҳеҷ нахостам.

Шердил пай бурд, ки падараш ӯро дарк намекард ва ӯ поида оҳиста нигоҳ кард, ки дар тарафи дигари мошин чӣ гап ҳаст. Дар таги камаз духтур велосипедрони беҳушро ламс карда ба ҳамкораш гуфт:

– Вай нафас кашида истодааст!

Духтури дуввум низ таги мошин хам шуд ва дар чор по наздик омад. Рӯйи велосипедрон хуншор буд ва либосаш даридагӣ ва олуда. Гарчанде ки дили мард метапид, ӯ беҳуш буд. Баданаш мисли мурда барин ба велосипед часпинда буд.

– Маро мешунавӣ? – аз маҷрӯҳёфта пурсид духтур.

Дар ҷавоб велосипедрон танҳо оҳ кашид. Мижаҳои захмхӯрда ба ҷунбиш омаданд, аммо чашмҳояш маҳкам мемонданд. Кам бошад ҳам, духтурҳо аз чунин изҳор розӣ буданд. Яке аз инҳо хеста гуфт:

– Ман насилкаро мебиёрам.

Дигараш бошад кӯшиш кард, ки бо мард гап зада тавонад. Барои гирду атроф чашмнорас буд, ки чӣ кор дар он ҷо мешавад, аммо духтур дучархаро ниҳоят оҳиста аз бемор ҷудо карда тавонист. Велосипедронро бо диққат ба насилка бор карданд ва онро сантиметр ба сантиметр аз таги мошин баровարданд.

Рӯйю ранги Шердил парид. Дар пешаш муаллим Раҳимов хоб буд. Бадани бузбалаи таъсирбахшаш ҳозир танҳо ба сояи одами бечора ва беқувват монанд буд. Рӯйи худи мард сап-сафед буд, аммо ҳама ҷо хуни хушкшуда мечаспид. Куртааш ним-даридагӣ буд. Маълум ки ӯ баъди парида афтиданаш дар замин болои шикам ғеҷида рафта буд.

Шердил карахт шуда монд. Барои чӣ муаллимаш тормозро накашида буд, вақте ки ҷароғак сурх нишон дод? Тормоз! Баногоҳ Шердил фаҳмид, барои чи не. Иброҳим! Шердил аз ин фикр талхакаф гардида бедор шуд. Ӯ тоб хӯрд ва давид. Ӯ то хона беист давид. Мардум аз пушташ нигоҳ мекарданд, вале бача назари онҳоро ҳис намекард. Ӯ ба баландошёна расида истод ва тез-тез нафас мекашид. Шикамаш зих зад. Наход... наход... Каллааш давр зад.

*«Ин танҳо хоб аст. Ман ҳозир бедор мешавам, ва мефаҳмам, ки ҳама чиз танҳо хоб буд»,* худро ором кардан хост ӯ. Чи гуна муаллим дар болои насилка хоб буд, аз фикраш баромадан намехост.

– Шердил! Биё! Нинича гиря дорад, – фарёди бетоқате аз балкон шунида шуд.

Шердил ба боло нигоҳ кард ва додарашро дид. Аз ҳодисаи ногаҳонӣ дар тарс монда, дод зад:

– Баха, тез аз балкон фуро, канӣ! Агар не, меафтӣ. Ҳозир пешат меоям.

Ин якум бор буд, ки Шердил ду зина якҷоя гирифта зуд ба дари квартираашон расид. Ӯ дарро пӯшид ва ба меҳмонхона даромад. Доди баланди хоҳаракаш ба гӯшаш расид. Вай ӯро аз гаҳвора бароварда ба оғӯш гирифт, ва чуноне ки модараш мекунад, ба ӯ суруди алайо хондан сар кард. Дилаш каме ором

шуд, вақте ки ӯ дарёфт, ки дари балкон маҳкам буд ва Бахтовар аз ошхона баромад.

Тақрибан як соат пас ҳам модараш, ҳам падараш аз дари хона даромаданд. Шердил то ҳол ба худ наомада буд, аммо вай ҳеҷ гоҳ иқрор шудан нахост, ки ӯ шоҳиди тамоми рӯйдодҳои нохуш буд. Барои ӯ ин баробари иқроршавӣ ба бадкории дастааш мебуд.

Падараш ба кӯдакон нигоҳ накарда рост ба хонаи хобаш даромад. Шердил хеле донистан мехост, ки ӯ худро чӣ хел ҳис мекунад, аммо бо ин савол худро мефурӯхт. Бинобар ин ӯ бо тифл дар даст ҳамроҳи додараш телевизор тамошо кардан давом медод. Модар бо назари тарсида ба меҳмонхона даромад ва кӯдакро аз дасти Шердил гирифт.

– Вай як шиша шир ҳамту хӯрд, – Шердил ба модараш фаҳмонд, вале ба ӯ нигоҳ накард. Вақте дасти ӯ дасти занро расид, бача ларзиданашро ҳис кард. Маълум буд, ки модар дар бораи садама хабардор буд.

– Раҳмат, Шердил. Ба дадаат чой ва нон бар, – бо овози хаста гуфт ӯ.

Шердил чой дам кард, якто нон гирифт ва назди падар рафт. Мард дар кӯрпачааш дароз кашида буд ва ба тирезаи балкон нигоҳ мекард – бо ҳамон назари шах. Ҳатто аз даромадани писараш ӯ хабардор нашуд.

– Дада? – пурсид бача бо эҳтиёт.

Мард сарашро базӯр бардошт ва “ҳм” гуфт, гӯё ки ӯ ба гӯш кардан тайёр аст. Чашмонаш бошад шишаро дӯхта намеҷунбиданд.

– Ягон чиз шуд? – дигар худдорӣ накарда савол дод Шердил. Мард хомӯш монд. Мӯйи сараш танҳо дар чаккаҳо сафед буд, вале ба назари Шердил ӯ дар ин ҳангом пир метофт. Хеле вақт мегузашт то мард даҳонашро кушояд:

– Ман имрӯз велосипедро задам.

Шердил намедонист, ки чиро гӯяд ва хомӯш монд.

– Аввал гумон кардам, ки савора мурд, вале баъд ӯро зинда аз таги мошинам бароварданд. Ман... ман... дар ин ҷиҳат айб надорам. Вай... аз сурх гузашт, – ошкор буд, ки мард барои худ худро сафед мекард, – вай метавонист мурад, ва ман...ман айбдор набошам ҳам, сабабгор мешудам.

Мард сарашро нобоварона ҷунбонд. Бача намедонист, ки чиро гӯяд. Соате ки дар болои тахтаи тиреза буд, ҷиқ-ҷиқ мекард. Кошкӣ вай доно мебуд, мисли Малик ё Хисрав! Инҳо ҳама вақт медонанд, ки чӣ кор кардан лозим аст. *Малик ва Хисрав...* Оё балое ки акнун рӯй дод, на аз ба хотири ин ду бача воқеъ шуда буд? Оҳиста майнаи сари Шердил ба кор даромад. Набошад, агар натиҷаи корҳояшон чунин бошад, бачагон мисли онҳо эҳтимол ҷӯраҳои хуб нестанд...

Гапи падараш ӯро боз ба худ овард:

– Ӯро ба Кара-боло бурданд. Духтурҳо нагуфтанд, ки ба ӯ чӣ шуд, аммо хеле умед ҳаст, ки сахти бад маҷрӯҳ нашудааст. Бисёраш рӯйякӣ будааст. Ман мехоҳам пагоҳ ба беморхона рафта ӯро хабар гирам. Оё бо ман меравӣ?

– Ман? – Шердил чашмони кулулаашро чормағз барин калон кушод. Барои чӣ ҳама вақт "вай"? Вале Шердил намедонист, чиро баҳона кунад, бинобар ин розӣ шуд.

– Мана нон хӯр, Шердил, – даъват кард ӯро падар.

Аммо Шердил хӯрдан нахост ва ҳам падараш не.

*

Олам бо дили сахти метапида занги квартираи Раҳимов пахш кард. Чанде пас дар кушода шуд ва як духтаре ки ӯро ҳоло дар майдони мактаб дида буд, дарро кушод. Чашмонаш сурх буданд, эҳтимол вай гиря карда буд.

– Салом. падарат ҳамин ҷост?

– Не, вай нест, – ба таври кӯтоҳ ҷавоб дод кӯдак.

Олам саргум истод. Ӯ нӯги попӯшияшро сӯрох кард.

– Вай кай меояд?

– На... намедонам. Навакак модарам пешаш ба беморхона рафт.

Агар ҳоло каме фикраш дар ҷояш буд, акнун бача худро тамоман гум зад.

– Ба вай ягон чиз шуд? – хавотир шуда пурсид ӯ.

Духтар рӯймолчааш дар пеши даҳонаш монда танҳо бо аломати тасдиқ сарро ҷунбонд. Чашмонаш аз ашк пур шуданд.

– Ман... ман инро намедонистам... Ман набошад ягон рӯзи дигар меоям...

Бача тоб хӯрд ва дар нимторикӣ тез аз зинапоя фуромад. Акнун ӯ умеди охиринашро аз даст дод. Агар Раҳимов нест... Набошад чӣ кор кунад? Ӯ аз хона баромад ва болои харак рӯ ба рӯи дегдони калон нишаст. Як барг аз буттае канда онро ба даҳон бурд.

*«Ба ҳар ҳол фикри ман хуб набуд, ки диламро пеши ягон кас холӣ кунам»,* ба худ гуфт Олам, *«Тақдири ман чунин аст: Ман бояд ин пул ба даст оварам. Ва ба дастаи Малик тоқат мекунам, танҳо як сол ва ҳашт моҳи дигар монд...».*

## 6 ШЕРДИЛ

– ...бинобар ин, бачаҳо, мо бояд муваққатан роҳбарияти синфи 10“в”-ро ба муаллими дигар супорем. Аз ин сабаб ман роҳбари шумо мешавам.

Иброҳим талхакаф шуда ба сухани директор Баҳромов диққат медод. Ҳатто туфтуфакашро аз кисааш набаровард. Камаз Умеди Раҳимовро зад! Ӯ нотавон ба ҷӯраҳояш нигоҳ кард. Малик худро мисли ҳамеша бе парво нишон медод ва вазни баданро ба як по гузошта, дастҳояш дар пеши синааш болои ҳам монд ва бо лаби каҷ гӯш мекард. Фирдавс баногоҳ бо галстукаш машғул шуд, гӯё ки ба ӯ гапи роҳбар муҳим нест. Хисрав лабашро хоида бо чашмони нимкоф ба рафтори ҷӯраҳояш нигоҳ мекард. Ӯ ҳеҷ гоҳ назорат аз даст намедод. Назараш ба дӯсташ Шердил афтид, ки навакак холӣ қулт карда обрӯвонаш боло карда мисли сагчаи бечора ба ҳар гапи директор гӯш мекард. Сари Хисрав хам шуда ба гӯши Шердил наздик омад. Ӯ гумонбарона пичирос зад:

– Ба ман нагӯ, ки ту ягон чизро намедонӣ.

Сари Шердил бо ваҳм боло рафт ва ҷоғаш канд.

– Ту маро фиреб карда наметавонӣ. Баъд ба ман чизеро ки медонӣ нақл кун, – талабид Хисрав ва меҳрубононатар илова кард, – дилат сабук мешавад, медонӣ.

Бо розигӣ Шердил сарашро ҷунбонд. Дар танаффус ӯ мехост гӯяд, ки ӯ аз даста баромаданист. Ҳа, инро дар танаффус мегӯяд.

Вале дарсҳо барои Шердили бадбахт зуд анҷом ёфтанд ва вақт барои тайёр кардани сухани кӯтоҳ ва хуб набуд. Акнун ӯ дар пеши тамоми гурӯҳаш меистод. Онҳо мисли ҳамеша назди водапроводи саҳни мактаб дар таги дарахтони қадпаст ҷамъ шуданд. Малик чун якум дар харак ҷо гирифт. Танҳо се кас меғунҷиданд ва албатта барои Хисрав ва вай ҳамеша ҷо буд. Барои Шердил албатта ҳеҷ гоҳ.

Хисрав Шердилро ба сухан гуфтан дилбардорӣ кард:

– Ту чизеро гуфтанӣ дорӣ?

Фарбеҳча охирин буридаи нон бо панирро газида, фурӯ бурд ва гуфт:

– Ман... ман хостам гӯям, ки... ҳм...

Чор кас ба ӯ нигоҳ карданд – на ҳама бо шавқ. Иброҳим бешармона ҳамёза кашид.

– Хайр, ман гуфтан мехоҳам, ки...

Фирдавс телефони дастияшро баровард ва хабарҳояшро нигоҳ мекард. Хисрав ба дӯсташ ёрдам додан хост ва гуфт:

– Ту ягон чизеро дар бораи садамаи Раҳимов медонӣ?

Шердил намедонист, чӣ хел ба бачаҳо гӯяд, ки ӯ аз дастаашон баромаданист, барои ҳамин розӣ шуд, ки дар бораи

фалоқати динангӣ гап занад. Чизеро ки дида буд, ӯ нақл мекард, аммо дар бораи кӣ будани ронандаи мошини боркаш ӯ хомӯш монд.

Бачаҳо ҳатто оромона гӯш мекарданд. Дар охири сухан Шердил гуфт:

–... ва барои ҳамин ман аз даста мебароям.

– Ҳэ? Шердил, ин ба дастаи мо чӣ дахл дорад? Ба ман бигӯ! – донистан хост Малик ва кафи дасташ боло кард.

Шердил саргум монда эътироз кард:

– Ин... мо будем-ку. Мо сими тормозашро кандем.

Вақте ки Малик пай бурд, ки бача қариб гиря кунад ва ба ҳар ҳол сиррашонро аз ягон муаллим нигоҳ дошта натавонад, ӯ хест.

– Мо? – худро тамоман ҳайрон монда сохт Малик ва бо рӯйи кушоду бегуноҳ сарашро ҷӯнбонд, – мо сими тормозашро накандем.

Нияти ӯро фаҳмида, Иброҳим ҳамроҳ шуда илова кард:

– Мо чӣ хел сими велосипедро меканем? Мо беақл нестем-ку.

Баъд ҳам Хисрав, ҳам Фирдавс гапи ҳамдастонашонро тасдиқ мекарданд.

Чунин баёнотро Шердил ҳеҷ гоҳ интизор набуд.

– Лекин... лекин Иброҳим ба анбор даромад, ва... ва Фирдавс посбонӣ мекард...

Малик зидди одаташ дастро дӯстона болои китфи Шердил монд.

– Мо баъзе корҳои нохуб мекунем, ҳа, аммо ин ҷо ту хато мекунӣ, медонӣ. – Суханаш ширин ба гӯш омад ва акнун ӯ чуноне ки ба кӯдак гап мезананд ҳар як калима оҳиста гуфт: – Мо гуфта будем, ки Иброҳим ба анбор рафта як сим биёрад ва ин ба Раҳимов диҳад.

Шердил лабашро як тараф боло карда аз пушти айнак чашми росташро пӯшид ва гуфт:

– Ҳэ? Ва ӯ бо ин сим бояд чӣ кор мекард?

Акнун Малик кӯмак ҷуста ба Хисрав нигоҳ кард. Охир, ба ин бача чиро гуфтан мумкин? Малик ноустуворона бо дастонаш мӯйи сарашро шона кард.

– ... то ки ба ӯ гӯяд: “Ана бинед, касе сими шуморо кандааст”. Албатта ин як сими оддӣ буд, на сими велосипед! Ин шӯхӣ буд, ту нафаҳмидӣ! – гапашро чунин тамом кард Хисрав. Ва ҳама бачаҳо хандиданду хандиданд ва шикамашонро доштанд.

Шердил бо чашмони кушод ба ҷӯраҳояш нигоҳ мекард ва намедонист, ки чиро фикр кунад.

Иброҳим дар байни ханда гуфт:

– Ва ту фикр кардӣ, ки мо чунин гандаем! Наход.

– Хуб, Шердил, мо нашунидем, ки ту аз дастаи мо рафтанӣ бошӣ. Акнун рафтем, ман ба ҳама як пирошкӣ мехарам, – эълон кард Хисрав ва сумкааш ба китфаш партофта аз харак ҷаҳид.

*

Иброҳим тамоми баъди нисфирӯзияшро дар интернет кафе бо компютербозӣ сарф мекард. Дар пеши экран худро парешонҳол сохта метавонист, ва ин дар моҳҳои охир одат шуда буд. Ӯ намедонист чӣ, аммо чизе ӯро доим ба тарафи компютер ҷалб мекард.

Пеш ӯ модарашро фиреб медод ва мегуфт, ки бояд реферат бинависад. Зан ба гапаш бовар карда ба ӯ пул медод, ки аз интернет маълумоти лозимиро гирад, аммо тобистони гузашта очаи Иброҳим фаҳмид, ки гап дар чӣ буд. Вале модар инро сарфи назар кард ва ҳеҷ чизро намегуфт. Бача ҳис кард, ки эҳтимол виҷдони зан ба ӯ азоб медиҳад. Ҳангоми майда будани Иброҳим вай аз шавҳараш ҷудо шуд. Модараш духтури баном буд, ва ба сабаби зеркор буданаш вақт барои Иброҳим ҷудо кардан душвор буд. Гоҳе ӯ ҳис мекард, ки модар

диққатеро ки ба писараш дода наметавонист бо ягон тӯҳфа ё бо пул пур кардан мехоҳад.

Аллакай дер шуда буд ва Иброҳим ба хона рафтан хост, аммо шояд даҳум бор ӯ ба худ мегуфт, ки ин бозӣ акнун охирон хоҳад буд, вале боз ва боз тугмаро зер карда аз нав сар мекард.

Интернет кафе аз одам пур шуд ва шиками гушна бачаро водор кард, ки дар ҳақиқат бозӣ карданро бас кунаду ба хона равад. Ӯ хест ва баромад. Берун торик буд ва шамоли нарм мевазид. Аз дурӣ баландошёна намоён буд. Ӯ тирезаҳои худро кофта, фаҳмид, ки чароғи ошхона гирён аст. Лампочкаи каммасраф нури сафеди дилгиркунандаро мепошид. *Модар аз кораш ҳанӯз омад,* хулоса баровард ӯ.

Айни кушодани дари квартира Иброҳим хӯрокро бӯид. Хомшурбо. Рост, ӯ саҳарӣ пеш аз ба дарс рафтанаш дид, ки модараш дар дег гӯшт ҷӯшонда буд.

– Омадӣ? – овози зан аз тарафи ошхона шунида шуд.

Бача попӯширо дар долони борикак кашид. Ғур-ғураш ҳамчун ҷавоб басанда шуморида ба назди модар рафт. Зани харобаки чаққон кабудиро реза карда истода буд. Модараш чуноне буд ки зани ҳозиразамон мегуфтанд: причоскаи кӯтоҳ, майкаи фасон ва ҷинси танг, туфли каплукдор ва нохунҳои дастонаш дарозу сурхранг кардагӣ. Гоҳе Иброҳим фикр

мекард, ки очааш аз ҳад мегузарад ва хубтар синни худро ба хотир меовард.

Модар ба писар зоҳиран ягон монандӣ надошт. Ва Иброҳим меҳисобид, ки ӯ ҳам ботинан мисли модар нест. Ба бача мегуфтанд, ки ӯ мисли падараш аст.

– Чӣ хелӣ, бачаам?

– Соз.

– Ана авқот тайёр шудааст, – эълон кард модар ва ду коса баровард ва хӯрокро кашид. Нони бозорӣ ҳанӯз дар пакет болои мизи сафед буд. Онҳо табуреткаҳоро аз таги миз баровардa нишастанд ва бе сухан хӯрок мехӯрданд. Фикрҳои Иброҳим ким-куҷо буданд, вақте ки модар сар кард:

– Афсӯс ман баъди якуми сентябр вақт наёфта будам, ки ба мактаб равам ва аз муаллимҳоят хабар гирам.

Иброҳим қошуқе ки ба даҳонаш дароварданӣ буд нигоҳ дошт ва бо шубҳа ба модараш як назари саргум равона кард. Модараш аз синфи якумаш ягон бор аз муаллимонаш хабар намегирифт. Акнун чӣ гап? Ӯ тахмин кард, ки дар зери гапаш чизе ҳаст. Бо чашмони нимкоф ӯ занро санҷид, баъд худро маҷбур кард, ки бепарвоёна хӯрдан гирад.

– Имрӯз ман бо роҳбари синфат шинос шудам.

Иброҳим сабзии сӯзонро дар даҳон майда кард.

– Онҳо ӯро баъди садамае ба беморхона оварданд. Ӯ велосипедрон будааст, медонӣ.

– Ҳм.

– Ӯ бо мошини боркаш бо ҳам зад.

– Ҳм.

– Ман ба мӯъҷиза эътибор намедиҳам, аммо намедонам, чиро гӯям. Ин ба ростӣ аҷоиб буд, ки ӯ зинда монд.

– Ҳм.

Модараш бо ҳайрат ба ӯ нигоҳ мекард ва даст бо қошуқ болои миз хобонд.

– Чӣ танҳо “ҳм”? – асабонӣ пурсид ӯ.

Бача сараш аз болои коса хамонда бо ҳар ду чашм танҳо як картошкаро дар шурбо медӯхт.

– Саҳарӣ онҳо дар мактаб дар ин бора гуфта буданд, – бетоқатона гуфт ӯ.

Модар бо ангуштҳо болои миз наққора зад. Мисли ҳамеша асабаш таранг буд.

– Ба ҳар ҳол метавонистӣ аҳволашро бипурсӣ, чунки инро ба ҳар ҳол дар саҳар ҳоло намедонистанд. Анализҳояш танҳо баъди пешин тайёр шуда буданд.

Зоҳиран бача тамоман бешавқ менамуд, аммо як овоз дар дилаш гуфт, хуб мешуд, агар ӯ мешунид, ки муаллим сахт зарар дидагӣ нест. Лекин агар баръаксаш бошад...?

– Хайр, набошад ӯ акнун чӣ хел аст? – аз даҳони бача баромад. Ӯ худро маҷбур кард, ки як лаҳза ба чашмони модар нигоҳ кунад.

– Вай хеле хубтар аст. Дасти чапаш шикаст, чунки ин дар таги велосипед монда буд. Ва тамоми баданаш харошидагӣ, аммо на сараш, на ягон ҷои дигар маҷрӯҳ шудааст. Танҳо як дасти шикастагӣ, ва ин баъди чунин садама! Одамони дигар ба сабаби воқеаҳои сабуктар мемуранд! Баъди нисфирӯзӣ ронандаи камаз бо писараш низ дар беморхона буд ва ба ман ба таври ҷузъӣ рӯйдодҳоро нақл мекард. Э ҳа, ту ронандаро низ мешиносӣ-ку.

Иброҳим фикрҳояшро хуб ҷамъ карда наметавонист ва базӯр ба сухани очааш диққат медод. *Кӣ, чӣ? Ронанда? Кадом ронанда?*

– Алишер Собиров. Онҳо дар бинои назди чорраҳаи мактаб зиндагӣ мекунанд. Бачааш як вақт ҳамсинфат буд, – зан фикр карду давом дод: – Лекин номашро дар ёд надорам.

Ӯ аз зиндагии писараш бехабар буд ва намедонист, ки онҳо то ҳол дар як синф мехонанд. Иброҳим кӯтоҳ меандешид: ронандаи мошини боркаш, Алишер Собиров, дар бинои назди чорраҳаи мактаб, ҳамсинфаш.

– Шердил? Шердил Собиров? – пурсид ӯ гумонбарона.

*Наход, ки Шердил дар ин ҷо низ ҳаст! Оё ба ғайр аз падари Шердил ронандаи дигар дар шаҳр набуд, ки Раҳимовро зада метавонист!*

– Шердил... Ҳа, ба фикрам Шердил ё Шерзод.

Баногоҳ тарс дили Иброҳимро фаро гирифт.

– Вай ягон чиз гуфт? – эҳтиёткорона пурсид Иброҳим ва кӯшиш намуд, ки мӯътадилона нонро пора кунад.

Модар чойникчаро гирифта ба худ чой рехтан мехост, аммо дар он ягон қатра намонд. Бинобар ин зан хеста аз пушташ гуфт:

– Ман тез як чойники дигар дам кунам.

Албатта айни ин лаҳза! Иброҳим ба пушти зан нигоҳ кард ва дид, ки вай қуттии чойро аз токча гирифт ва бо як қошуқча барги чойро ба зарф андохт. Мӯйи сари кӯтоҳашро ӯ бо ангуштҳои нӯгтез пушти гӯши гӯшвордораш кард ва интизор шуд, ки об маззаи чойро ба худ кашад. Асаби Иброҳим таранг шуд. Агар Шердил ягон чизро ба Раҳимов гуфтагӣ бошад...

Модараш тоб хӯрд ва бо чойи ҷӯш ба назди миз баргашт.

– Шердил? Не, Шердил ба ман ҳеҷ чизро нагуфт.

– Не, ман дар назар дорам, оё вай ба Раҳимов ягон чиз гуфт, – бо чашмони тоб мехӯрдагӣ аниқтар гуфт Иброҳим.

Зан нодон набуд ва бо зиракӣ савол дод:

– Барои чӣ ин бача бояд ба ӯ чизеро мегуфт?

Иброҳим худро дар дом ҳис кард. Ӯ худро акнун чӣ тавр халос кунад? Дар ин ҳангом телефони дастии модараш ғинг-ғинг кард. Зуд модар рақами телефонро дар экрани майда санҷид ва тугмаи гӯшакро зер кард.

– Лаббай, Салима, ин туӣ?

Модар гап зада хест ва ба хонаи худ даромаду дарашро пӯшид. Иброҳим медонист, ки сӯҳбатҳои модараш бо дугонаи ҷонияш дер тамом мешуданд, ва умуман бача шубҳа дошт, агар номи дугонааш дар ҳақиқат Салима буд ё танҳо Салим бе "а". Вале ин ба вай ҳозир муҳим набуд. Ба ҳар ҳол вай барои занги халалдор миннатдор буд.

Шердил чӣ мегуфта бошад?

## 7 АМАЛЁТИ “ФОНТАН”

Танҳо ду рӯз баъди ин воқеаҳо муаллим Бахромов бо рӯйи суп-сурх ба синфхона даромад. Ними талабагони синфи 10“в” дар ҷояш менишастанд, ва нисфи дигар аз тиреза ба сӯи саҳни мактаб хамида бо ханда дар берун чизеро тамошо мекарданд.

– Ҳама каса шинед! – бо овози баланд дод зад роҳбари мактаб.

Бачагон ба ҳаракат омада нохоҳ дар партаҳо ҷо мегирифтанд.

– Ба ман гӯед, ин боз кори кӣ будааст? – хост фаҳмад муаллим ва ба тарафи водапроводи ягонаи саҳни мактаб ишора кард, ки он фонтан барин обашро ба ҳаво пош мехӯронд. Маълум буд, ки касе оҳани кранро аз пояаш ҷудо карда канда буд.

– Мо дарси математика доштем, муаллим. Ягон кас аз синфи мо инро карда наметавонист, – дилпурона гуфт як бача бо мӯйи ҷингила, – аз синфи 10“а” пурсед.

Муаллим қатъиян сарашро ҷӯнбонд.

– Не, не, не, ман дар ин вақт ба онҳо дарс додаам. Ин бояд касе аз синфи шумо бошад! Кӣ дарси гузаштаро иштирок накард? – аз сардори синф пурсид ӯ.

Манижа хеста ба ҳамсинфонаш нигоҳ кард.

– Олам набуд, Фирдавс набуд. Ба фикрам, Иброҳим низ набуд.

– Муаллим, ман танҳо панҷ дақиқа ба ташноб рафтам, – худро сафед кард Фирдавс ва қошҳояш монанди сагча бардошт.

Иброҳим шикамашро дошта бо овози гирифта ба зӯр баровард:

– Мебахшед, муаллим, аммо ба фикрам ман чизи бадеро хӯрда будам ва хӯроки саҳариро партофтам. Агар розӣ бошед, ман беҳтараш ба хона меравам ва хоб мекунам.

Муҳим набуд, агар Бахромов ба дурӯғи ин ду кас бовар кунад ё не, фикрҳое ки вай нисабти Олам дошт, аллакай барои ҳукми том басанда буданд – ва дастаи Малик пешакӣ чунин меҳисобид.

Муаллим худро пеши партаи Олам бино кард ва дастонро дар пушташ дошт. Бо назари хордида гуфт:

– Олам, Олам Алиев! Оё ақлат дар ҷояш ҳаст? – мард худро ба зӯр нигоҳ дошта тавонист. – Ман... ман дар умрам чунин бачаи бераҳаро надида будам! Ҳанӯз моҳи сентябр аст, аммо корнамоии ту барои як сол мерасад! Фикр накун, ки Раҳимов ин дафъа дахолат карда метавонад. Вай ин ҷо нест. Ва агар ман туро аз мактаб пеш кунам, ягон кас туро дигар ба ин ҷо баргардонда наметавонад!

Олам гиребони муаллимро бо чашмонаш дӯхт. Ором буданаш қаҳри директорро шинонд. Каме бороҳаттар ӯ гуфт:

– Тез баро ва ба каравул ёрӣ деҳ, ки водапровод соз шавад. Аммо бидон, ман дар журнал як қайд мемонам. Ва агар боз ягон амал бошад, баъд бин...

Олам хест ва аз синф баромад. Баъди чанд дақиқа шибир-шибири об хомӯш шуд.

*

Даста дар саҳни мактаб ҷамъ шуд. Малик ва Хисрав водапроводро тамошо мекарданд.

– Офарин. Бачаи ҳалолкор будааст. – Онҳо хандаи баланд бароварданд ва худро табрик карданд.

– Ман ба шумо гуфта будам, ки диққати директор ба каси дигар ҷалб кардан лозим аст, – бо фахри аён гуфт Хисрав.

Малик қошҳои пайвандаш боло карда гапашро тасдиқ кард:

– Ҳа, Бахромов ягон сония шубҳа надошт, ки Олам айбдор аст. Бечора бача, вай танҳо ба ҳоҷатхона рафта буд.

– Аммо як чиз маро хавотир кард, – андешида гуфт Фирдавс.

– Чӣ? – ҳайрон монда пурсид Иброҳим.

– Агар боз ягон кор шавад, Оламро аз мактаб пеш мекунанд..., – шарҳ дод Фирдавс.

Малик бетоқатона гуфт:

– Хайр, равад. Ба мо чӣ? Оё дилат ба ин бача месӯзад?

Хисрав фикри Фирдавсро фаҳмида гуфт:

– Не, Фирдавс рост мегӯяд. Агар мо аз ҳад гузарем, Олам аз мактаб меравад ва мо қурбонӣ дигар надорем.

– Ҳамсинфи дигарро мегирем, – гарданшах гуфт Малик ва Иброҳим ба сӯханаш розӣ шуд.

– Не, не. Гӯш кунед. Мо қурбонии бисёр хуб дорем. Агар ягон коре мекунем, мо танҳо Оламро гумонбар мекунонем ва мо зарар намебинем. Ва ин кори осон аст, чунки директори мо оиди Олам аллакай ҳукм кардааст.

Дигарон ба фикр афтидаанд. Шердил худро тамоман дар ҷои нодуруст ҳис мекард ва дастонашро кашола карда пешу қафо ҷунбонд.

Чунин ҳаракат Иброҳимро асабонӣ гардонд.

– Э бас кун!

Шердил зуд дастонашро дар оринҷи ҳамдигар нигоҳ дошт ва намедонист, ки дастонро акнун куҷо кунад. Дар охир якто прияникии калон аз кисааш бароварда хӯрдан гирифт.

Хисрав давом дод:

– То аз беморхона баромадани Раҳимов Оламро ором мегузаронем. Дилам пур аст, ки Раҳимов баъд пушташро мегирад.

– Набошад роҳбари мо бояд зудтар аз беморхона барояд, – бо писханд гуфт Малик, – э, ягон кас аҳволашро фаҳмид?

Иброҳим бо ҳаловат ба Шердил ишора карда гуфт:

– Аз Шердил пурсед!

Фирдавс тоб хӯрда ба пушт назар андохт. Бо ҳайрат пурсид:

– Шердил, оё ту ягон чизро медонӣ?

Шердил дарҳол хӯрданро фаромӯш кард ва бо чашмони калон ва даҳони кушода, ки ба он себ меғунҷид ба ҷӯраҳояш нигоҳ мекард.

– Даҳонатро пӯш, бача! Оё ба ту одобро ёд надоданд? – бо нафрат гуфт Иброҳим ва аз бачаи мехӯрдагӣ рӯй гардонд.

Шердил даҳонашро зуд пӯшид ва луқмаашро яклухтона фурӯ бурд.

– Ман... ман намедонам...

– Ту ба беморхона пеши Раҳимов рафтӣ! Росташро бигӯ! Агар не,... – мушт бардошта, ӯро тарсонд Иброҳим.

Хисравс мобайн шуд ва бо назари тез Иброҳимро ба ҷояш шинонд.

– Шердилро нарас! Фаҳмидӣ!

Иброҳим сарашро каме хам кард ва дасташро фуровард.

Малики тундмизоҷ то ҳол танҳо онҳоро тамошо мекард, аммо акнун хунаш ба ҷӯш омад.

– Хисрав! Мон, Шердил гап занад. Мумкин ӯ ба Раҳимов ҳама чизро гуфт ва моро фурӯхт! – бесаброна гуфт бачаи қадбаланд.

Хисрав оромона сарашро ҷунбонд.

– Шумо чӣ асабонӣ мешавед? Охир, ҳатто агар ӯ ба Раҳимов чизеро мегуфт, мо дар ягон чиз айбдор нестем. Оё чунин нест? – Хисрав бо назари асроромезе ки Шердил онро дида наметавонист ба дигарон нигоҳ мекард ва мижа зад. – Хавотир нашавед. Ман бо Шердил сӯҳбат кардам. Ман ба вай маслиҳат дода будам, ки пеши Раҳимов равад, то аз ҳар гумонбарӣ халос бошем. Нашавад, ки онҳо фикр мекунанд, мо ба фалоқати муаллим дахл дошта бошем.

Нақшаи ӯро фаҳмида ҳама хомӯш шуданд. Ҳа, ин дар ҳақиқат фикри боақлона буд.

Дере нагузашта ҳама ба хонаи худ равона шуданд.

*

Шердил бо Хисрав ба дарвозаи мактаб расид. Кукуруз дар даҳонаш қарз-қарз овоз мебаровард. Байни хоиданаш ӯ пурсид:

– Хисрав, савол мумкин?

– Лаббай?

Шердил пакети кукурузро ба ҷӯрааш пешкаш карда, донистан хост:

– Барои чӣ ба дигарон дурӯғ гуфтӣ?

Хисрав як дона кукуруз фурӯ бурд.

– Кай?

– Навакак. Ту гуфтӣ, ки бо ман оиди Раҳимов сӯҳбат карда будӣ, лекин чунин набуд-ку.

– Оҳ ин. Ин танҳо стратегия аст, – фаҳмонд Хисрав.

Шердил ин калимаро якум бор шунида, саргум шуд.

– Стра... чӣ? Ин чист?

Хисрав дар як ҷо истода дасташро ба даруни пакети кукуруз даровард ва гуфт:

– Медонӣ, стратегия ин аст, вақте ту маро намефаҳмӣ, аммо ман барои фоидаи ту амал мекунам. Гапамро мефаҳмӣ?

Шердил лабу рӯ каҷ кард. ӯ ҳеҷ чизро нафаҳмид.

Хисрав боз сар кард:

– Гӯш кун, Шердил, танҳо ба ман бовар кун, ва ҳама чиз хуб мешавад. Майлаш?

– М...майлаш. Лекин... лекин ту донистан намехоҳӣ, ки Раҳимов чӣ гуфта буд?

– Ба ман чӣ лозим? Не, не, суханони муаллим дар мактаб барои ман басанда аст. Муҳим нест, ӯ берун аз мактаб боз чиро мегӯяд, – худро аз Шердил каме дур сохт Хисрав.

Айни хайру хуш гуфтан, Хисрав чандум бор аз худ мепурсид, оё дохил кардани Шердил ба дастаашон ақидаи хуб буд ё не. Пеш онҳо ҷӯраҳои хуб буданд, аммо ҳозир бо ин қадар дурӯғҳо...

Шердил аз пушти Хисрав нигоҳ карда дар ҷояш монд. Сӯҳбате байни падараш ва Раҳимов ба хотираш омад. Раҳимов фаҳмид, ки касе велосипедашро расида буд. Ӯ инро аниқ гуфт. Аммо ӯ низ гуфт, ки Исои Масеҳ ӯро нигоҳ дошт ва барои ҳамин аз ягон кас хафа нест. Баъд мардҳо ҳоло хеле дар бораи ин пайғамбар сӯҳбат мекарданд. Шердил хуб нафаҳмид, ки гап дар бораи чист, аммо барои вай аҷоиб буд, ки муаллимаш чунин ором ба фалоқаташ нигоҳ мекард.

Шердил бо чунин фикрҳо ва кукуруз овора буда пай набурд, ки Иброҳим аз пушти ӯ поид. Иброҳим то чароғаки калон аз паси ӯ камин гирифта мерафт. Сухани Хисрав ба ӯ маъқул нашуд. Модари Иброҳим ба ӯ нақл карда буд, ки падари Шердил Раҳимовро бо камаз зад ва ин сабаб шуд, ки падар ва писар ба беморхона ба хабаргирӣ омаданд, Хисрав бошад гуфт, бо маслиҳати ӯ Шердил пеши Раҳимов рафт.

*

Шаб буд ва торикӣ ҳама ҷоро фаро гирифт. Олам ба ҳар тараф нигоҳ мекард. Ӯ тез-тез нафас мекашид ва сандуқи дилаш боло ва поён мерафт. Дастонаш арақшор буданд. Ӯ худро ба девори хиштӣ часпонд, то сояи девор сояи бачаро фурӯ барад. Ӯ соати дастӣ надошт, аммо тахмин кард, ки соат аз 11 гузаштааст ва бобояш хоб рафтааст. Дар кисааш калиди мағозаи бобояш буд. Агар мӯйсафед ҳозир хезад... Олам ин фикрро то охир андешидан намехост.

Ин дар умраш якум бор буд, ки ӯ ба моли бобояш даст дароз мекунад. Ва инчунин охирин бор! Ақаллан ин тавр ба худ гуфт Олам. Не, вай мисли касони дигар нест, ки бо дуздӣ зиндагӣ ба пеш мебаранд, на Олам! Танҳо ин дафъа ӯ маҷбур аст, ки каме аз пули бобояш гирад. Росташ гуфта, ин каме набудааст. Айнан дусад сомон ба Олам лозим омад. Ӯ харитаи мактабиро қарздор буд ва инчунин каравул ба ӯ ҳисоботи крани навро дод.

Вай аз аввал ба мӯйсафед чизеро оиди ин гуфтанӣ набуд. Охир, ӯ бачаро ҷанг мекард, агар мефаҳмид, ки гуноҳи шахси дигарро ба гардани худ мегирад. Олам дар ин шаб дар пеши кунҷи мағоза худро одами бадбахтарин меҳисобид.

Ҳангоме ки дид, ки кӯча беодам аст, ӯ зуд калидро баровард ва ба қуфл гузошта онро тоб дод. Дар осонак кушода шуд ва Олам бемалол даромада тавонист. Ӯ бо эҳтиёт дарро аз

пушташ пӯшид. Бӯйи ҳазор чиз хонаро пур мекард ва ҳатто дар торикӣ токчаҳои пур-пур аён буданд. Дар қафои тахтаи фурӯшӣ бор то шифти хона мерасид. Олам ҳатто бо чашми пӯшида гуфта метавонист, чӣ дар куҷост. Дар дасти рост аввал консерваҳо, сонӣ шарбату нӯшокии ҳар хела, баъд майонезу кетчуп, дар мобайн ширинӣ ва нон, ва дар дасти чап айна ва собунҳо. Ва дар он ҷо таги як латтаи кӯҳна пул буд.

Рӯзона Олам онро аз касса, ки аз як куттии коғазин иборат буд, гирифт. Вақте ки инро ба кисаи шимаш андохтанӣ шуд, бобояш аз дар даромад ва бача аз тарс пулашро ба замин афтонд. Ӯ зуд мисли тир коғазҳои қиматбаҳоро болои як токча бо латтаи кӯҳна пӯшонд. Мӯйсафед дигар аз мағоза набаромад ва Олам маҷбур шуд, ки пулро монда ба хона равад. Аммо пагоҳ ӯ бояд дар саҳар ба дарс мерафт ва ризқ калон буд, ки мард онро дар таги латта ёбад. Бинобар ин Олам дар шаб ба мағоза омад.

Ӯ худро хеле паст ҳис мекард. *«Охир, танҳо як борак»*, худро ором кард Олам ва даст-дасткунон латтаро ҷуст. Дар охир онро дар таги як пачка айнасобун ёфт. Пули коғазин ҳатто бӯйи собун мекард.

Ногаҳон дар берун як нур пайдо шуд ва тамоми мағозаро равшан гардонд. Олам талхакаф шуда болои зонуяш афтид. Ӯ ларзида ба рафҳои аён нигоҳ кард. Нур оҳиста ҷунбид ва ӯ

фаҳмид, ки танҳо фари мошини мегузашта хонаро барои чанд соня равшан карда буд. Дилаш чунин тез метапид, ки бо даҳони кушода нафас кашид.

Боз ҳама чиз ором шуд. Дар торикӣ ҳисоб кардан мушкил буд ва Олам коғаз ба коғаз бардошта тахмин кард, ки қиматаш чӣ қадар бошад. Баъди ҷудо кардани чандин коғаз ӯ фаҳмид, ки рӯзона дуруст ҳисоб карда буд. Ногаҳон як фикр ба каллааш ворид шуд: *«Олам, пулро нагир. Охир, агар бобоят инро фаҳмад, дилаш мешиканад»*. Пул дар даст ӯ хеле меистод. Ӯ намедонист, чӣ қадар вақт ин тавр мегузашт. *«Гирам? Нагирам?»* – ба худ савол дод Олам. Не, ӯ наметавонад пулро нагирифта равад. Вай бояд аз қарзаш халос шавад. *«Ягон рӯз инро бармегардонам, ягон рӯз...»,* – ба худ ваъда дод ӯ. Даррав латта бо пули мондагӣ ба ҷойяш гузошт ва суми лозимиро ба кисаи шимаш тӯконду зуд аз ҷойи амалдорияш баромад. Чӣ қадар тезтар, он қадар хубтар. Ӯ аз мағоза баромад, зинапояро фуромад ва рост ба хонаи бобояш рафт.

*

Саҳни мактаб аз талабагон пур буд. Қатор нав сар шуда буд. Фирдавс ба Малик бо чашмонаш ишорае равона кард ва пичирос зад:

– Вайро дидӣ?

– Ҳм, – тасдиқ кард бача ва бо оринҷаш Хисравро оҳиста тела дод.

Ӯ сарашро хамида ба гӯшаш гуфт:

– Ана, вай аз дар баромада истодааст.

Хисрав сарашро бардошт ва мардеро бо қомати афсар барин дид. Дасташ дар гипс буд, дар як тарафи рӯйяш ҳанӯз пайи сусте аз фалоқат шаҳодат медод. То нобуд шуданаш ҳоло ду, се ҳафтаи дигар лозим мешаванд. Ана, Раҳимов аз беморхона баромадааст. Хисрав намедонист барои чӣ, лекин ӯро ким-чӣ хел ҳисси хурсандӣ фаро гирифт.

Дар ин ҳангом Шердил низ роҳбарашонро дарёфт ва ба Хисрав аз тарафи дигар бо шавқ гуфт:

– Э Хисрав, Раҳимов омад.

Хисрав дониста оромона сарашро ҷунбонд. Ва Иброҳим... Иброҳим имрӯз қарор дод, ки аз саҳар ба интернет қафе дарояд ва ба дарс наояд.

Хисрав барои ҳамдастааш гоҳе хавотир мешуд. Оё Иброҳим вобастагии ҷиддӣ оиди бозиҳои компютерӣ дошта бошад? Вай дар бораи ин гуна чизҳо хонда буд, вале то ҳол инро бовар намекард. Аммо ошнояш хеле вақт дар пеши экран мегузаронд.

– Рӯзи тантана, рӯзи хурсандӣ, – эълон кард директор Бахромов, – муаллим Раҳимов назди мо баргаштааст. Аз имрӯз ман боз роҳбарияти синфи 10“в”-ро ба он кас бармегардонам.

Номаълум буд, агар Бахромов аз баргашти Умед Раҳимов чунин шод буд ё аз ба ӯ баргардонидани синфро.

## 8 НАВИГАРИИ АҶОИБ

Ҳафтаҳо бешавқ мегузаштанд ва ҳаво сард шуда буд. Фирдавс бо ду хоҳараш сари дастархон менишаст ва модарашон манту бо каду дар як табақ оварда пеши фарзандонаш монд. Зан ба ошхона баргашт ва кори хонаро давом медод.

Ҳама хомӯш буданд ва оромона хӯрдан гирифтанд. Фирдавс ба хоҳари калонияш, Лола, нигоҳ мекард. Вай дувоздаҳсола буд. Як сол пеш мошин ӯро зад ва ин сабаб шуд, ки ӯ нобино шуд. Духтурҳо бошад гуфтанд, ки агар вайро чароҳӣ кунанд, биноишаш бармегардад ва солим шуданаш мумкин аст. Ин умеди калон дар падару модар бедор кард.

Аммо 500 доллар аз куҷо ёфтан мумкин аст? Бинобар ин падари Фирдавс барои коркунӣ ба Москва рафт. Ӯ ҳамчун кафшерчӣ метавонад дар сохтмонҳои Русия кор пайдо кунад – ақаллан тағояш чунин гуфта буд. Дили Фирдавс ба хоҳараш месӯхт, ҳа, аммо рафтани падараш барои ӯ ба барбодшавии тамоми дунёяш баробар буд.

– Фирдавс, талабаи наве ки дар синфи мо дорем, аҷоиб аст, - ногаҳон сар кард хоҳари хурдиаш Нилуфар.

Акааш даст ба табақи ҷӯбин андохта бе шавқ пурсид:

– Барои чӣ?

Нилуфар назари холӣ ба дастархон равона кард ва ноустуворона гуфт:

– Рафтораш ким-чӣ хел аст.

– Чӣ хел? – акнун ҳам Лола фаҳмидан хост. Ӯ аз ба хотири нобино буданаш аз мактаб монд ва хеле завқ дошт, ки дар он чо чӣ гап аст.

– Имрӯз мо дар танаффус бозӣ мекардем. Ин духтар, номаш Марям, яхмос мехӯрд. Баногоҳ як талабаи синфи 9 омад ва ӯро чунон тела дод, ки яхмосаш аз дасташ афтида доманашро ҷазир кард. Медонӣ, бе сабаб, бе ҳеҷ чиз. Ман чунин хафа шудам, ки бачаро ҳакорат кардам-ки... Аммо медонӣ, чӣ шуд? Ба ҷои ки ин духтар бачаро ҷанг кунад, маро ислоҳ кард ва гуфт, ки ҳакорат кардан хуб нест!

– Бе шӯхӣ? – доинстан хост Лола ва мӯйи сари сиёҳи бофта ба пушт андохт.

Фирдавс нонро шикаста, ба хоҳаронаш дароз кард ва хомӯшона хоид. Ҳуши ӯ дар ким-куҷо буд.

– Баъд ман аз ӯ пурсидам, ки барои чӣ аз ин бача хафа намешавад. Медонед, ки ӯ чӣ гуфт? – Албатта онҳо намедонистанд, чунки Нилуфар инро ҳоло нагуфта буд, – вай гуфт, мо бояд душманамонро дӯст дорем!

– Чӣ хел? – Лола фикр кард, ки нодуруст шунид.

– Ҳа, гӯш кун, ки ӯ боз чӣ гуфт. Ӯ гуфт, вай пайрави Исои Масеҳ аст, ки чунин фармон дод, – чашмони сиёҳи Нилуфар барқ мезаданд, қариб ки мисли чашмони Малик, фикр мекард Фирдавс.

– Ин чӣ хел фаҳмидан мумкин аст? – пурсид Лола ва чашмонаш бардошта рӯяш ба Нилуфар гардонд, гӯё ки ӯро бо чашмонаш мебинад.

Модари онҳо ба меҳмонхона даромад ва назди фарзандонаш ҷо гирифт.

– Аниқашро ман намедонам, – давом дод Нилуфар. – Ман танҳо як бор шунидам, ки чунин одамонро масеҳиён мегӯянд.

– Ин чизи бад ё хуб? – ҳайрон шуда пурсид Лола.

– Чизи бад, – бо даҳони пур ғур-ғур кард Фирдавс.

– Ин тавр нагӯй, Фирдавс. Ба хотир овар, ки духтуроне ки хоҳаракатро диданд, низ масеҳӣ ҳастанд, – эътироз кард модараш. Дар пешонааш боз бисёртар чинҳо пайдо шуданд. Ӯ пир буд ва дер фарзанддор шуда буд.

– Хайр чӣ? Лола то ҳол намебинад-ку, – якравӣ карда гуфт Фирдавс ва ба худ чой резонд. – Оча, чой?

– Не, раҳмат, бачаам. Аммо бин, агар ин духтурҳо дар бораи ин ҷарроҳӣ гап намезаданд, Лола беилоҷ мемонд, – ҳангоми ин сухан модар назари дилсӯзона ба духтараш равона кард.

Фирдавс гуфтан хост, ки акнун ана ин духтурҳо охир айбдоранд, ки падараш ба Русия рафт. Агар ӯ оиди ин ҷарроҳӣ намефаҳмид, ба ӯ пул лозим намеомад. Вале бача хомӯш монд ва боз бо назари холӣ ба расми гулҳои сурхи кашидаи дастархон нигоҳ мекард.

Нилуфар норозӣ шуд, ки ӯро дигар ба эътибор намегиранд, бинобар ин гуфт:

– Медонед, ки ин Марям кист? – шунавандагон намедонистанд, оё инро дар ҳақиқат донистан мехостанд, – насабаш Раҳимова. Вай духтари роҳбари синфи шумо.

Сари Фирдавс боло рафт. Зоҳиран маълум буд, ки сараш ба кор даромад.

– Чӣ мегӯӣ? – овози бача ҷарангос зад, – оё Раҳимов ҳам масеҳӣ аст?

Нилуфар  ба шубҳа афтид ва ноустуворона ҷавоб дод:

– На... намедонам, хеле мумкин-ку.

Фирдавс аз ин навигарӣ дигаргун шуд. Барои як чанд вақт шояд ёдгории падараш аз хотир бароварда метавонист. Магар ин хабар барои гурӯҳаш шавқовар нест?

*

Пагоҳӣ ҳамдастон ҳангоми танаффус таги дарахт назди водопровод ҷамъ шуданд. Шердил якум буд, ки ба назди Малик расида буд - дар дасташ як самбуса.

– Шикамдам, ба ман бигӯ, магар туро бе чизе дар даҳон дидан мумкин аст? Мехӯрӣ – мехӯрӣ. Оё наметарсӣ, ки ягон рӯз мекафӣ? – писханд карда пурсид Малик.

Худ ба худ назари Шердил ба шиками худ рафт гӯё ӯ санҷид, ки вазни зиёдатияш чӣ қадар маълум бошад.

– Хайр, чӣ кунам? Хӯрданро нағз мебинам... – софдилона иқрор шуд Шердил ва чашмонашро поён кард.

Малик дар пушти Шердил Хисрави омадаро дид ва гапҳои нохуше ки ҳоло тайёр дошт, нагуфта фурӯ бурд.

– Дар дарси охир аз зиқӣ қариб мурдам-э, – ба ошноҳояш гап партофт Хисрав.

– Барои чӣ? Ман фикр мекунам, ки ту химиёро нағз мебинӣ. Падарат муаллими химиё. Дарсҳояш ин қадар бад неку, – эътироз кард Малик.

– Агар инро аз майдагият боз ва боз шунавӣ..., – Хисрав чашмонашро тоб хӯронд ва худро болои харак афтонд.

Иброҳим ва Фирдавс якҷоя аз дари иморат ба саҳни мактаб баромаданд. Ҳар ду ҷиддӣ сӯҳбат доштанд ва бо ишорати дастон гапи худро ба ҳам аниқтар мекарданд. Гурӯҳашон онҳоро тамошо мекард.

– Оё ин ду касро мебинед? Ба фикрам аз зиқӣ боз шифо меёбам. Агар инҳо каллаҳояшонро ба фикр кардан маҷбур кунанд, дар мактаби мо ягон воқеа рӯй медиҳад, – хандида гуфт Хисрав.

Шиками Шердил тоб хӯрд. Ӯ дилпур набуд, агар ӯ боз чунин воқеаҳоро хоҳон аст.

– Эй бачаҳо, чӣ гап? – бо қошҳои боло ҷавобро талабид Малик, вақте ҳардуи онҳо наздик шуданд.

Фирдавс ба Иброҳим назар андохт ва ӯ фаҳмид, ки ӯ бояд гапро фош кунад.

Ӯ бо овози маҳфӣ гуфт:

– Мо бояд ҳоло далелҳоро ҷамъ кунем, аммо мо гумонбар мекунем, ки роҳбари мо масеҳӣ аст.

На ҳама бачагон ин суханро маънидод карда тавонистанд – Иброҳим танҳо навакак аз Фирдавс дар бораи масеҳиён маълумот пайдо кард.

Шердил ҳис кард, ки агар ӯ ҳеҷ чизро нагӯяд, боз қафо мемонад ва ҳама ӯро беақл мегӯянд. Ӯ намедонист, ки масеҳӣ чист. Эҳтимол, ин касалии хатарнок аст ё ягон айби дигар. Вале аз рӯи гапи Иброҳим ӯ фаҳмид, ки ин ба ҳар ҳол чизи манфӣ аст.

– Наход! – бо ҳайрат баровард Шердил.

Малик аз ҷояш хест ва ба ҷӯраҳояш бо чашмони ҷилодиҳанда гуфт:

– Инро аниқ кардан даркор аст. Ман аз шарманда кардани Олам монда шудам. Мо беҳтар кам-кам ба Раҳимов диққат диҳем. Ба мо роҳбари масеҳӣ чӣ даркор аст? – бо нафрат савол дод Малик.

– Ҳа, рост, ба мо чӣ даркор аст? – тӯтӣ барин такрор кард Иброҳим.

– Хисрав, чӣ мегӯӣ? – пурсид Иброҳим ва мушти худро ба дасташ зад.

Ҳеҷ кас нафаҳмид, ки рӯю ранги Хисрав якбора парида буд. Ӯ худро тез ба даст гирифт, аммо хомӯшии Хисрав ба ҳар ҳол ғайриоддӣ буд. Асосан сари ӯ хуб ва тез кор мекард. Малик аз

кашол додани ҷавоби ошнояш огоҳ ёфта, бесаброна донистан хост:

– Магар ту тарафдори масеҳиён ҳастӣ?

Хисрав оҳиста сарро ҷунбонда, бо назари устувор ба Малик нигоҳ мекард.

– Не, ман тарафдори онҳо нестам. Аммо ман фикр мекунам, ки хубтараш аз ҳад нагузарем, – бо овози ҷиддӣ шарҳ дод Хисрав. Бинии чангаки ӯ назарашро қатъитар мегардонд.

– Буздилӣ-чӣ? – ҳавобаландона бо нафрат пурсид Иброҳим.

Даста доираашон гирди Хисрав, ки менишаст, маҳкам кард.

– Ман буздил нестам, – ранҷида гуфт Хисрав ва бо овози паст давом дод, – ин ҳамаи шумо медонед. Кӣ порсол нақша кашида буд, ки ҳангоми қаторшавии саҳарӣ сиренаи сӯхтор дармегиронад, то мошинҳои оташбардорон биоянд? Ва кӣ тавонист кунад, ки роҳбари собиқи синфамон аз мактаб пеш карданд? Не, ман буздил нестам, лекин дар ин маврид... намедонам.

– Хисрав! Бе ёрдами ту мо наметавонем фаҳмем, ки ӯ масеҳӣ аст ё не. Шояд ба воситаи падарат ту инро фаҳмида метавонӣ. Вай муаллим аст-ку.

– Баногоҳ ин ба ҳамаи мо мегузарад ва мо мемирем, – бо фикри он ки гап дар бораи як касалии марговар меравад, тарсида гуфт Шердил.

– Чӣ? Чиро мегӯӣ? – бетоқатона пурсид Иброҳим ва чашмонашро тоб хӯронд. Кафи даст кушода, ӯ пурсид: – Э, ба ман гӯед, ин беақл дар гурӯҳи мо чӣ кор мекунад?

Шердил заминро дӯхт ва забони худро газид. Барои чӣ ӯ саросема гап зад? Хисрав дахолат карда хест ва пушти дӯсташро гирифт.

– Шердилро мон. Фаҳимдӣ? – Бо садои таҳдидкунанда гуфт Хисрав. Одати ӯ набуд, ки дастбагиребон шавад, ва бинобар ин ҳам ҳозир мушташ дар кисааш монд.

Малик дастонашро ба камараш гузошта бо сари бардошта ва бо назари тез Иброҳимро шинонд. Хисравро аз даста гум кардан лозим набуд.

– Бас кунед! Майлаш, Хисрав, мо фаҳмидем, ки ту дар ин маврид ёрдам додан намехоҳӣ. Лекин набошад, моро нафурӯш ва ба нақшаҳои мо халал нарасон, – худро нишон дода гуфт Малик.

– Хуб. Ман намехоҳам ба ин кор омехта шавам. Танҳо як чизро мегӯям: рӯзҳои сешанбе Раҳимов аз хонаи мо мегузарад. Баъди фалоқат ӯ ду ҳафта намерафт, аммо баъд боз чунин мекунад.

– Хайр, чӣ? – гаранг шуда пурсид Фирдавс, – ин мумкин нест-чӣ?

– Не, танҳо дар китфаш гитара дорад, – мӯътадилона илова кард Хисрав.

– Шояд ӯ дар операбалет кор мекунад? – аз даҳони Шердил баромад.

– Дар операбалет? – масоҳ намуда такрор кард Фирдавс. Ӯ бо кафи даст пешонаи худро зад. – Э кӯдак, дар операбалет гитара наменавозанд!

Шердил боз лабашро газид. Ӯ бисёр чизро намефаҳмид – ӯ ҳатто худро дигар намефаҳмид. Ӯ дар як тараф нисбати даста ҳиссиёти бад пайдо кард, лекин дар тарафи дигар аз они онҳо будан хост.

Хисрав ба ин нигоҳ накарда, ҷиддӣ фаҳмонд:

– Раҳимов дар баландошёнаи сабз зиндагӣ мекунад. Мо бошем дар ҳавлӣ. Дар маҳаллаи мо дар кӯчаи Ҷонбегим ҷое ҳаст, ки дар он ҷо масеҳиён ҷамъ мешаванд. Роҳбари мо рӯзҳои сешанбе тақрибан соати панҷ ба он ҷо меравад ва ду соат пас аз он самт меояд. Ана гапам ҳамин. Кори дигарро худатон фикр кунед.

Чашмони Малик барқ заданд. Ин хел осон! Набошад рӯзи сешанбеи меомада дастаи онҳо камин мегирад. Ҳама бояд бошанд, ҳама ба ғайр аз Хисрав Сулаймонов.

## 9 ҶОИ МАХФӢ

Даҳто кам панҷ Малик дар назди мағозаи “Манзур” дар интизори ҳамдастонаш буд. Гар чанде дӯкон мағозаи бобои Олам бошад, ин бисёр вақт нуқтаи ҷамъшавияшон буд ва имрӯз ин ҷой бисёр кулай буд, чунки ин пеши чорроҳаи кӯчаи Ҷонбегим воқеъ аст. Якум ҳамроҳ Фирдавс буд, ки дастонаш дар киса дошта баҳузур аз кунҷи роҳ баромад. Иброҳим аз тарафи дигар даррасид. Ӯ сакиҷ хоида ба назди зинапояи мағоза омад. Онҳо ба ҳамдигар *панҷ дода*, салом мекарданд.

Чуноне ки Малик инро интизор буд, Шердил бо чипси аз мағоза баромад. Ба ӯ чунин менамуд, ки Шердил дар харид барқасд дер кунад. Эҳтимол, бо роҳбари даста танҳо мондан нахост-чӣ?

– Хисрав гуфт, ки Раҳимов аз ин тараф меояд ва ба он тараф меравад, – бо ишораҳои мувофиқ ба ҷӯраҳояш худписандона фаҳмонд Малик, – акнун мо бояд фикр кунем, ки дар куҷо пинҳон шавем.

Мағоза дар назди чорроҳа буд. Худи кӯчаи Ҷонбегим дар ҳар ду тараф аз ҳавлиҳо иҳота буд. Дарахтони қадпасту камсоя роҳро ороиш медоданд. Бачагон фаҳмиданд, ки ёфтани ҷо барои камин гирифтан осон набуд. Офтоб фурӯ рафта бошад ҳам, ҳама ҷо равшан буд ва ягон кунҷи торик набуд, ки ин чор касро мепӯшонд.

*«Хисрав чӣ кор мекард?»* – Ба худ савол дод Малик. Ӯ аз набудани Хисрав хеле норозӣ буд ва худро мисли бе сару по ҳис мекард. Иброҳим ва Фирдавс ҳамдастони бад набуданд, лекин онҳо танҳо дар иҷрокунӣ зӯр буданд, ва Шердил... хайр, Шердил, аз ӯ ягон умед набуд.

Иброҳим қавоқашро андохта гуфт:

– Малик, чӣ даркор аст, мо худро пинҳон кунем? Мо танҳо ҷосусӣ мекунем-ку. Ӯ намефаҳмад, ки мо махсус ба хотири ӯ дар ин ҷоем.

– Рост мегӯӣ. Мо худро воменамоем, ки танҳо шоколад харидем ва тасодуфан айни гузаштанаш дар ин ҷо ҳастем – тамом, – бо фикри Иброҳим розӣ шуд Фирдавс.

Ба Малик нағзтар мебуд, ки онҳо аён намебуданд, аммо беилоҷ монда ба онҳо розӣ шуд. Чашмони Шердил аз пешниҳоди харидани шоколад ҷило медоданд. Ин Маликро асабонӣ мекард, вале ӯ ҳеҷ чизро нагуфт ва фармон дод:

– Рафтем ба мағоза, вақт шуд.

Як дақиқа пас қариб ки тасодуфан даста дар берун назди зинапоя истода коғази шоколадро кушоданд. Иброҳим якум буд, ки муаллимашонро дид.

– Обекти амалёти мо омада истодааст, – пичирос зад ӯ.

Дигарон кӯшиш карданд, ки бо назари холӣ ва бешавқ оҳиста ба Раҳимов нигоҳ кунанд. Чунон ки Хисрав гуфта буд, роҳбари синф аз самти баландошёнаҳо бо гитара дар пушташ омада истода буд. Мӯйи сараш мисли ҳамеша бо тартиб ба қафо шона карда ва қадамаш устувор буд, танҳо дар танаш ба ҷои костюм куртаи кабуди баланд буд. Маълум буд, ки ӯ талабагонашро шинохт. Барои онҳо ҳайратовар буд, ки муаллим чун аввалин ба онҳо табассумкунон салом дод:

– Салом, бачаҳо. Чӣ хелед?

Онҳо бо назари нохоҳ ғур-ғур карда гаперо ки ба "салом, муаллим" монанд буд, бароварданд ва ба тарафи дигар нигоҳ карданд, гӯё ки аз дидани муаллими худ дилгир шуданд. Шоколад аз муаллим дида ба назари онҳо муҳимтар тофт. Раҳимов аз онҳо гузашт ва ба кӯчаи Ҷонбегим даромад.

Бачагон нафаҳмиданд, ки роҳбари синф чуқур нафас кашида ба худ савол дод, ки оё ба онҳо ягон чизро гӯяд ё не.

Баъди бист, сӣ метр ӯ ба як дарвозаи нуқрагин даромад ва ғойб зад. Акнун бачаҳо ба ҳаракат омаданд.

– Тез аз пушти ман, рафиқон, – коғази шоколадро ҳаво дода фармон дод Малик ва худро хеле муҳим гирифт.

Иброҳим барқасд оҳиста хест. Шояд ба роҳбари дастааш нишон додан хост, ки ӯ худаш қарор мекунад, кай аз пушти кӣ меравад.

Ҳама равона шуданд. Онҳо то ҳавлии рақами 5 расиданд, аммо пеши дарвозаи нимкоф истода, намедонистанд, ки акнун чӣ кор бояд кард. Ҳавлӣ аз ҳар ду тараф бо ҳавлиҳои дигар ҳамҳад буд.

– Яке аз мо бояд дарояд ва фаҳмад, ки дар он ҷо чӣ кор мекунанд, – фаҳмонд Малик.

– Рост мегӯӣ, – розӣ шуд Иброҳим. – Ман мерафтам, лекин ба фикрам маро дар ин маҳалла ҳама мешиносанд, – баҳона баровард ӯ.

– Ман ҳам мерафтам, лекин қади ман баланд аст ва худро хуб пинҳон карда наметавонам, – тез илова намуд Фирдавс, ки баробари Иброҳим аз даромадан тарсид. Бачаҳо аз худ мепурсиданд, ки масеҳиён ҳангоми ҷамъшавияшон чӣ мекарда бошанд?

– Чӣ? Ман равам? – овози пасти Малик ҷарангос зад. – Охир ман роҳбарам!

– Биёед, Шердил, равад, – аз ноилоҷӣ пешниҳод кард Иброҳим.

– Аз Шердил ягон фоида нест, – эътироз кард Фирдавс.

– Рост, вай ҳеҷ чизро намефаҳмад, – тасдиқ кард Малик.

Онҳо чунон гап заданд, гӯё ки Шердил нест. Шердил ҳеҷ гоҳ ба он ҳавлии пурасрор даромадан намехост, лекин аз пасткунӣ монда шуда гуфт:

– Шумо барои чӣ фикр мекунед, ки аз ман фоида нест? Охир, ман беақл нестам. – Қариб мешуд, ки аз даҳонаш дод мебаромад.

Роҳбари даста лаби худро бо ду ангушт нигоҳ дошта бо назараш Шердилро санҷид. Маълум буд, ки ягонто аз дигарон ин вазифаро ба худ гирифтан нахостанд. Хуб. Кӣ медонад, ки дар он чо онҳоро чӣ интизор аст? Агар Шердилро дастгир кунанд, ба гурӯҳи онҳо зарар намерасид. Пушти ӯро албатта намегиранд...

– Набошад, Шердилҷон, ту ба мо нишон деҳ, ки ту тарсончак нестӣ. Даро, – фармуд Малик ва ӯро тела дод.

Шердил нафаҳмид, ки ӯ барои чӣ ба ин қадам розӣ шуд, аммо ӯ ҳеҷ вақт зудфаҳм набуд. Ногаҳон ӯ худро дар даруни як ҳавлии бегона ёфт.

Дар маркази ҳавлии на он қадар калон як хонаи сафеди оддӣ буд. Тирезаҳояш чорчӯби кабуди кӯҳна доштанд. Дар гирди хона гули садбарг шинонда буданд ва дар назди водапровод мобайни даромадгоҳ ва дарвозаи ҳавлӣ токи ангур қад мекашид. Тирамоҳ буд ва маълум буд, ки авҷи шукуфтану мева кардани растанӣ ба анҷом мерасид. Хомӯшии том ҳукмфармо буд ва ӯ оҳиста ба як тарафи бино наздик шуд.

Табақаҳои тиреза кушода буданд ва бача дар таги якто пичир-пичирро шунида истода интизор шуд. Баногоҳ касе дар даруни хона як шумора гуфт ва як тӯб мардум сурудхониро сар карданд.

Аввал Шердил тарсид ва дилаш сахт метапид, аммо айни шунидани ин оҳанги бегона ва форам ӯ ором шуд ва ҳатто аз гӯш кардан ҳаловат мебурд. Оромӣ боз хонаро фаро гирифт ва касе шумораи дигареро гуфт. Мисли якум бор акнун боз ҳофизӣ давом дод. Ба гумони ӯ асбобҳои мусиқӣ низ навохта шудаанд.

Баъди суруди сеюм ӯ аз кунҷковӣ ба тиреза часпид ва оҳистакак сарашро бо эҳтиёт каме бардошта ба даруни хона нигоҳ кард. Дар он ҷо тақрибан бист, бисту панҷ нафар, аз ҷавон то пир, марду зан, дар рӯи қӯрпача гирди хона нишаста буданд.

Сараш танҳо то чашмонаш намоён буд. Воменамуд, ки ҳама бо сурудхонӣ банд буда сарҳояшонро поён карда ба китобҳо назар меандохтанд. Дар як кунҷ ӯ муаллими худро дид, ки гитара менавохт. Ногаҳ муаллим назарашро бардошт ва чашмони онҳо вохӯрданд. Ҳар чӣ зудтар сари Шердил поён рафт. Ӯ дудила монд ва намедонист, ки чӣ кор кунад.

Дигарон албатта интизор буданд, ки ӯ ҳоло камтарак бимонад ва маълумот гирад, аммо агар роҳбари синфаш ҳозир барояд ва ӯро бизанад...

Пойҳояш дар бағал гирифта Шердил ғойб зад ва ба кӯча расид. Ӯ қадамашро оҳистатар гардонд ва нафасро сар дод, чунки аз дарун ҳеҷ кас аз пушташ наомад ва воменамуд, ки дастааш гум шуд. Танҳо ҳангоми ба сатҳи мағоза расиданаш аз кӯчаи дигарӣ бачаҳо ҳуҷум карда омаданд.

– Нақл кун, чӣ шуд? Барои чӣ аллакай омадӣ? Дар он ҷо чӣ кор карданд? – ӯро саволборон карданд.

Шердил ҷоғашро ба даст гирифт.

– Онҳо дар як хона буданд ва аз рӯи қоидаи математикӣ байт мехонанд, – чизи фаҳмидаашро оҳиста шарҳ дод ӯ. Аз куҷо ӯ фаҳмида метавонист, ки рақамҳои гуфта шуда саҳифаҳои сурудхома мебошанд?

– Ҳэ? Чӣ? – саргаранг шуд Иброҳим.

– Баъд чӣ? – асабонӣ пурсид Фирдавс.

Шердил ба шубҳа афтида гуфт:

–Онҳо... онҳо тақрибан бист, биступанҷ нафар буданд ва ҳамту байт мехонданд.

– Чизи дигар набуд? – бо чашмони нимкоф нобоварона пурсид Малик. Ӯ интизори ягон кори ғайриқонунӣ ё паст буд.

– Не, – тасдиқ намуд Шердил ва сарашро бо шадид ҷунбонд.

– Э ту! Ту тези бад омадӣ. Барои чӣ дер наистодӣ? – фаҳмидан хост Фирдавс.

– Охир, муаллим маро дид...., – сархамона иқрор шуд Шердил ва китфҳояшро ғалтонд.

Иброҳим муштро ҷафс кард.

– Оҳ не! Ту дар ҳақиқат нобакорӣ, Шердил! – аз дандонҳои маҳкам баровард ӯ ва бо назараш бачаро сӯрох кард.

– На маълумоти соз ба даст меоварад, на ҷосусӣ карда метавонад, – хафа шуда ғур-ғур кард Фирдавс.

Малик аз Шердил низ норозӣ буд, аммо дар сараш фикрҳои дигар давр мезаданд. Агар онҳо фаҳмидан хостанд, ки муаллимашон ягон кори паст мекунад, онҳо бояд роҳи дигареро ёбанд. Ва баъд аз гирифтани маълумоти лозимӣ бо ин роҳ низ аз Шердил халос мешаванд. Ногаҳон ӯ роҳи ҳалро медонист. Бо назари хунуки хоси худ ӯ ба бачагони ҷангара нигоҳ мекард ва гуфт:

– Шердилро монед. Ман худам бо ӯ ин маъсаларо ҳал мекунам. Шердил, биё! – Ӯ вайро аз китфаш кашид ва аз доираи дигарон ҷудо кард.

Шердил нақшаи Маликро нафаҳмид, лекин ӯ аз ин бача хеле метарсид. *“Ин маъсаларо ҳал мекунам”* чиро дар назар дошт? Шояд ӯро мезанад... Ӯ мисли гӯсфанде ки ба қаллабурӣ тайёр аст, аз пушти роҳбари даста равона шуд. Ҳангоми аз кунҷи кӯча гузаштан, Малик истод ва сӯи ҷӯрааш тоб хӯрд.

– Медонӣ, Шердил, ман фикр мекунам, ки ту дар ҳақиқат бачаи бетарсӣ, – хушомадгӯёна гуфт Малик ва мисли мор ба чашмони ҳамроҳаш нигоҳ мекард.

Аз ин сухан ҳайрон монда Шердил соддадилона ба боло ба Малик чашм андохта пурсид:

– Бе шӯхӣ?

– Бе шӯхӣ, – бо чашмони пӯшида ҷиддӣ такрор кард Малик. – Ман туро суст мешуморидам, лекин ту дар гурӯҳи мо аз ҳама зӯр будӣ, – сухани ширинашро давом медод бача.

Синаи Шердил дам кард ва хурсандӣ дар рӯяш маълум гардид.

– Ман як хизмат дорам, аммо ин танҳо ба як бачаи бофаҳм ва хуб супорида метавонам. Иброҳим ва Фирдавс беқувватанд. Онҳо ин корро карда наметавонанд, – Малик дасташро бо

нафрат ҳаво дод, – барои ин кор мард лозим аст. Ва ин мард ту ҳастӣ.

– Ман? Ту аз ростӣ фикр мекунӣ, ки ман он корро буд карда метавонам? – ноустуворона пурсид Шердил ва чашмонашро калон-калон кушод. Айнакаш қариб аз бинияш ғалтид.

Роҳбари гурӯҳ бо тасдиқ сарашро оҳиста ҷунбонд.

– Ин корро танҳо ту метавонӣ, Шердил, – бо садои пурасрор гуфт ӯ ва қаноатмандона дид, ки Шердил ҳар як калима чун ростӣ қабул мекард.

Баногоҳ Шердил пурсид:

– Лекин... ин чӣ гуна васифа аст?

– Ту бо муаллими мо наздиктар бояд шинос шавӣ ва бо вай ба он вохӯриҳо меравӣ. Ман эҳтимол ба он ҷо низ рафтан мехоҳам. Шояд ин чизи хуб аст.

Ӯ нагуфт, ки ба ӯ ҷосус лозим аст, ки ягон кори бадро фош мекунад, чунки боварӣ надошт, ки Шердил аз ӯҳдааш мебаромад. Ба ҳар ҳол бача худро пеши ҳама ошкор мекард. Ва хабарҳои даркориро фаҳмидан барои Малик кори осон буд, чунки бачаи соддадил ҳама чизро нақл мекард.

Шердил рӯйдодҳои навакакро ба хотир овард. Сурудхониеро ки шунида буд, бад набуд ва умуман ҷой ором

ва дилгармкунанда менамуд. Эҳтимол онҳо дар ҳақиқат як чизро аз даст медоданд.

– Ва ту фикр мекунӣ, ки Фирдавс ва Иброҳим низ ба он ҷо рафтан мехостанд, агар ин ҷои хуб бошад? – бо шубҳа савол дод Шердил ва пешонаашро хорид.

– Ту ба онҳо ҳеҷ чизро нагӯй! Ҳам ба Хисрав не! – зуд аз даҳони Малик баромад, чунки ӯ метарсид, ки бачагон ба Хисрав, пуштибони Шердил, хабар мерасонанд, баъд оҳистатар давом дод: – Охир, агар онҳо фаҳманд, ки ман ин васифа ба ту супордаам, ва на ба онҳо, онҳо хафа мешаванд. Танҳо мо ду кас медонем, ва мо фақат дар танҳоӣ дар ин бора гап мезанем. Фаҳмидӣ? – бо садои ҷиддӣ фаҳмонд Малик ва чашмакии махфиёна зад.

Шердил розӣ шуда бе баровардани овоз сарашро ҷунбонд. Ҳамдастони ҳақиқӣ ҳамдигарро бе сухан мефаҳманд-ку!

## 10 АМАЛЁТИ “ЖУРНАЛ”

Раҳимов пеши синф рост истода китобашро маҳкам кард.

– Хуб, то дарси меомада саҳифаҳои давом оиди Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз назар гузаронед.

Муаллим назди тахтаи синф рафт ва супоришро бо ҳарфҳои хушхат навишт.

– Манижаву Шоҳноза навбатчиянд ва синфхонаро бо латтаи полшӯяк тоза мекунанд. Малик, Хисрав, ба духтарон ёрӣ диҳед ва курсиҳоро болои партаҳо монед.

Занг шуд ва ҳама хеста, ба берун шитофтанд.

Малик худро маҷбур кард, ки курсиҳоро болои партаҳо бардорад. Ин кор ақаллан барои пайдо кардани мушакҳо фоида дорад, фикр мекард ӯ.

– Ай, журнал куҷо шуд? – ба худ гуфт роҳбари синф ва саросемавор мизашро кофт, баъд низ кашкашакҳоро кушод, аммо бефоида.

– Манижа, – сардори синфро чеғ зад ӯ, – оё ту журналро дидӣ?

– Муаллим Бахромов инро пурсида буд.

Мард бо аломати тасдиқ сарашро ҷунбонд. Аз набудани Фирдавс огоҳӣ ёфта, ӯ ҳангоми ғундоштани қаламҳояш ба сумка бе фикри бад пурсид:

– Малик, барои чӣ додарат имрӯз дар дарс набуд?

Малик бо Хисрав як назар иваз кард.

– Ҳэ? Кадом додар? – бетоқатона донистан хост Малик. Ӯ нисбати калонсолон ҳама вақт бесабр буд.

– Фирдавс-ку, – аниқтар гуфт муаллим ва аз кораш монд, то ба талабааш нигоҳ кунад.

Малик лабашро поён кашид.

– Ман бародар надорам. Фирдавс додари ман нест.

– Бе шӯхӣ? Набошад, Фирдавс хешат? – ҳайрон шуда фаҳмидан хост Раҳимов ва кӯшиш кард, садои нафратангезро нашунавад.

– Ман бо муаллимон шӯхӣ намекунам, – дилгирона гуфт Малик ва охирин курсӣ болои парта монд, – Фирдавс на бародарам, на хеши дигариям аст.

Муаллим хатояшро дарк кард, бахшиш пурсид:

– Узр. Э Малик, ман туро хафа карданӣ набудам. Шумо зоҳиран дар ҳақиқат хеле монанд ҳастед.

– Муаллим, шумо Маликро ба ростӣ ҳоло намешиносед, – ба гапашон қӯш шуда, гуфт Хисрав ва сумкаашро болои китфаш монда, ба ҷӯрааш ишора кард, – меравем?

Малик сарашро бо аломати ризо ҷунбонд.

– Шумо аниқ бо ман ҳоло шинос нашудед, муаллим, – бо овози таҳдидкунанда гуфт бачаи қадбаланд ва чашмонаш дар зери қошҳои пайвандаш барқ заданд. Ӯ аз роҳбараш рӯй гардонд ва ба ҳамраҳаш гуфт: – Ҳа, ман тамом. Рафтем.

Умед Раҳимов аз тиреза нигоҳ карда, аз саҳни мактаб ғойб шудани ин ду бачаро мушоҳида кард. Оё ӯ ҳоло ба Малик шинос нашудааст? Он коре ки ҳафтаҳо пеш дар мактаб рӯй дода буд, ба хотираш омад.

Ӯ хуб дар ёд дошт, ки ӯ дастаи Маликро барои ба дарс дер омаданашон сарзаниш дод. Ва ӯ ҳам ба хотир овард, ки аз тирезааш гурӯҳи ин бачаҳоро чун тӯби маҳфӣ дида буд.

Инчунин ӯ дар ёд дошт, ки *тасодуфан* айни ҳамон рӯз тормозҳои дучархааш аз кор монданд. Ӯ он рӯз қариб ки мемурд. Ҳа, ӯ бо Малик ва гурӯҳаш аллакай хеле хуб шинос шуда буд. Вале дар ин лаҳза ӯ ҳам ба ёд овард, ки чӣ тавр Худо ӯро нигоҳ дошт ва ин ӯро аз ҳар таҳдиди нав ором мекард.

*

Дар беруни дарвозаи мактаб Малик асабонӣ ба ошнояш гуфт:

– Вай фаҳмид, ки Фирдавс дар мактаб набуд.

– Албатта, вай инро фаҳмид.

Бетоқатона Малик гуфт:

– Аммо ман нафаҳмидам, ки барои чӣ лозим аст, ки Фирдавс бояд имрӯз ба мактаб намерафт.

Ӯ вазнашро ба як по гузаронида ба оҳани панҷараи мактаб такя кунонд. Хисрав бинии каҷашро хорид ва бо овози ороми хоси ӯ шарҳ дод:

– Барои нобуд кардани журнал онҳо метавонанд талабаеро аз мактаб пеш кунанд, медонӣ. Ман фирк кардам, хубтар, агар амалдор тамоман дар ин ҷо набошад.

Аз худ розӣ Хисрав дастонашро дар пушти гарданаш бо ҳам карда сарашро алвонҷ дод.

– Набошад, ӯ инро чӣ хел медуздад, агар дар ин ҷо нест?

Хисрав бо тантана китоберо аз сумкааш баровард.

– Ҳамин бегоҳ ман бояд барои падарам китоби фаромӯш кардаашро аз мактаб биёрам, – бе ҳиссиёт гуфт Хисрав.

Малик обрӯвонашро ба ҳам карда гаранг шуда пурсид:

– Аз куҷо медонӣ, ки падарат инро фаромӯш мекунад?

– Ин якум бор не. Ман ҳоло китобашро барои эҳтиётӣ аз кабинеташ гирифта ба сумкаам мондам, – ҳангоми боз андохтани китоб ба сумкаи мактабияшро гуфт бачаи зирак.

– Оё ин маънои он дорад, ки ҳангоми падарат гумон мекунад, ту ба кабинеташ меравӣ, ту калид ба Фирдавс медиҳӣ ва вай ба синфхонаамон медарояд ва журналро медуздад?

– Қариб, – ислоҳ кард Хисрав, – ман ба Манижа гуфта будам, ки Бахромов журнали синфи моро пурсид, чуноне ки ҳам буд, ақаллан дина чунин буд. Вале ман онро гирифта дар таги ҷевони падарам пинҳон кардам. Ва ин тавр Фирдавс бо осонӣ онро гифифта метавонад. Лекин онро намедуздад, балки месӯзонад. Ӯ дафтарро чунин месӯзонад, ки сарлавҳаро хондан мумкин бошад. Баъд онро ба сатили аҳлот дар берун мепартояд.

– Гап нест, Хисрав. Ва ту фикр намекунӣ, ки муаллим Фирдавсро гумонбар намекунад, ки баногоҳ рӯзи гум шудани журнал бача шамол хӯрд ва аз ин сабаб ба дарс наомад?

– Вай шамол намехӯрад.

– Набошад, чӣ? – даҳони Малик аз шавқ хушк шуд. Чӣ гуна дӯст медошт ӯ, ҳангоми Хисрав дар авҷи қобилияташ амалдорӣ мекард.

– Ӯ дасташро мешиканад.

– Ӯ дасташро мешиканад? – хандаи нимкола дар рӯяш зоҳир шуд. Маълум буд, ки ӯ ба гапи Хисрав пурра бовар намекард.

– Ман ҳозир ба бозор меравам. Агар хоҳӣ метавонӣ бо ман биёӣ. Ба ман гаҷ ва бинт харидан лозим аст. Охир, пагоҳ Фирдавс бояд лангет дошта бошад. Ман бо Фирдавс дар хонааш вомехӯрам, ва натарс, лангет низ ба дасти солим мондан мумкин аст, – мӯътадилона фаҳмонд Хисрав.

– Ва баъд вай бояд чанд ҳафта бо чунин лангет гардад-чӣ? – бо шубҳа пурсид ҳамсинфаш.

Норозӣ шуда Хисрав сарашро ҷунбонд.

– Не, баъди ду рӯз, духтур мефаҳмад, ки касе сурати рентгенро нодуруст шарҳ додааст, ва дасташ танҳо латхӯрдагӣ аст. Баъд лангетро боз мешикананд.

– Ба модараш чиро мегӯяд?

– Ана ҳамин. Охир, модар вайро пеши духтур мебарад, ва ана он мегӯяд, ки ҳамкори ношиносаш дар беморхонаи дигар ҳаромкор будааст ва беҳуда лангет мондааст. Дар ин ҷо ягон мушкилӣ нест, ба фикрам.

Малик ҳис кард, ки Хисрав ин нақша чанд вақт пеш кашида буд ва хандаи безеб баровард.

– Ҳам Раҳимов гап аз боло мешунавад ва – ба шарофати дастаи мо – ҳам Олам! Э Хисрав, мисли ту ҳеҷ кас доно нест, – қаноатмандона хулоса баровард Малик.

*

Дари синфхона кӯшода шуд. Раҳимов сарашро бардошт ва Шердилро дид.

Шердил сарашро хам карда аз мобайни партаҳо болои фарши намнок бо диққат по монда, назди мизи роҳбараш расид. Ӯ ба чашмони меҳрубони муаллим нигоҳ кард. Чанд бор ӯ ба пушт назар андохта сухан ба зӯр баровард:

– Ман... ман аз шумо чизеро пурсидан мехоҳам.

– Лаббай, бачаам. Чӣ гап шуд? – ба сӯҳбат тайёр гуфт Раҳмиов ва қаламашро монда дастонашро болои миз болои ҳам кард. Аз берун ғавғои талабагон дар долон шунида шуд.

– Шу... шумо дар рӯзҳои сешанбе ба ҷое меравед... – Чӣ тавр гапашро сар кунад? Охир, ӯ худро барои чунин супориш тамоман ноқобил мешумурд.

– Ҳа, ман ба ҷамоати масеҳӣ меравам. Ту маро аз тиреза дида будӣ-ку, – мӯътадилона гуфт муаллим ва Шердил то решаи мӯйи сар сурх шуд.

Ӯ намедонист, ки дастонро куҷо кунад, ва онҳоро мисли дастони лӯфтакро дар баданаш овехта ин сӯ-он сӯ меҷунбонд.

– Оё ба он ҷо рафтан ба ҳама мумкин аст? Мисол ба ман? – Шердил хеле шарм дошт.

– Чӣ хел? Оё ту низ ба ҷамоат омадан мехоҳӣ? – пурсид Раҳимов ва бо назари хоҳон ба ӯ чашм дӯхт. *Оё дар ҳақиқат бачае аз дастаи Малик шавқи ба ҷамоат рафтан дорад?*

Шердил бо аломати тасдиқ сарашро ҷунбонд.

– Майлаш. Медонӣ-чӣ? Оё Ҷаҳонгир, писарамро мешиносӣ?

– Ҷаҳонгир? – такрор кард талаба ва маълум шуд, ки ӯ ин бачаро намешиносад.

– Вай дар синфи 11“а” хонда истодааст. Вай қадбаланд аст ва чашмони сабз мисли ман дорад.

– Не, вайро намешиносам.

– Гӯш кун, ман туро бо вай пагоҳ баъди дарс шинос мекунам, баъд ӯ туро ба вохӯрии ҷавонони ҷамоати мо дар рӯзи шанбеи меомада меорад. Ба фикрам барои ту нағзтар аст, агар ҳамроҳи ҳамсолонат омада метавонӣ.

Ҳа, ин албатта ба Шердил хубтар буд.

– Раҳмат, – гуфт Шердил ва бе сухани дигар аз синфхона баромада, аз сумка якто ришта бо дулона баровард ва дар роҳ сӯи хона онҳоро хӯрд.

*

Фирдавс ба фарши ошхона як клёнка андохта болои он бинтро ба чанд рах бурида тайёр кард. Ӯ ба Хисрав ҳатто пичирос назад. Хоҳараш Лола нобино бошад ҳам, кар набуд – ва ҳеҷ кас бояд намефаҳмид, ки ин ду бача дар замин чӣ кор доранд. Онҳо гаҷ дар зарфе об карда болои як бурида бинт молиданд.

Баногоҳ Лола дар остонаи дар Фирдавсро чеғ зад.

Фирдавс миёнаашро рост карда соддадилона пурсид:

– Лола, чӣ гап?

– Ту дар замин чӣ кор карда истодаӣ? – донистан хост ӯ. Аз рӯзе ки чашмонаш аз кор монданд, шунавояш хеле хуб шуд ва ӯ ба ҳар чизи ночизро диққат медод, ҳам ба самти овоз.

– Ман... ман қаламамро гум кардам. Надаро, Лола. Ман намехоҳам, ки бо поят қаламамро маҷак кунӣ, – дуруғ гуфт Фирдавс ва ба Хисрави дар пушташ хамида нигоҳ мекард. Хисрав бо шубҳа ба духтари нобино назар андохт. *Оё вай дар ҳақиқат намебинад?*

– Хайр, гап зан, агар ба ту ёрӣ дода метавонам, – меҳрубонона гуфт хоҳараш.

– Раҳмат, не, бахшиш, аммо ба фикрам барои ёфтани қаламам дар ҳақиқат чашми солим даркор аст. Хавотир нашав.

Духтар худро дар ин ҷо нодаркор шуморида ба меҳмонхона баргашт. Фирдавс қошҳои пайвандашро бардошта бе овоз ҳаво аз даҳонаш сар дод.

Хисрав танҳо бо аломати тасдиқ сарашро ҷунбонд гаҷи нимхушкшударо расида лангетро пеши буғуми дасти Фирдавс гузошта, онро ба қолаб даровард ва бо бинти мондагӣ печонд. Дар охир аз бинт як банд сохта онро болои сари бачаи сиёҳмӯй гузаронд. Ӯ дасташро бе овоз мушт карда нарангуштро боло кард. Зӯр, корашон ба таври комил анҷом ёфт. Бачагон оҳиста хестанд ва дар остонаи дари ошхона Фирдавс ба хоҳараш фарёд кард:

– Ба фикрам касе омадааст. Ман меравам, дарро мекӯшоям.

Ҳар ду ҷӯра болои ангуштҳои пой гашта назди дар рафтанд ва Хисрав пойафзоли худро ба даст гирифта аз дар баромад ва аз пушташ дари хонаро пӯшид.

– Кӣ буд? – савол дод Лола.

– Ҳеҷ кас. Ман хато кардам, – ӯро фиреб дод бародараш. Фирдавс тез тоб хӯрд ва нафаҳмид, ки хоҳараш рост дар пушташ буд. Онҳо ба ҳам заданд ва хоҳараш чизи сахти хунукро ҳис кард.

– Дар дастат чӣ дорӣ? – бо ҳайрат пурсид духтар.

Фирдавс ба дасти бастагияш нигоҳ кард.

– Ин... ин лангет аст, медонӣ.

– Лангет? – ҷарангос зад Лола. – Бо ту чӣ рӯй дод?

– Ба ҳар ҳол кори калон не. Ман имрӯз аз... аз зинапояи мактаб афтидам, – ҷавоб дод бача. Оҳиста Фирдавс аз дурӯғгӯияш монда шуд, аммо ӯ медонист, ки боз хеле найранг лозим меояд. Вале ба хоҳари кӯраш дурӯғ гуфтан барои ӯ ба ростӣ маъқул нашуд.

Лола бошад гуфт:

– Модар ҳоло туро бинад, зиқ мешавад.

*Модар ба даруни дилам нигоҳ карда метавонист, боз зиқтар мешуд,* – ғамгинона фикр кард Фирдавс.

## 11 РАҲИМОВ

Тоби Олам дар саҳар ҳоло хира буд. Бобояш чанд ҳафта пеш фаҳмида буд, ки пул аз мағоза гум шуд. Ҳа, ин аллакай хабари нав набуд, аммо ҳамин саҳар қарздеҳ омад ва ба сари мӯйсафед дод зад. Вақте ки Олам пурсид, ки чанд пул ба ӯ намерасад, ӯ дусад сомон гуфт. Баъди ин гап Олам аз худ нафрат кард ва харитаеро ки ӯ ду рӯз пеш аз ин пул барои мактаб харида бе сухан ба Раҳимов дода буд, шур медид.

Албатта, айни дарси ҷуғрофия ва харитаи баддидааш дар пеши чашмонаш буд, ки Бахромов пеши синфи 10“в” даромад.

– Ана, бачаҳо. Бинед! Ин вайронкориро бинед! – пораҳои сӯхтагии боқимондаи журналро дар даст афшонда, дод зад муаллим. – Олам! Ту боз чӣ кор кардӣ!

Хисрав бошад кори Фирдавсро санҷида аз натиҷааш хеле розӣ шуд. Гуфтан мумкин аст, ки супоришашро бо баҳои аъло иҷро кард. Фирдавс бо дасти бастааш бечора барин дар парта нишаста қошҳояшро ба таври беайб каҷ кард. Иброҳим аз фаолияти дастааш танҳо имрӯз хабар ёфта ранҷида қавоқашро андохт ва Шердил бо даҳони яла ба Бахромов назар андохт. Муаллимаи ҷурғофия бехудшавии директорро мешинохт ва оҳиста баромада дарро аз пушташ пӯшид.

Як лаҳза пас дар ба девор зада қӯшода шуд ва Раҳимов нафасгир дар пушти директор пайдо шуд. Маълум буд, ки ӯ аз паси роҳбари мактаб давида буд.

– Ман ин бачаро...! – сӯи талабаи дар партаи аввал нишаста равон шуда, таҳдидро баровардан хост ӯ, аммо Раҳимов худро мобайни бача ва директор зада, гуфт:

– Ин Олам набуд, муаллим! Шумо талабаи нодурустро гумонбар мекунед.

Синф хомӯшона рӯйдодҳоро тамошо мекард. Аз ҳар кино ин шавқовартар буд. Марди чорпаҳлӯ ба роҳбари синфи қадбаланд мисли ба кӯдак нигоҳ карда, худро хандовар вонамуд кард.

– Раҳимов! – ба сараш дод зад директор ва чашмони майдаякаш маҳкам шуданд, – дар умрам чунин нашуд, ки талабагон журнали синфро сӯзонанд. Ҳамин... – ӯ ба коғази сӯхта дар дасташ нишон дод, – ҳамин чиз исбот мекунад, ки на танҳо синфи шумо расво аст, ин ҳам нишон медиҳад, ки шумо ҳамчун муаллим лаёқат надоред.

Роҳбари синф худро дошт. Ӯ чуқур нафас кашида ба замин нигоҳ кард.

– Олам, чизҳоятро ҷамъ кун. Ту дар ин мактаб дигар ҳеҷ чизро гум накардӣ! – фармон дод сардори мактаб.

Акнун Раҳимов аз карахтияш бедор шуда гуфт:

– Охир, муаллим, ин бача айбдор нест. Ана бинед, парирӯз вай харитаи ҷаҳониро харида овард. Агар нияти баде медошт, ӯ чунин намекард, – бо мантиқ гуфт муаллим.

Бахромов як лаҳза истода фикр кард. Ӯ рост ба роҳбари синф чашм андохта, ҷиддӣ ва оромтар пурсид:

– Набошад, ба фикри шумо, кӣ чунин амалдорӣ кард?

Раҳимов дастонашро ба камар монд ва ба синфаш назар андохта бачагонро санҷид. Шердил то ҳол даҳонашро маҳкам накарда буд. Хисрав ва ҳамдастони дигараш ким-кай ёд гирифта буданд, ки чӣ тавр худро ҳайрон шуда вонамуд кунанд. Зоҳиран ҳеҷ чиз онҳоро намефурӯхт.

*Чиро гӯям?* фикр кард Раҳимов, *агар гӯям, намедонам, дастаи Малик фикр мекунад, ки ман аз онҳо метарсам, агар онҳоро фош кунам, боз аз ман қасд мегиранд.* Раҳимов ба Худо дуо кард ва ногаҳ ҷавоби дуруст медонист:

– Ман намехоҳам, ки ягонто аз талабагонам аз мактаб пеш карда шавад, муаллим. Бинобар ин ман ба шумо намегӯям, ин кори кӣ буд.

– Чӣ хел? Шумо пушти чунин бачагони расворо мегиред? Ана бинед, дина журналро сӯзонданд, пагоҳ мактабро! – ғашдор баровард директор. – Раҳимов! Шумо журнали навашро мехаред ва то охири ҳамин чоряк ба ман номҳои талабагони айбдорро месупоред. Мана гапи охирини ман ҳамин аст.

Пораҳои сиёҳи журналро ҳаво дода, Бахромов аз синфхона баромад.

Раҳимов бо синфаш танҳо монд. Ӯ боз дуо кард, чунки намедонист, ки чиро гӯяд ё кунад.

Хомӯшӣ.

– Ман аллакай гуфтам, ки ман намехоҳам, ки ягонто аз шумо аз ин мактаб барояд, аммо ман низ розӣ нестам, ки дар ин ҷо чӣ коре ки хоҳед бикунед, – фаҳмонд Раҳимов бо овози устувор ва курсӣ аз таги мизи муаллима гирифту нишаст.

Талабагон хомӯшона ба ӯ нигоҳ карданд.

– Олам, ман медонам, ки ту ин корро накардӣ. – Олам танҳо ба дастонаш болои парта чашм дӯхт. – Ин тавр бояд давом надиҳад. Мо ба қариби моҳи декабр дорем. Сию чанд рӯз то охири чоряки мо мондааст. Ва ман намехоҳам ба Бахромов ягонто аз номҳои шумо гӯям, – давом дод ӯ.

То ҳол мактабхонон наҷунбиданд. Баногоҳ Малик сарашро қафо монда бе даст бардоштан ҳавобаландона гуфт:

– Муаллим, савол мумкин?

Умед Раҳимов аз ҳила дар чашмонаш огоҳ ёфта пурсид:

– Оиди журнал ё берун аз ин?

– Берун аз ин.

Раҳимов сарашро ба як тараф хамида Маликро санҷида гуфт:

– Набошад, баъди занг наздам биё ва мо сӯҳбат мекунем.

– Не, муаллим. Ин барои ҳама шавқовар аст, на танҳо барои ман, – эътироз кард бача ва оринҷҳояш болои парта хобонд.

– Хуб, савол деҳ ва ин дар ихтиёри ман аст, оё ман ҷавоб диҳам ё не.

Муаллим кӯшиш кард, ки мӯътадилона ба талабааш нигоҳ кунад. Ӯ ҳиз мекард, ки нияти бача хуб нест.

– Мегӯянд, шумо масеҳӣ ҳастед? – Малик бо ришханди хордида гуфт ва рӯяш бо тантана ба ҳамсинфонаш гардонд. Пичир-пичири кӯдакон шунида шуд.

Мард як лаҳза истода ба бача назар андохт. Баъд бо лабханд ҷавоб дод:

– Хуб, ки ту мепурсӣ. Ҳа, ман масеҳӣ ҳастам.

– Ман аз сухани директор фаҳмидам, ки шумо на он қадар нағздидааш ҳастед. Агар мо нисбати шумо, ё беҳтараш нисбати дини шумо, шикояте дошта бошем, эҳтимол коратонро гум мекунед, – бо чашмони нимкоф таҳдид кард Малик.

Раҳимов нияти бачаро пай бурда, талабид:

– Чиро гуфтан мехоҳӣ, Малик? Ба ман гӯй.

– Мо роҳбари масеҳиро намехоҳем, фаҳмидед! Агар шумо ягонтои мо сиёҳ мекунед, мо ба шумо кӯмак мерасонем, ки аз кор озод карда мешавед.

Роҳбари синф аз чунин берӯйӣ ҳайрон монд. Аммо бо чунин даста аз чӣ ҳайрон шавад? *Э Худованд, кӯмак расон, ки ман дуруст ҷавоб диҳам,* дар дилаш гуфт ӯ.

– Ман аз ин наметарсам. Агар касе маро ба хотири имонам аз кор пеш кунад, бигзор чунин шавад, – гуфт муаллим.

Малик аз ин гуна ҷавоб на он қадар розӣ шуд ва қошҳои пайвандаш ба поён кашид, вале ӯ намедонист, ки чиро гӯяд. Ӯ ба Хисрав бо чашмонаш ёрӣ пурсидан хост, аммо ҳамсинфаш шах шуда ба тахтаи синф назар дӯхт.

Раҳимов ногаҳон фикри дигаре дошт ва ба талабагон гуфт:

– Оё шумо дар ёд доред, ки подшоҳони Форс ва Мод дар даври пеш чоҳи калон бо шерон доштанд? Агар касе бадкор буд ё зидди фармони подшоҳ амал мекард, ӯро ба он чоҳ мепартофтанд. Ва шерҳо корро буд мекарданд. Як вақт буд, ки дар қасри модиён як подшоҳ зиндагӣ мекард. Вазирон маслиҳатчии ӯ буданд. Дар байни онҳо як марди худотарс буд, вале дигарон ӯро барои ин бад медиданд ва роҳе мекофтанд, ки ӯро дар пеши подшоҳ Доро сиёҳ кунанд. Лекин онҳо ҳеҷ айберо наёфтанд ва ба шоҳ гуфтанд: «Фармоне барор, ки мегӯяд, ки ягон шахс байни сӣ рӯз ба ҷуз аз ту на аз одаме, на аз худое чизеро талаб кунанд». Доро бо ин розӣ шуд ва айни баровардани фармон, вазири худотарсро фаромӯш кард...

Малик мушташро асабонӣ болои парта зад ва сухани муаллимро бурид:

– Муаллим, моро ҷавоб диҳед. Ба мо дарси таърих лозим нест!

Дар синф ғур-ғуре шунида шуд.

– Малик, хап шав! Ҷим! Агар ба ту нафорад, баро! – аз як кунҷ духтарон шикоят карданд.

Раҳимов як лаҳза дудила монд ва аз худ пурсид, оё достонро то охир расонад ё не, вале талабае аз ақиби синфхона ӯро дилбардорӣ кард:

– Давомашро ба мо гӯед, муаллим. Охир, бо ин вазири хуб баъд чӣ шуд?

Ҳайрон шуда Раҳимов ба Хисрав нигоҳ кард. Ӯ интизор набуд, ки яке аз дастаи Малик чунин гӯяд. Ӯ фикрҳояшро ҷамъ карда нақлро идома кард:

– Вазири худотарс ба фармони Доро нигоҳ накарда, аз рӯи одаташ дар пеши тирезааш дуо кард. Вазирони бад ӯро ба подшоҳ таслим карданд ва подшоҳ зидди қонуни қаламраваш амалдорӣ карда наметавонист. Подшоҳ маҷбур шуд, ки ӯро ба чоҳи шерон андозад. Пеш аз ин подшоҳ аз вазир бахшиш пурсида, гуфт: «Шояд Худои ту, ки ту Ӯро ҳурмат мекунӣ, туро халос мекунад». Дар ҳамин шаб подшоҳ хобаш набурд ва саҳарии барвақт ӯ назди чоҳ шитофт ва вазирашро пурсид. Аз чоҳ овозаш баромад, ки гуфт: «Ҳа, Худо маро нигоҳ дошт. Ӯ фариштаашро фиристод, ки даҳони шеронро бипӯшонад». Баъд мардро тез аз чуқурӣ баровардa, вазирони гандаро ба чоҳ андохтаанд. Шерон онҳоро байни як мижа задан хӯрданд, – суханашро то охир расонд муаллим.

Малик кӯшиш кард, ки хезад.

– Гапатон тамом? Хестан мумкин?

– Ман берун аз дарс ба шумо гап зада истодаам. Агар ту хоҳӣ, метавонӣ хезӣ.

Дар ин ҳангом Иброҳим бо чашмони нимкоф ва сарашро боло карда донистан хост:

– Хайр, ин нақли хушрӯ аст, аммо ба мо чӣ?

– Барои ман ин қиссаи муҳим аст, чунки ин нишон медиҳад, ки худотарсӣ меарзад ва ҳеҷ гоҳ аз мардум тарсидан лозим нест.

Фирдавс хандида гуфт:

– Ба ман хусусан ин маъқул шуд, ки кабинети директори мо ба чоҳи шерон монанд мекунед.

Чанд ҳамсинфон низ хандиданд.

Иброҳим норозӣ шуд ва сарашро ҷунбонда гуфт:

– Ин достон дар ким-кай рӯӣ дод. Дуруст буданаш кӣ медонад? Ман дар ин ягон чизро намебинам.

Дар сухан гарм шуда бо ғайрат Раҳимов гуфт:

– Ин достон қисми саргузашти Дониёли Пайғамбар аст, ки дар Таврот навишта шудааст. Ман шубҳа надорам, ки ин дуруст аст, чунки ин Китоби Муқаддас аст. Аҷоибаш ҳамин аст, ки шогирдаш Зардушт буд, ки шумо ӯро аз таърих мешиносед.

Хисрав ин ҳикояро хуб мешинохт, аммо ин хабар барои ӯ нав буд. Акнун ӯ ба ҳаракат омада бо шавқи ҷиддӣ савол дод:

– Кӣ ин тавр гуфт? Охир, зардуштиён оташпарастанд.

– Ҳа, зардуштиён дар асрҳои охир ба оташпарастон табдил ёфтанд, вале пеш чунин набуд. Дар китоби онҳо, Авесто, сухан дар бораи парастиши оташ намеравад ва онҳо танҳо ба Яздон, ба Худои замину осмон бовар мекарданд. Дар таърих марде аз Сурия ҳаст, номаш Абул Фараҷ, ва ӯ шогирди Дониёл будани Зардушт тақрибан дар солҳои байни 598 то 585 пеш аз милод тасдиқ мекунад. Чизе ки Зардушт оиди Худо медонист, ӯ аз Дониёл Пайғамбар ёд гирифта буд.

Дар қӯшода шуд ва муаллимаи ҷуғрофия сарашро даровarда гуфт:

– Дуввум семена сар мешавад. Бахшиш, аммо синфхона ба талабагонам лозим аст.

Раҳимов афсӯс хӯрд, ки сӯҳбаташ тамом шуд, лекин чизи асосиро гуфт.

Бачагон хестанд, Малик бетоқатона аз ҳама аввал аз дар баромаду рафт. Иброҳим аз пушташ шитофт ва Фирдавс бо мушкилии лангет сумкаашро бар китф монда низ бо тӯби талабагон баромад. Олам мисли ҳамеша ягон фикр изҳор накард. Манижа назди Раҳимов омада барои ҳикоя ташаккур гуфт. Маълум буд, ки достон ба вай маъқул шуд.

Хисрав дар ҷояш нишаста монд ва чанд фикр аз сараш мегузаштанд.

*

– Барои чӣ ба ман дар бораи журнал ҳеҷ чизро нагуфтед? – тоб хӯрда, пурсид Иброҳим ва дар саҳни мактаб Малику Фирдавсро айбдор кард. Мӯйи ҷингилааш худсарона ба пешонааш афтид.

Дастони Малик худмуҳофизаткунон ба боло рафтанд.

– Э,э, тинҷ бош. Айби мо чӣ? Ту ҳамту набудӣ, тамом.

– Чӣ хел набудам? – бесаброна савол дод Иброҳим.

Фирдавс бо дасти сиҳаташ остини ӯро расида, гуфт:

– Охир, ин хатои худат. Кӣ тезтар ба интернет кафе рафтан хост? – ӯ медонист, ки бо ин гап нуқтаи сусти Иброҳимро мерасад.

– Агар ман мефаҳмидам, ки шумо ягон коре доред, ман ба он ҷо намерафтам, – худро сафед кард бача.

– Не, не, Иброҳим, – сарро ҷунбонда гуфт Малик, – қоил шав, ки ҳафтаҳои охир ту танҳо барои компютер-бозӣ вақт дорӣ.

Иброҳим сангфаршро дӯхта истод. Хайр, ҳа, рост мегӯянд, вақти охир ӯ ҳатто худаш аз ҷалби сахти интернет монда шуд, аммо инро иқрор шудан? Бача хашмгин шуд:

– Кори шумо набошад. Ман низ намепурсам, ки шумо баъди дарс чӣ кор мекунед, фаҳмо?!

Хисрав бо Шердил аз дарвозаи бино баромада наздашон расиданд. Хисрав асабонӣ будани Иброҳимро пай бурд ва тахмин кард, ки барои чӣ ин тавр аст.

– Э Иброҳим, биё наранҷ. Дафъаи дигар мо боз як гурӯҳ барин масъалаҳоро ҳал мекунем, – тарзи гапзанияш бо меҳр набуд, аммо садои ором ӯро боз розӣ кунонд.

– Лекин вай бояд ба ростӣ мушкилие ки нисбати компютер-бозӣ дорад ҳал кунад, – ошкоро гуфт Фирдавс.

– Э Фирдавс, як чизро дониста гир, дастаи мо на барои ҳали проблемаҳои шахсӣ вуҷуд дорад. Ҳар яки мо мушкилиҳояшро худаш ҳал мекунад, – бо ангушташ ба синаи бача нишон дода бетоқатона гуфт Малик.

*«Рост, мо ҳамдастонем, аммо дӯстони ҳақиқӣ ба ҳамдигар нестем»,* – инро тамошо карда, туршрӯёна фикр мекард Хисрав.

*

Доде шунида нашуд, аммо овози задани мушт, оҳкашӣ ва ғеҷидани куртаҳои ҷармин диққати Умед Раҳимовро ҷалб мекард. Ӯ аз синфхона ба долони нимторик баромад ва самоки палтояшро маҳкам кард. Ӯ намедид, кӣ дар он ҷо

дастбагиребон шуд, аммо маълум буд, ки ду талаба занозанӣ доранд.

Ӯ бачаи бузбала ва бо гардани буққа барин чун бачаи синфи 11“г”-ро шинохт. Дар тагаш мактабхони дигар шинохта нашуд, гарчанде ки қади он дароз буд ва пойҳояш метофтанд.

Раҳимов наздашон давида онҳоро аз ҳам ҷудо кардан хост. Ҳангоми шунидани овози ҳақораткунони бачаи зерин, ӯ фаҳмид, ин Малик буд, ки шатта хӯрда истодааст.

*Ӯ боз чӣ коре карда бошад?* Ба худ савол дод муаллим ва боз сахттар кӯшиш кард, ки ҷангкунандагонро аз ҳам ҷудо кунад. Қувваи талабаи синфи 11“а” тааҷубовар буд, ва Раҳимов барои қуввае, ки бо таъмири хонаи худ пайдо карда буд, миннатдор буд ва зӯрзада, дастони буққаро ба пушташ монда тавонист. Як лаҳза лозим омад, то Малик фаҳмад, ки ӯ халос шуд. Ӯ хомӯш шуд. Пуштнокӣ ӯ ба оринҷи росташ такя кард ва бо остини дасти дигар лаби кафидаашро молид. Бачаи калон нафасгир шуд.

Нафрати том дар чашмони Малик зидди Ҳарифи пурзӯраш дида шуд. Баъд ӯ назари паст ба муаллим  равона кард.

– Дар ин ҷо чӣ гап шудааст? – ба таври қатъӣ талабид Раҳимов, – гап занед!

– Маро сар диҳед, муаллим, ман ҳеҷ чизи дигарро намекунам, – илтимос кард талабаи калон.

Оринҷҳои бача дард мекарданд. Аз суст кардани мушаққояш ошкор буд, ки худро медорад. Муаллим дастонро фӯровард ва ҳамаи онҳо хестанд. Малик рӯймолча аз кисааш бароварда хунро аз рӯйяш тоза кард.

– Ӯ камераи маро дуздид ва вайрон кард.

– Кадом камера? – савол дод мард.

– Мо имрӯз дарси кӯшод доштем ва ман аз амакам камера пурсида будам ва тамоми дарсро сабт кардам... – сар кард бача.

Раҳимов ба ӯ нигоҳ кард, аммо на бе он ки аз кунҷи чашмаш Маликро мушоҳида кунад.

– Хайр, баъд?

– Баъд Малик дар танаффус фаҳмид, ки ман камера дорам ва онро ба худ гирифт, – ҷавоб дод бачаи синфи 11“а”.

Агар Раҳимов интизор буд, ки Малик фурӯтанона заминро дӯзад, хато мекард. Гарданшах талаба ба чашмонаш нигоҳ кард.

– Ман инро дуздидан нахостам. Ман ҳамту як дидан хостам. Агар ту бахилӣ намекардӣ, вай аз дастат намеафтид! – худро сафед кард бачаи худсар.

– Чӣ хел! Ту инро барқасд аз дастам кашида гирифтӣ ва бо зӯрӣ ба замин задӣ-ай!

Овозҳои бачагон баланд шудан гирифтанд ва ҳангоме ки бачаи бузбала дастонашро мушт кард, Раҳимов мобайн шуд.

– Оё ту шоҳид дорӣ? – аз зарардида пурсид ӯ.

– Албатта, – барои таъқид кардани гапаш даст бардошт, – дар он ҷо ними ҳамсинфонам истодагӣ буданд.

Малик хомӯш монд. Ӯ худсар буд, аммо на беақл. Муаллим бо назараш бачаро тафтиш кард.

– Оё камераат боз соз кардан мешавад?

– Ба фикрам ҳа, лекин обектив шикаст. Ба ҳар ҳол 200 то 250 сомонӣ барои таъмираш меравад. Ва ман инро ба зӯр аз амакам гирифта будам! – беумедона нолид талаба.

– Набошад, рав. Ман ҳоло бо Малик сӯҳбат мекунам. Пагоҳ ба ту мегӯем, ки масъаларо чӣ тавр ҳал мекунем, – гуфт муаллим ва Маликро ба синфхона ишора карда даъват намуд, – акаҷон, марҳамат ба кабинет мо.

Малик нохоҳ чашмонашро тоб хӯронд ва аз паси мард ба синфхонаи холӣ даромад.

Раҳимов ба ӯ нишон дод, ки болои курсӣ шинад, аммо бача барқасд болои парта ҷо гирифт. Муаллим низ болои партаи паҳлӯӣ нишаст. Талаба бо ҳар ду даст тахтаи партаро капид, ва бетоқатияшро бо оҳкашӣ ва назари дилгирона изҳор кард. Асабаш таранг шуд.

– Ман фикр мекунам, ки мо бояд ким-кай ҳамсӯҳбат мешудем, Малик, – оромона ва бе таҳдид гуфт Раҳимов.

– *Мо?* Ман намедонам, ки *мо* дар бораи чӣ бояд сӯҳбат кунем, – овози Малик берӯйёна садо дод. Ошкор буд, ки ӯ ба муаллим ягон зарраи умед барои дигаргуншавияш додан нахост.

– Ақаллан навакак мо як масъалаеро ёфтем. Барои соз кардани камера чӣ кор мекунӣ? – пурсид муаллим.

– Ман? Ман ҳеҷ нақшаеро надорам, – худписандона эътироз кард бача.

– Ту бояд пули онро бидиҳӣ, – бе чуну чаро фаҳмонд мард.

Бача ҳавобаландона нафас аз бинӣ баровард ва хест.

– Ана дидед, муаллим, ман гуфта будам, ки мо чизе надорем, ки дар бораи он ҳамсӯҳбат шавем. Ҷавоб?

Раҳимов аз рафтораш фаҳмид, ки бача ягон касеро гӯш намекунад. Эҳтимол, ӯ ягон бор дар умраш касеро гӯш накарда буд. Дилаш ба ӯ месӯхт. Ӯ бо далсташ мӯйи сари худро шона кард.

– Агар ба ман ваъда диҳӣ, ки пули камераро байни даҳ рӯз ба бача диҳӣ, ман ба ту ҷавоб медиҳам ва ин тавр масъаларо бе гапи калон ҳал мекунем, – пешниҳод кард ӯ.

Малик ҳис кард, ки не гуфтани ӯ хато мебуд ва бо назари тез муаллимро дӯхта гуфт:

– Майлаш, ман ин пулро меорам. Аммо фикр накунед, ки маро шикаст додед.

Раҳимов оҳиста сарашро ҷунбонд ва тасдиқ кард:

– Не, Малик, ман инро фикр намекунам. Барои ин шахси бузургтаре даркор мешавад.

Хандаи безеби Малик баромад ва ӯ аз синфхона рафт. Раҳимов ба Худо дуое равона кард, ки ин бачаи мушкилро дигаргун кунад, чӣ қадар тезтар, он қадар хубтар.

*

Малик ҳанӯз ба худ ришханд карда аз кунҷи долон баромад. *Чӣ хел ӯ пули камераро биёрад! Оё муаллимаш ҳушёр аст? Ӯ ҳеҷ гоҳ фикр намекард, ки ин маблағро биёрад. На вай, Малик! Хандовар.* Ногаҳ касе ӯро дар куртааш қапид ва ба девори сафедкардашуда зад. Шонаҳои Малик дард ёфтанд ва ӯ бо чашмони тарсовар ба бачаи буққамонанд нигоҳ кард. Рӯйи ӯ ба рӯйи Малик чунин наздик буд, ки ӯ нафасашро ҳис мекард.

– Фикр накун, ки ту гурехта метавонӣ! Агар Раҳимов қӯш намешуд, туро кабоб мекардам! Фаҳмидӣ!

Малик ба ростӣ сахт талхакаф шуд ва ҳеҷ чизро нагуфт.

– Пулро кай меорӣ? – бо садои хатарнок пичирос зад бача.

Малик дарk кард, ки овардани пул пешниҳоди хуби муаллим буд.

– Ба ман...ба ман ду ҳафта вақт деҳ ва ман дусад сомонӣ меорам.

Бача Маликро бо назараш дӯхт. Вай боз чӣ корро карда метавонист?

– Агар наорӣ, бин! – таҳдид кард бузбала ва гиребони Маликро тела дод.

Малик курткаашро тартиб дод ва оринҷҳояш тоза карда зуд аз Ҳарифаш дур шуд. Ҳа, хубтар ӯ маблағро ёбад – ва дар қаллааш аллакай фикре пухт, ки вай барои ёфтани пул киро пурсад.

## 12 КӮЧАИ ҶОНБЕГИМ

Шердил дар меҳмонхонаи Раҳимов менишаст.

Муаллим ӯро чанд рӯз пеш бо писараш вохӯронд. Ҷаҳонгир худро шинос кард, бачае бо чашмони сабзу мӯйи сиёҳ. Маълум, ки рӯзе мисли падараш бузбала шуданист. Умуман писар ба падар чунин монанд буд, ки Шердил ҳайрон монд, барои чӣ ӯ пештар нафаҳмида буд, ки Ҷаҳонгире ки ӯ гоҳе вайро дар долони мактаб медид, фарзанди Раҳимов аст.

Онҳо маслиҳат карданд, ки дар рӯзи шанбе пеш аз саршавии ҷамъомад дар хонаи Ҷаҳонгир вохӯранд. Дар остонаи дар зани муаллим Шердилро бо лабханди меҳрубонона пешвоз гирифт. Назараш мулоим ва рӯйяш ситорагарм буд. Дар пушташ Умед Раҳимов дар жемпири хокистариранги бофтагӣ истод ва бачаро низ салом дод. Ҷаҳонгир ӯро ба меҳмонхона даровард.

Акнун Шердил дар болои кӯрпача рӯ ба рӯи Ҷаҳонгир ҷо гирифт.

– Шумо дар оилаатон чанд фарзанд ҳастед? – пурсид писари муаллим ва як пачка печени ба Шердил дароз кард. Ҳангоми бача дид, ки ин навъи дӯстдоштааш аст, бо ҳавас хӯрдан гирифт.

– Мо се фарзанд ҳастем, – хоида ҷавоб дод Шердил, – додарам ҳафт сола аст ва хоҳарам ҳоло тифл. Шумо чӣ?

– Хоҳаронам Ситора ва Марям, додарам Бузургмеҳр, ва худам, – фаҳмонд Ҷаҳонгир. Ӯ пойҳои дарозаш дар болои қӯрпача дароз карда хеле роҳат мекард. – Падарат камаз меронад?

Шердил шармгинона ба поён нигоҳ кард ва ба таври номуайян гуфт:

– Ҳааа... Ӯ рӯзи фалоқати муаллим, яъне падарат, камазро ҳай мекард.

– Ман медонам, падарам инро нақл кард, – дониста ҷавоб дод Ҷаҳонгир.

– Лекин ин айби падарам набуд, ки муаллим дар таги мошин монд, – инро зуд илова кардан кӯшиш кард Шердил.

Ҷаҳонгир бо аломати розигӣ сар ҷунбонд.

– Ҳам ин чизро падарам гуфт.

Аз хонаи дигар бачае номи Ҷаҳонгирро гифифт.

– Мебахшӣ, Бузургмеҳр маро чеғ зада истодааст.

Ҷаҳонгир хест ва аз хона баромад. Шердил боз як печен ба даҳон андохта, меҳмонхонаро аниқтар тамошо кард. Қолини қаҳваранги гулдор фаршро рӯйпӯш мекард. Дар як тарафи хона токча пур аз китоб буд, ки шавқи ӯро на он қадар бедор кард. Сандуқ бо тахти ботартиб дар тарафи дигари хона меистод. Дар девори калони рӯ ба рӯи даромадгоҳ як чорчӯба расми зебоеро ороиш медод. Дар сурат шахси нишаста ва дар гирдаш кӯдакон дар пеши пояш бо ҳавас гӯш мекарда акс ёфтанд. Воменамуд, ки мард ба онҳо ҳикояи шавқоваре нақл мекунад.

– Ана Бузургмеҳр, ба акааш салом бигӯ.

Шердил сарро тоб хӯрда, Ҷаҳонгирро бо Бузургмеҳр дар пеши остона дид.

Бача салом дод.

– Э, оё шумо акаи ҳамсинфам Бахтовар нестед? Ман шумро як бор дида будам, – ӯро шинохта гуфт Бузургмеҳр ва хандид. Фарбеҳ будани Шердил ӯро ба хирси асалӣ монанд мекард ва ин ҳама кӯдакони майдаро ҷалб мекард. Барои ҳамин ҷеҳраи Шердил дурахшид.

Раҳимов гитараро дар гардани чӯбинаш дошта аз хонаи дигар ба меҳмонхона даромада якто печен гирифт.

– Бачаҳо, вақт шуд, мо бояд оҳиста хезем.

Онҳо се каса аз баландошёна баромада ба тарафи ҷамоатхона равона шуданд. Шердил гуфта наметавонист, чӣ буд, аммо ин лаҳзаи кӯтоҳ дар хонаи муаллим барои ӯ таъсирбахш буд, эҳтимол оромӣ ва роҳате ки дар он ҳукмфармо буд. Ӯ намедонист чӣ, аммо вай чунин ҳис мекард ки гӯё чанд сол ба оилаи Раҳимов шинос бошад.

*

Олам бо ҷорӯб зинапояи мағозаи бобояш мерӯфт. Рӯйяш мисли ҳамеша ягон чизро оиди ҳиссёташ фош намекард. Қариб соати панҷ шуд, ки ӯ Раҳимовро бо ду бача дар пеши чорраҳа байни хонаҳои истиқоматӣ дид. Ӯ миёнашро рост карда Ҷаҳонгирро шинохт. Ва бачаи дигареро аз намуди фарбеҳаш  шинохтан осон буд, аммо вақте онҳо ба ӯ салом

доданд, вай аз ин ҳайрон монд, ки Шердил бо муаллиму писараш *сӯи ҷамоат* ҳаракат мекард.

*

Шердил ҷойро дар кӯчаи Ҷонбегим боз шинохт, гарчанде ки садбарг ва токи ангур қайчӣ карда буданд ва ин тавр ҳавлӣ равшантар воменамуд. Дар паҳлӯи даромадгоҳ хасу баргҳои афтида тӯб шуда рӯфтагӣ буданд.

Дар ҷамоатхона чанд ҷавон ҷамъ шуда буданд, аксарияти онҳо аз Шердил ду, се сол калон буданд. Ҳавлӣ аз ханда ва сухан пур буд. Ҷаҳонгир дӯстона ба ин ва он шахс салом дод ва Шердилро ба онҳо шиносонд. Як марди калонсол бо бурути сиёҳ ва қошҳои ғафс дари хонаро кушод ва бо онҳо даромад. Ҳуҷра равшан ва васеъ буд, чуноне ки Шердил низ дар ёд дошт. Ҳама чиз тоза ва таъмиркарда буд, аммо инро хонаи пурҳашамат гуфтан хато мебуд.

Онҳо дар гирди хона болои кӯрпачаҳо ҷо гирифтанд ва касе китобҳо тақсим мекард. Раҳимов гитараро аз ҷихол баровгарда назди марди бурутдор нишаст. Шердил назди Ҷаҳонгир ва як ҷавони қадпасте, ки дар дасташ таблақ дошт, шишт.

Мард салом дод ва барои дуо гуфтан сарашро хам кард. Шердил тамошо кард, ки чи тавр ҳама калларо фуроварда ба

мард гӯш мекарданд. Ӯ ба Худо шукр гуфт ва баракат пурсид. Аҷоибаш ин буд, ки ӯ рост номи Худоро гирифта, бо Ӯ мисли бо дӯсте гап зад.

Шердил бештар дуоҳоеро мешинохт, ки *дар бораи* Худо гап мезананд, аммо на *ба* Ӯ! Баъди омин гуфтан, сурудҳо пешниҳод шуданд. Акнун Шердил фаҳмид, ки “қоидаҳои математикӣ” танҳо шумораҳои байтҳо дар суруднома мебошанд!

Ҷавонон ҳавасмандона байтҳоро бо оҳангҳои дилчасп мехонданд ва гитара, таблақ ва шақшақ онҳоро дастгирӣ мекарданд. Сурудхонӣ ба Шердил маъқул шуд, гарчанде ки ӯ чунин шеърҳоро якум бор фаҳмид. Ҳиссиёти гарм ва хотирҷамъ ӯро айни гӯш кардан фаро гирифт.

Баъд яке аз ҷавонон Китоби Муқаддасро баровард ва барои сухан гуфтан тайёрӣ дид. Бачаи харобак тақрибан 23 сола буд ва жемпири самокдори зард дар бар дошт. Бо назари ҷиддӣ ӯ аз китоб хонд:

– «Исо гуфт: Ба шумо, эй шунавандагон, мегӯям: душманони худро дӯст бидоред, ба нафраткунандагони худ некӣ кунед, барои лаънаткунандагони худ баракат бихоҳед ва барои озордиҳандагони худ дуо гӯед. Ҳар кӣ ба рухсораи ту торсакӣ занад, дигарашро низ сӯи вай бигардон; ва ҳар кӣ ҷомаи туро

кашида гирад, дар гирифтани куртаат низ ба вай монеъ нашав...»

*Ҳэ?* – Шердил оҳиста-оҳиста маънои иқтибозро фаҳмида, ҳайрон монд, – *чӣ хел одам метавонад душманашро дӯст дорад? Чӣ тавр метавонам розӣ шавам, ки касе маро ду бор ба рӯйям бизанад? Ё агар ҷомаро гирифта бошад, боз куртаамро чӣ тавр ба ӯ диҳам? Ин тамоман ғайритабиӣ аст! Охир, ман розӣ шудам, ки бо дастаи Малик шарик шавам, то ки маро масоҳ накунанд! Оё ин доно набуд?*

Шердил ноустуворона ба рӯйи бачаҳо назаре равона кард, баъд ба таври пинҳон ба муаллимаш нигоҳ кард. Ӯ сӯҳбате ки чанд ҳафта пеш дар беморҳона дар бораи фалоқат ва тормозҳои кор намекарда ба хотир меовард. Шердил аз хашмгин набудани Раҳимов чӣ гуна ҳайрон монда буд. Шояд ин ҷавони харобак дар бораи айни ҳамин чиз гуфта буд.

Марди ҷавон то охир матнро хонд ва дигаронро ба сӯҳбат кардан даъват кард. Қариб ки ҳама ягон чизро гуфтанд ва Шердил тааҷҷуб кард, ки онҳо чӣ хел ҷиддӣ ва бо фикр сӯҳбат мекарданд.

Як духтари тақрибан 19-сола, ки мӯйи сарашро мисли думи асп тартиб дода буд, савол дод:

– Аммо мо чӣ тавр метавонем инро риоя кунем? Охир, ман кӯшиш кардам, аммо ман наметавонам, чунин меҳрубон

бошам. Агар касе маро ҳақорат кунад, ман мисли маҷбурам, ки вайро дар ҷояш шинонам.

Шердил бо шавқ ба марди калонсол нигарист, ки акнун ҳама ба ӯ нигоҳ мекарданд.

– Ту рост мегӯӣ, Нигора. Бин, ту бо қуввати худ инро ҳеҷ гоҳ ба ҷо оварда наметавонӣ. Агар Худованд ҳамту ин қоидаҳоро ба мо медод ва моро умедвор мекард, ки танҳо бо риояи ҳаминҳо ба биҳишт меравем, мо насли бадбахтарин мебудем, чунки ба ростӣ зӯрии мо намерасад, – мард дастро болои китоби кӯшодааш монда идома кард, – барои ҳамин Худи Худо Писарашро ба ин дунё фиристод, то ки гуноҳҳои моро ба гарданаш гираду мурад.

Як ҷавонмарди бузбалаи малламӯй пурсид:

– Инро як бор шунида будам, лекин ман инро намефаҳмам. Худо барои чӣ гуноҳҳои моро ҳамту сарфи назар карда, ҳама ба биҳишт намемонад?

Шердил мисли дар тамошои тенниси рӯйи мизӣ ин тараф, он тараф нигоҳ мекард.

Мард сар ҷунбонд ва фаҳмонд:

– Чунки ин номумкин аст. Кӯдаконро бинед, ҳеҷ кас ба онҳо эрқагиро ёд надиҳад ҳам, онҳо бе тарбияи дуруст иншиқ мешаванд. Ягонтои мо худро пок гуфта наметавонад, чунки ҳамаи мо бо дили бад таваллуд шудем. Ана бинед, Худо бошад

сад фоиз пок аст ва ӯ ба дидани гуноҳ тоқат надорад. Дар Тавроту Инҷил навишта шудааст, ки қурбониҳои одамӣ ва корҳои неки мо дар пеши Ӯ дар ҷиҳати росткор будани мо ҳеҷ чизро иваз намекунад.

Бача бо таблақ сарашро бо розигӣ ҷунбонда тасдиқ кард:

– Рост, падарам ба ман гуфта буд, ки чунин инсон мисли ронандаи мошин аст, ки баъди вайрон кардани қоидаи нақлиёт милисаро хотиррасон мекунад, ки чанд бори дигар дар гузаргоҳи пиёдагард истод буд ва кампирро аз роҳ гузаронидан мемонд.

Мард лабханд карда, шарҳи худро давом дод:

– Ана, мисоли бисёр хуб аст. Беҳрӯз, оё ту акнун фаҳмидӣ, ман чиро дар назар дорам, вақте ки ман мегӯям, ки Худо пок ва одил аст?

Бача бо аломати ризо сар ҷунбонд.

– Лекин пок будани Худо танҳо як тарафи Худованд аст. Ӯ низ муҳаббат аст ва тамоми ҷаҳонро, яъне ҳама одамонро, дӯст медорад, – мард Инҷилро варақ зада гуфт: – Дар Китоби Муқаддас мо ҳатто мехонем, ки Ӯ ба дӯзах рафтани ягон одам хоҳон нест.

Барои ҳамин Ӯ роҳи ҳалро ёфт: Шахсе бояд ҷазои бадкории моро бинад, гӯё ҷонишине. Вале дар сурате ки *ҳамаи* мо айб дорем, кӣ ҷазоро бар худ гирифта метавонист? Ҳеҷ кас. Ва

барои ҳамин *Худи Худо* ба дунё омад, дар рӯи замин қадам мезад ва дар салиб мурд ва баъди се рӯз боз зинда шуд.

Духтаре бо мӯйи бофтаи дароз ва рӯйи кӯшод бо ғайрат илова кард:

– Ин мисли шахсе ки дар додгоҳ менишинад. Айбдор бояд ҳукм карда шавад. Ба ӯ ё ин қадар солҳо дар зиндон, ё он қадар ҷарима медиҳанд, вале гуноҳкор чунин маблағи калон адо карда наметавонад. Баъд шахси бегона меояд ва тамоми пулро пардохт мекунад.

Акнун низ Раҳимов чашм бардошта фикри худро гуфт:

– Рост. Вале барои бадии ҳамаи мо пул ё тилло ҳеҷ гоҳ намерасид, барои ҳамин хуни қиматбаҳои Писари Худо Исои Масеҳ дода шуд. Ва ҳар касе ки ба Ӯ чун Наҷоткор ва Худо бовар мекунад ва ба бадкории худ қоил шавад, наҷот меёбад, яъне ӯ ба биҳишт меравад.

Духтаре ном Нигора бо ҳайрат чашмонаш кӯшода донистан хост:

– Набошад, оё одам метавонад аниқ *бидонад*, ки ӯ ба биҳишт меравад ё не?

Марди ба Шердил бегона бо дилпурии том ҷавоб дод:

– Ҳа, ва илова ба ин Рӯҳи Худо ба ӯ қувват, қуввати ғайриодамӣ мебахшад, то душманонро дӯст дошта метавонад. Ва ана ин ҷавоб ба саволи собиқи ту, Нигора.

Бачаи малламӯй савол дод:

– Оё мо бе ҳеҷ чиз ба биҳишт рафта метавонем? Бе пулу бе ягон чизи дигар?

– Танҳо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ, рост мегӯӣ, – тасдиқ намуд мард ва бо ҷиддият илова кард: – Ҳамаи мо метавонем интихоб кунем: ё мо дар пеши Худованд Исои Масеҳ сар хам карда бадкирдории худро ба Ӯ мегӯем ва аз гуноҳ наҷот меёбем ё мо сухани Тавроту Инҷилро қабул намекунем ва ба дӯзах меравем. Худо ба биҳишт даъват мекунад, на маҷбур.

Ҷавонон ба фикр афтида менишастанд. Суруде пешниҳод шуд ва онҳо сароиданро давом медоданд.

Албатта Шердил бисёр чизҳоро намефаҳмид, аммо ба ӯ нав қӯшода шуд, ки ӯ дар бораи кӣ будани Худо кам пиндошта буд. Ва барои чӣ айни ҳамин сӯҳбати нағз як ҳисси нофорам вайро зиқ мекард? Эҳтимол, ӯ худро дар тарафи нодуруст ҳис мекард?

## 13 ҚАРЗ

Малик ба тирезаи кӯшоди интернет кафе тақ-тақ кард. Иброҳим дар пушти компютер сарашро парешонҳолона бардошт ва ошнояшро дар берун дид. Бачаи дар берун истода бе овоз даҳонро ҷунбонда бо дастонаш ишора кард, ки Иброҳим тез барояд. Иброҳим як лаҳза бо худ мубориза бурд, ки оё аз бозӣ хезад ё не. Аммо кӯфтани бетоқатонаи ҷӯрааш ӯро водор кард, ки эҳтимол вай ба ӯ кори зарур дорад.

Иброҳим пули истифодаи компютери дусоатаро дар касса супурд ва аз дари оҳанин ба кӯча баромад.

– Туро ёфтан мушкил нест, Иброҳим, – бо хандаи бемеҳр ӯро мазоҳ кард Малик ва худро хеле нағз ҳис менамуд. Ӯ як сар аз вай баландтар буд ва худро хеле зӯр меҳисобид.

Иброҳим лабашро газида фикр кард, ки чӣ тавр ба ҳамдасташ гап партояд, аммо ҳеҷ чиз ба хотираш наомад. Ӯ намедонист, ки барои чӣ аз паси Малик мерафт, вай худписандкунияшро чунин бад медид.

– Барои чӣ маро кофтӣ? – мӯҳтоҷ будани Маликро таъқид карда, пурсид ӯ ва дастонро ба камар монд.

– Гӯш кун, ман барои ту кор дорам, – тез ба масъалаи худ часпид бачаи қадбаланд.

Дар нимторикии фонуси роҳ танҳо як тарафи рӯйи Малик намоён буд. Иброҳим дастонашро пеши сина болои ҳам кард ва ба гӯш кардан тайёр буд.

Малик интизори он буд, ки ду ҷавон аз пушташон гузаранд. Бо овози паст ӯ гуфт:

– Ба ман пул лозим аст ва намедонам, ки инро аз куҷо ёбам, –пичирос зад ӯ.

– Чӣ қадар?

– 200 сомонӣ.

Иброҳим ҳуштак кашид ва дастонашро ба кисаҳои шимаш ғӯтонд. Ӯ напурсид, барои чӣ ба Малик чунин маблағи калон

даркор аст. Ҳатто агар ӯ чунин савол медод, ӯ медонист, ки Малик ҷавобашро намегуфт.

Ӯ акнун каме истода фикр кард ва баногоҳ донистан хост:

– Ту нисбати Олам чӣ фикр дорӣ?

Малик қундфаҳм набуд, аммо ин масъала ба Олам чӣ дахл дошт?

– Ҳэ? Чиро дар назар дорӣ?

Иброҳим қавоқҳояшро андохт ва ҷиддӣ фаҳмонд:

– Оё ту ҳайрон нашудӣ, ки Олам пул барои харидани харита ёфта буд?

– Охир, вай дар мағозаи бобояш кор мекунад. Мумкин ба ӯ маоше медиҳад, – тахмин кард Малик.

Иброҳим сарашро ҷунбонд.

– Не, инро аниқ медонам. Бобояш ҳеҷ гоҳ ба ӯ барои ин хизмат пул намедод. Лекин барои дар ягон ҷои дигар кор кардан ӯ вақт надорад. Ва ман шубҳа дорам, агар мӯйсафед ба ӯ чунин маблағи калонро барои харитаи мактабӣ медод.

Назарҳояшон ба ҳам заданд.

– Оё ту фикр мекунӣ, ки ӯ пулро дуздид? – бо ҳайрат пурсид Малик ва ҷӯраи зирак тасдиқ кард:

– Ана ҳамин. Албатта ман сад фоиз гуфта наметавонам, ки инро аз кассаи мағозаи бобояш дуздид, аммо ман беақл

нестам-ку, – бо фахр гуфт Иброҳим ва бо даст мӯйи сари худро сила кард.

Малик ба ошнояш маҳфиёна нигоҳ кард.

– Аҷоиб, оё ин масъалаи оилавӣ мебошад?

– Чӣ? – Иброҳим нафаҳмид, ки роҳбари даста чӣ пичирос карда баровард.

– Оҳ, ҳеҷ чизи муҳим нест, – заминро бо назари холӣ медӯхт ӯ.

– Акнун фикри ман ин аст, ки шояд Олам сарчашмаи пул ёфтааст, ки он ҳам ба мо ҷорӣ мешавад, – ақидаашро маккорона баён намуд Иброҳим ва ришханд кард.

Малик дарҳол фаҳмид.

– ...ва мо айбе намедорем, чунки на мо, балки Олам пулро аз дӯкони бобояш медуздад. Э, Иброҳим, ту балоӣ! – таъриф кард ӯро Малик ва ба ҳаракат омад, – биё, мо пагоҳ дар саҳар дастаамонро чеғ мезанем ва ба пеш меравем!

*

– Дада? – ба гӯшаки телефон гуфт Фирдавс ва бо ҳайяҷон ҷавобро интизор буд. Ӯ зуд аз ҳоли дарозкашидаи худ рост болои кӯрпача нишаст.

– Ҳа, ин манам, Фирдавс. Чӣ хелӣ, писарам? – савол дод падараш.

Ҳисси гарму форам Фирдавсро фаро гирифт. Чанд вақт шуд, ки падараш ба онҳо занг зада набуд ва Фирдавс медонист, ки чунин рафтор хоси падараш нест. Ӯ ҳазор фикр нисбати насиби падараш дошт. Аз ҷӯраҳо ва ҳамсояҳо чанд бор мешунид, ки дар Русия чӣ рӯй дода метавонад. Ин ё он кас мардеро ё писареро мешинохтанд, ки ё бемор шуд, ё мурд, ё ба зиндон афтид ё бо зани рус оиладор шуда дар шаҳри бегона руст мекард. Ва акнун падараш ба ӯ занг зад!

– Ман нағз, зӯр, созам, дада. Шумо гап занед. Шумо чӣ хелед?

– Ман хеле хубам, бовар кун. Ва медонӣ чӣ? Ман пеш аз соли нав бо шумо мешавам! Ман маблағи лозимиро аллакай ҷамъ кардам.

– Бе шӯхӣ? – нобоварона гуфт бача ва чунин ҳиси хурсандӣ ӯро фаро гирифт, ки дигар ягон чизеро илова карда наметавонист. Падараш бармегардад! Меҳри ӯ нисбати падараш зиёд буд. Ин хабар барои ӯ баробари он буд, ки касе ба ӯ биҳиштро пешниҳод мекард.

– Очаат чӣ хел? Духтараконам чӣ?

– Ҳамаамон нағз, шукр. Пуле ки шумо монда будед, ҳоло чанд ҳафтаи дигар мерасад. Хайр, шуморо ёд мекунанд.

– Ту чӣ, бачаам? Оё маро низ ёд карда истодаӣ? – дӯстона савол дод падар.

Фирдавс шарм дошт, аммо бо овози паст қоил шуд:

– Ҳа, ман ҳам.

– Дарсхонният чӣ хел? Оё гапи муаллимонро мегирӣ? Ҳамсинфонатро ғам намедиҳӣ?

– Албатта, гапашон мегирам ва бо ҳама нағзам.

Табъи Фирдавс дарҳол хира шуд. Худи саҳарии имрӯза ба хотираш омад. Ӯ аз аввал муқобили он буд, ки пулро бо фишор аз Олам бигиранд, вале зидди Малик ва Иброҳим гапи худ ҳеҷ гоҳ намегузашт. Ва аз барои он ки Хисрав низ розӣ буд ва ҳеҷ кас фикри Шердилро донистан намехост, қарор шуд, ки Фирдавс ва Иброҳим баъди дарс дар беруни саҳни мактаб бо Олам маслиҳат кунанд. *“Маслиҳат кардан”* маънои он дошт, ки Фирдавс дар ақиби Олам истода дастони бачаро ба пушташ кашад ва Иброҳим ду, се бор бачаро ба шикамаш занад, то ӯ аз пайдо кардани маблағ розӣ шавад. Дар охир Оламро нимхамида дар ҷояш монда рафтанд. Дили Фирдавс шӯрид. Агар падар дар Москва инро медонист...

– Фирдавс? Фирдавс? Оё маро ҳоло шунида истодаӣ? – баъди чанд сония хомӯшӣ хавотирона пурсид падар.

Фирдавс бо даст чашмонашро молид ва ҷавоб дод:

– Ҳа, дадаҷон. Ман шуморо шунида истодаам.

– Хуб. Ба тамоми оила салом бигӯ ва аз очаат барои ин хабари хуше ки ман ба қарибӣ бармегардам, севанчӣ бигир, – хушҳолона насиҳат дод мард.

– Майлаш, дада. Нағз бошед.

– Дар амони Худо бош, бачаам, дар амони Худо бош.

Фирдавс телефонро хомӯш кард ва ба фикр фурӯ рафт. *Худо? Худо чунин бачагон дар амонаш намегирад.*

*

Малик интизор буд, ки ҳама аз дастааш баромада раванд. Хисрав, ки аз рӯи одат ҳар рӯз ҳамроҳи Шердил ба хона мерафт, имрӯз кор дошт ва Фирдавс бо Иброҳим аз паси Олам барои иҷро кардани супориш барвақттар рафта буданд.

Шердил бо ҳиссиёти омехта ва дар даст якто гамбургер назди Малики болои харак нишаста омад. Агар бачаи қадбаланд ӯро дар танаффуси охирин огоҳ намекард, ки бо ӯ мехост ҳамсӯҳбат шавад, ӯ ҳеҷ гоҳ бо роҳбари даста танҳо намемонд.

Аллакай дар вохӯрии саҳарии даста ӯ аз хаёлоти бад нафрат пайдо карда буд. Аввал ӯ фикр мекард, ки бачаҳои кундфаҳм мисли вай чунин чизҳоро сарфаҳм рафта наметавонанд, гурӯҳашон бо рафтор танҳо зӯр буданашонро исбот кардан

хост. Сонӣ ӯ гумон мекард, ки онҳо фақат аз рӯи қасос амал мекунанд – яъне дастаашон монанди полис барои тартиб дар мактаб ҷавобгар аст. Аммо нав ӯ дарк карда буд, ки зӯрзании онҳо сафсата ва ба зарари дигарон аст.

Бача ба Шердил ишора кард, ки наздаш шинад. Шердил болои харак мисли болои тахти шоҳона нишаст, чунки ин танҳо ҷои Хисрав ва Малик буд.

Малик як пояшро боло монда ба худ кашид ва рӯйи рост гуфт:

– Бо Раҳимов ба як вохӯрӣ дар кӯчаи Ҷонбегим рафтӣ?

– Ҳа, ман як бор ба он ҷо рафта будам, – на он қадар устуворона тасдиқ кард фарбеҳча. Вай он чизеро ки дар он ҷо дида ва фаҳмида буд, ба Малик нақл кардан нахост. Малик бо дастааш ва Ҷаҳонгир бо дӯстонаш – ин ду олами тамоман гуногун буданд!

– Хайр, гап зан, – бетоқатона сарро ҷунбонда талабид Малик.

Шердил гарданашро харошид. Гиребони қуртааш ба ӯ баногоҳ тангӣ мекард. Гулӯяш маҳкам шуд ва гамбургер дигар фурӯ нарафт.

*Ӯ чиро нақл кунад? Ҳа, ба ман дар он ҷо ҳам одамонаш, ҳам суханонашон, ҳам муомилаашон маъқул шуд? Инро гуфтан? Не, на дар пеши Малик.*

– Ҳммм... дар он ҷо чанд ҷавонон ҷамъ шуданд ва онҳо аз Китоби Муқаддас мехонданд... – вақте ки ӯ дид, ки Малик интизор аст, ӯ бо чашмон заминро дӯхта давом дод, – ...баъд онҳо дар бораи чизи хондаашон сӯҳбат мекарданд... – Малик бесаброна бо ангуштҳояш ба харак нақора мезад, – ... ва онҳо суруд мехонданд... ва...ва...

Малик зуд фаҳмид, ки дар он ҷо ягон кори паст накарданд ва тез шавқашро нисбати масеҳиён гум кард. *Дар ин ҷо ягон чизи муҳим нест, ки  зидди муаллим истифода бурда мешавад.* Ӯ дарҳол аз ҷояш хест, сумкаро гирифт ва ба фарбеҳча назари паст равона карда гуфт:

– Ман медонистам, ки аз дастат ягон кор намебарояд.

– Ман... ман ягон хато накардам, – ҳайрон монда худро сафед кард Шердил.

– Будани ту хато аст, фаҳмидӣ, – бераҳм гуфт Малик ва аз пешаш рафт.

Шердил бо китфҳои ғалтонда аз ақибаш нигоҳ мекард.

*

Хисрав аз панҷараи тиреза ба ҳавлии худ назарро равона кард. Хонаи падараш ба таври самарқандӣ сохта буд. Ҳуҷраҳо

девор барин ҳавлиро маҳкам мекарданд ва дар мобайнаш полизи модараш ва як кати чӯбин ҷо мегирифтанд.

Нури камқуввати офтоб баргҳои сабз ва меваҳои дарахтони хурмо ва анорро равшан мекард. Ҳама чиз чунин орому зебо буд. Аммо дили Хисрав нороҳат буд ва ба ҳиссиёти ӯ бештар ҳавои тундбод ва талотум мувофиқ меомад.

Ӯ болои курсӣ дар мизи хатнависӣ менишаста, ба фикрҳо оиди дастаашон фурӯ мерафт. Ҳа, пеш онҳо аз бекорӣ бисёртар шӯхӣ мекарданд ва фаҳмидан хостанд, ки зӯрашон чӣ қадар бошад. Албатта, ҳам дар он замон аз ҳад мегузаштанд. Аммо корҳое ки онҳо нисбати Олам мекарданд... оё инро шӯхӣ гуфтан раво аст?...Илова ба ин ӯ дӯсти хубаш Шердилро, ки аз вақти боғча рафтанаш барои Хисрав ҷон медод, гум карда истода буд – ӯ инро аниқ ҳис мекард.

Ногаҳон занги дарвоза садо дод. Аз фикрҳояш ба худ омада бача зуд китоби дар пешаш истодаро бо ҳарфҳои ибрӣ пӯшонд ва онро дар кашкашак пинҳон кард.

Яке аз келинҳои хона дарвозаро кӯшода, меҳмонро ба ҳуҷраи Хисрав даровард.

– Салом, Хисрав, чӣ хелӣ? – дар остонаи дар истода, пурсид Фирдавс.

Хисрав хест ва бо ҷӯрааш салом кард.

– Чӣ кор карда истодаӣ? – соддадилона пурсид бачаи навомада.

Хисрав мӯйи сарашро бо дастон шона карда ҷавоб дод:

– Ман... ман ҳамту шиштам. Биё. Курткаатро бикаш.

Ӯ Фирдавсро ба нишастан болои кӯрпача даъват кард. Фирдавс бо худ мубориза бурд, оё ки шинад ё не.

– Ман гапи муҳиме дорам, Хисрав, аммо ин вақт бисёр намегирад.

Хисрав бо як нигоҳи бодиққат ошнояшро санҷид ва гуфт:

– Ба ҳар ҳол шишта метавонӣ-ку?

Фирдавс, ки пойҳояш меларзиданд, акнун тахмин кард, ки хубтар даъваташро қабул кунад. Бе кашидани куртка ӯ ҷо гирифт ва Хисрав наздаш нишаст.

– Хуб, чӣ гап ҳаст? – чуноне ки хоси худ буд, Хисрав дар рӯйяш ягон ишорае оиди шубҳааш нишон надод.

Фирдавс бо самоки куртка бозӣ карда калимаҳоро мекофт.

– Падарам аз Русия баргаштанист...

– Зӯр! Ман барои ту хурсандам. Табрик. Аммо барои инро гуфтан наздам наомадӣ,.. – бо зиракӣ гуфт Хисрав.

– Не,.. не, барои ҳамин наомадам, – Фирдавс ба лампочкаи луч дар шифти хона назар андохт, – ман хостам ба ту гӯям, ки.. ки.. – калимаҳо аз даҳонаш баромадан нахостанд.

Хисрав хомӯш нишаст ва мунтазир буд.

– ...ки ман аз даста мебароям, – якбора баровард Фирдавс.

Хисрав оромона ба чашмони Фирдавс нигоҳ мекард.

– Оё ту дар ёд дорӣ, ки бо касе ки аз даста мебарояд, чӣ кор мешавад? – бо овози таҳдидомез пурсид Хисрав.

Фирдавс лаби хушкшудаашро бо забонаш тар кард. Дилаш метапид.

– Туро дигар рӯз намедиҳем, ту инро аниқ медонӣ. Чизе ки имрӯз бо Олам шуд нисбати рафторе ки мо бо ту мекунем, ҳеҷ чизи аҷоиб набуд, – бо чашмони нимкоф тарсонд Хисрав.

Фирдавс ба дастони арақшораш дар болои зонуҳо нигоҳ кард ва сарашро ба аломати ризо ҷунбонд.

–Барои ҳамин ман танҳо ҳозир гап мезанам. Ман дигар тоқат надорам. Чанд вақт шуд, ки инсофам маро азоб медиҳад...

– Оҳ, ту инсоф дорӣ? – масоҳкунон гапашро бурид Хисрав ва лабашро поён кард.

Фирдавс аз ҷояш хест ва дар остонаи дар истод.

– Ҳа, Хисрав. Ман инсоф дорам, барои ҳамин ман бо шумо дигар амалдорӣ намекунам.

– Фирдавс, э тинҷ бош. Ман ба ту як ҳафта вақт медиҳам, агар то охираш фикратро дигаргун накардӣ, баъд бин!

– Ба ман ҳатто як сония вақт дигар лозим нест. Бо ман кардан гиред, ки чи хоҳед, – худро дошта баровард бача ва зуд

аз пушташ дарро пӯшид. Хисрав нафаҳмид, ки ин қарор аз ҳама корҳое ки Фирдавс то ҳол барои дастааш карда буд, аз ҳама бисёртар мардигарӣ металабид.

Хисрав дар болои кӯрпача нишаста монд ва дари маҳкамро медӯхт. *Мо аз ҳад гузаштем,* – фикри айбдоркунанда ба сараш даромад, – *лекин бевафоӣ нисбати дӯстон аз ҳама бад аст,* – худро сафед кард бача, аммо ҳамроҳи ин ақида низ фикри дигаре омад: – *Вале мо дӯстон нестем, мо... мо танҳо ҳамдастем...*

Ба ҳар ҳол ҳоло як ҳафта вақт ҳаст.

## 14 ҶӮРАҲОИ БАД

Борон сахт меборид. Аз ин сабаб бачаҳо дар танаффус ба саҳни мактаб баромада натавонистанд ва Иброҳим дар пеши даромадгоҳ назди навбатчӣ монда вазни худро ба девор такя кунонд. Ӯ ҳар як талабаи мегузашта аз назар гузаронид. Маслиҳат буд, ки Фирдавс ва ӯ бо Олам дар пеши водапровод дар саҳни мактаб вохӯранд, аммо ҳаво нақшаашонро вайрон кард. Илова бар ин Фирдавс ба мактаб наомада буд. Гуфтанд,

ки шамол хӯрда дар ҷогаҳаш хоб аст. Аммо коре ки бояд карда шавад ба анҷом расондан лозим буд.

Чанд бача медаромаданду мебаромаданд. Дар охири охир Олам аз сояи долон падид омад. Ӯ назарашро ба замин дӯхт ва нафаҳмид, ки Иброҳим гиребони палтояшро боло карда аз пушташ аз дарвозаи бино мебарояд.

– Э Олам, биист, – аз овози борон баландтар аз пушташ дод зад Иброҳим ва аз садояш маълум буд, ки гапаш на хоҳиш, балки фармон буд. Олам дар таги борон аз ҳаракат монд ва танҳо ба пеш нигоҳ мекард. Иброҳим аз пасаш ба ӯ расид. Байни сонияҳо ҳар ду тап-тар шуданд ва об аз осмон болои онҳо фурӯ мерехт.

– Ҳамаашро овардӣ? – кӯтоҳ пурсид Иброҳим.

Олам сарашро бо аломати тасдиқ ҷунбонд ва ба кисаи курткааш нишон дод.

– Набошад, тез деҳ! – бесаброна талабид Иброҳим. Мӯйи сари тараш дар пешонааш часпид ва об ҷӯйбор барин дар рӯйяш равон буд.

Олам хунук хӯрд. Ӯ самоки кисаашро кушод ва дасташро даровард. Вақте ки ӯ коғази пулро ҳис кард, ӯ бешармона ба Иброҳим нигоҳ кард, ва гуфт:

– Дастаи ту тамоман расво аст. Агар пул хоҳед, худатон дуздӣ кунед!

– Э, хап шав! Кӣ гуфт, ки ту бояд гап занӣ? Ҳеҷ кас фикри туро донистан намехоҳад, фаҳмидӣ!

Олам ба таври айёр чашмонашро нимкоф намуда, ғур-ғур кард:

– Ва ту ҳатто донистан намехоҳӣ, ки шумо дар гурӯҳатон як хиёнатгар доред?

Иброҳим баногоҳ боронро дигар ҳис намекард ва зуд Оламро дар гиребони курткааш дошта бо назари рӯбоҳ савол дод:

– Ту чиро дар назар дорӣ?

– Ман танҳо гуфтаниям, ки яке аз шумо бо Раҳимов ба ҷамоати масеҳӣ меравад..., – аз рафтори Иброҳим тарсонда танҳо пичирос зад бача.

Иброҳим дасташро ҳаво дод.

– Э ту, ту танҳо мехоҳӣ, ки дастаи мо аз овозаи холии ту ба ҷанҷол биафтад! – гуфт ӯ, вале шубҳа дар ӯ қошта шуд.

– Майлаш, агар ту инро донистан нахоҳӣ, – Олам ҳис намуд, ки Иброҳим акнун шавқ пайдо кард. Ӯ курткаи болорафта боз ба камараш поён кашид ва мӯтъадилона гуфт: – Мана, пулро гир.

Иброҳим зуд дасташро дароз карду пулро ҳисоб накарда ба кисааш даровард.

– Ман баъд ҳисоб мекунам. Вой бар ту, агар як сомон кам овардӣ! – тарсонд ӯ.

Олам равона шудан гирифт, лекин аз қафояш Иброҳим вайро чеғ зад. Бачаи малламӯй тоб хӯрд.

–Ҳа?

Сарашро ба як тараф хамида Иброҳим донистан хост:

– Ту чиро гуфта будӣ? Киро аз мо бо муаллим дидӣ?

– Шердил, – бе ҳиссиёт гуфт ӯ ва тоб дода аз пеши бача рафт.

Борон камтар шуд ва ҳиси пуртантана Оламро фаро гирифт. Ӯ ҳаловат бурд. Чӣ мешуд, агар дастаи Малик дар байни худашон қурбон меёфтанд?

*

Малик ба соат нигоҳ кард. Аз панҷ аллакай даҳ дақиқа гузашта буд. Ӯ чашмонашро бардошта ба майдони футбол чашм андохт.  Ҳеҷ кас набуд. Дар саҳар дар даста эълон карданд, ки дар боғи назди мактаб буда ҷамъ шаванд. Ҳаво хира ва осмон абрнок буд. Ҳама чиз аз борони саҳарӣ ҳанӯз нам буд ва танҳо як айвончаи хурд дар пеши майдони варзишӣ хушк буд. Замин аз баргҳои рехта пур буд. Дар он ҷо як хараки оҳанин буд, вале оҳанаш хунук ва намнок ва Малик ба рост истодан бартарӣ медод.

Аз дурӣ ӯ дид, ки Хисрав бо Шердил наздик омад. Дар дасти Шердил чатр буд. Ҳатто дар ин соати беборон Шердил бо чатри кӯшода мегашт. Аз ӯ каме дуртар дар назди дарвозаи боғ шакли Иброҳим намудор шуд.

Малик то омаданашон дар фикр монд. Ӯ чи гуна тезтар пулро дар даст доштан хост! Ӯ ба ростӣ аз ин буққаи синфи 11 метарсид. Имрӯз ӯ Маликро боз қапид ва пулашро талабид.

Шердил чатрашро таконд ва дар таги айвонча маҳкам кард. Хисрав ба бачаи қадбаланд салом дод. Иброҳим шитофта онҳоро даррасид.

– Фирдавс канӣ? – ҳангоми расидани се ҳамдасташ пурсид ӯ.

Иброҳим лабашро поён кард ва ба замин туф кард.

– Фирдавс буздил аст. Ӯ монд, ки ҳама корро худам кунам! Бо баҳонаи шамол хӯрдан ӯ дар хона монд, – норозӣ гуфт Иброҳим ва пулро бароварда ба Малик дод.

Хисрав зирак буда, сирри Фирдавсро фош кардан нахост. Ӯ умед дошт, ки вай аз фикраш гашта ҳоло ба дастаашон баргардад. Барои ҳамин ӯ гуфт:

– Фирдавсро мон. Вай ба ростӣ бемор аст-ай.

Хисрав қоил нашуд, ки ӯ низ аз саҳар шубҳа дошт, оё Фирдавс дар ҳақиқат бо ҳарорати баланд дар ҷогаҳаш хоб аст ё не. Ӯ тахмин кард, ки сababи воқеъиро медонад.

Малик ба Иброҳим ва пули дарозкардааш диққат дод. Шердил як себи сурхи калонро аз кисаи курткааш бароварда дар шимаш тоза карду газид.

– Пулро ҳисоб кардӣ? 200 сомон? – донистан хост ӯ.

Иброҳим сарашро бо аломати ризо ҷунбонд.

– Дузди мо хуб кор мекунад. Офарин, – бо хандаи бераҳм гуфт Малик ва коғазро ба кисаи синааш монд.

– Барои чӣ дар ин ҷо ҷамъ шудан хостӣ? – савол дод Хисрав.

Шердил беист себро газиду хоиду газиду хоид.

– Э бас кун! Овози хӯрданат маро дилгир мекунад, – бо тезӣ ба ӯ гуфт Малик ва оромтар ба Хисрав фаҳмонд: – Ман фикр карда будам, ки *ту* ин нуқтаи вохӯриро ташкил кардӣ. Ин ақидаи ман набуд.

Шердил кӯшиш кард, ки дандонҳоро мисли харгӯш монад ва бе овоз газаду хоияд.

– Не, ин фикри ман буд, – эълон кард Иброҳим ва давом дод: –Гапе ки ман дорам, дар саҳни мактаб гуфтан нахостам.

Бо ҳайрат ба ӯ нигоҳ карданд.

– Байни мо як хиёнатгар ҳаст, – бо нафрат баровард Иброҳим ва чашмони ҳамдастонашро санҷид.

Дили Хисрав ба тапиш афтид. *Оё Фирдавс ба Иброҳим аллакай гуфта буд, ки аз дастаашон мебарояд? Оё каси дигар ба ӯ инро расонда бошад?*

– Созтар гап зан. Ман ҳеҷ чизро намефаҳмам, – бетоқатона дастро бардошта гуфт Малик.

– Олам ба ман гуфт, ки...

– Ба гапи Олам чӣ гӯш мекунӣ? – гапашро бурид Хисрав. – Ӯ ҳеҷ чизро намедонад.

Иброҳим хафа шуд ва берун аз одаташ ба Хисрав дод зад:

– Ту танҳо пушти ӯро мегирӣ, чунки ӯ дӯсти туст! Ин хиёнат аст, хиёнат!

– Вай чӣ хел дӯсти ман аст? Вай ба ман аз ту наздиктар нест! – бо овози ором, аммо асабонӣ фаҳмонд Хисрав.

Малик аз яке ба дигаре нигоҳ кард. Бо дастааш чӣ шуд?

– Э, хап кунед! Ман ҳеҷ чизро нафаҳмида истодаам. Гап дар бораи чӣ аст ва кӣ чӣ кор кард?

Иброҳим нафасгир шуда гуфт:

– Олам гуфт, ки ӯ дид, чӣ хел Шердил бо муаллими мо ба ҷамоати масеҳӣ рафта буд!

Шердиле ки нав себашро газидан хост, даҳонашро яла мононд. Хисрав аз ҳаракат монд. Каллааш зуд кор мекард. Гап дар ин ҷо на дар бораи Фирдавс, балки дар бораи Шердил рафт.

– Ту гуфтаниӣ, ки ин маймун моро фурӯхт? – бо нафрат пурсид Малик ва сӯи Шердил як қадам зад. Ӯ даҳони вазеъашро пӯшонд ва себро фуровард.

– Лекин...лекин ту гуфта будӣ, Малик, ки ман...ман поида бинам, ки онҳо чӣ кор мекунанд, – бурида баровард бачаи фарбеҳча.

– *Ман?* – фарёд кард Малик ва бо ангушт ба синаи худ ишора кард, – *ман* инро ба ту кай гуфта будам? Ҳушёрӣ?

Хисрав ҷим истода тамошо кард, ки чӣ мешавад. Ӯ нав сабук шуд, ки Фирдавс дар бораи аз гурӯҳ баромаданаш ҳеҷ чизро нагуфт. Вале дар бораи Шердил чиро фикр кунад?

– Оё дар ёдат нест, – аз сардори даста софдилона пурсид Шердил, – он рӯзе ки мо якҷоя аз пушти муаллим поидем? Баъд ту аз ман пурсидӣ, ки ба...

– Даҳонатро пӯш, Шердил, – бо тезӣ гуфт Малик, – агар ман кори муҳимеро медоштам, ман аз Иброҳим ё Фирдавс мепурсидам. Аммо на аз ту.

– Биёед ӯро аз даста пеш кунем, – аз ҷавоби Малик қаноатманд шуда, пешниҳод кард Иброҳим.

Малик аз чунин фикр чӣ гуна розӣ буд!

– Шердил ба фикрам, нафаҳмид, ки ӯ чӣ кор мекунад... – дӯсташро ноустуворона сафед кардан хост Хисрав.

– Рӯйбинӣ накун, Хисрав! Овоз диҳем, кӣ тарафдори пеш кардани Шердил аз дастаи мо?

Малик зуд дасташро бардошт ва Иброҳим ҳамин тавр кард.

– Биё, Хисрав, агар Фирдавс ин ҷо мебуд, ӯ низ розӣ мешуд.

*Агар Фирдавс ин ҷо мебуд...*

– Кунед, ки чӣ хоҳед, – кӯтоҳ гуфт Хисрав ва хаста шуда аз пешашон рафт.

– Э ин чӣ гуна ҷавоб? – аз пушташ дод зад Иброҳим, – мо хиёнатгар дорем, ва ту парво надорӣ!

– Вайро мон, мо медонем, ки мо чиро мекунем, – гуфт Малик ва дасти росташро ба шикам Шердил зад.

*

Занг шуд ва Назира Раҳимова дари квартираро кушод. Дар пешаш як талабаи фарбеҳча истод. Ҷавон рӯяшро поён кард.

– Лаббай, бача? – бо шубҳа пурсид зан.

Бача оҳиста ба ӯ нигоҳ кард ва дар он ҳангом дар нури чароғи хона, ки ба долони торик нурашро пош мехӯронд, ҷеҳраи бача намудор шуд. Чашми росташ кап-кабуд буд ва шишаи айнакаш шикаста. Дар дасташ як чатри қаҷшуда буд.

– Биё, дарро, – зуд даъват кард Назира ва ба даруни хона чеғ зад: – Дадааш, биёед, тез биёед. Мо меҳмон дорем.

Шердил даромад ва зан нав фаҳмид, ки бача хамида роҳ меравад. Эҳтимол шикамаш дард дорад. Дар пеши гардероб зани муаллим ба талаба барои кашидани курткааш ва попӯшияш ёрдам расонд. Сояи Раҳимов болои Шердил афканд ва бачаи фарбеҳча бо назаре ки ҳар санг об мекард, бо овози паст ба муаллим салом дод.

– Даро, Шердил, – кӯтоҳ гуфт муаллим ва бачаро шитобон аз нигоҳи кунҷковонаи фарзандони хурдаш ба меҳмонхона даровард.

Дар он ҷо Ҷаҳонгир ва хоҳараш Ситора аз ҷояшон париданд. Онҳо бо вазифаи хонагӣ овора буданд. Духтар дарҳол чизҳоро ҷамъ карду баромад. Бузургмеҳр ва Марям дар пеши остона бо чашмони калон-калон истоданд, вале муаллим дар пеши бинияшон дари бо шишаи ширрангро пӯшид ва онҳо секаса танҳо монданд.

Печкаи сурх хонаро гарм мекард. Ҷаҳонгир Шердилро назди худ болои қурпача даъват кард. Бо оҳкашӣ бача нишаст.

Умед Раҳимов каме истода, ҷиддӣ ба талабааш назар андохт.

– Акнун гап зан, Шердил, чӣ шуд? Кӣ туро чунин зад?

Шердил чашмонро оҳиста бардошта иқрор шуд:

– Муаллим, ман наомадам, то ки бузӣ кунам, аммо ман бо ин афт ҳеҷ гоҳ ба хона рафта наметавонам. Модарам боз чӣ фикр мекунад?

– Модарат фикр мекунад, ки ҷӯраҳои нодурустро интихоб кардӣ, – оромона гуфт мард.

Шердил ба дастонаш нигоҳ карда сарашро бо аломати ризо ҷунбонд. *Ҳа, ҷӯраҳояш хуб набуданд.*

– Гӯш кун, агар ту аз ман ёрдам хоҳӣ, ту бояд гӯй, ки чӣ шуд, – шарт монд муаллим, – мефаҳмӣ, ман мехоҳам ба ту дуруст кӯмак расонам.

– Биё, Шердил, агар ҳама чизро ба падарам нақл кунӣ, ин танҳо ба фоидаи худат, – дилбардорӣ кард Ҷаҳонгир.

– Дастаи мо... – Шердил худро тамоман ноқулай ҳис мекард, – не, муаллим, ман инро гуфта наметавонам.

– Мон, ман гӯям... – гуфт Раҳимов ва ҷоғро ба даст гирифт, – дастаи ту, яъне Малик, Хисрав, Фирдавс, Иброҳим ва ту, шумо ҷанг шудед.

Шердил ҳайрон шуда ба муаллим нигоҳ кард.

– Рост. Шумо аз куҷо медонед?

– Чунки ман як ҷамъи як ҳисоб карда метавонам, Шердил. Ман аз рӯзи фалоқатам фаҳмидам, ки дастаи Малик ба ҳар гуна бадкорӣ омода аст.

– Шумо... шумо фаҳмидед, ки кӣ тормосҳои дучархаи шуморо канд? – нобоварона пурсид бача ва муаллим бо аломати тасдиқ сарро ҷунбонд. – Вале инро ба шумо кӣ гуфт?

Раҳимов бо писараш зуд як назар иваз кард. Ҷаҳонгир бо розигӣ сар ҷунбонд ва мард гуфт:

– Чунки Ҷаҳонгир дида буд, ки Иброҳим ҳамон рӯз ба тирезаи анбор даромад.

– Вале шумо ҳеҷ чизро нагуфтед ва зидди дастаи мо ҳеҷ коре накардед, – бо шубҳа илова кард талаба.

Раҳимов чуқур нафас кашид.

– Ҳа, чунки ман шуморо бахшидам. Лекин аз он рӯз як чиз бароям дигар шуд.

– Чӣ? – донистан хост фарбеҳча.

– Аз он рӯз ман барои дастаатон бисёр дуо мекунам, – лабханд карда гуфт муаллим.

Шердил чашми варамашро расида ба ӯ нигоҳ кард.

– Шумо дуо кардед, то ки Худо моро занад? – чиддӣ пурсид бача.

Раҳимов ва Ҷаҳонгир хандиданд.

– Не, Худо ба мо дар Инҷил ёд медиҳад, ки мо бояд душманонро дӯст дорем. Ман дуо мекунам, ки Худованд дар дили ҳар яке шумо кор кунад. Ва ба фикрам, қисман дуоям ҳанӯз иҷро шуда истодааст.

Шердил сарро хам кард ва ба дастонаш назари холӣ равона кард. Ҳа, муаллим рост гуфт. Пеш ӯ нисбати Худо парво надошт, вале аз рӯзе ки ӯ гуноҳкор буданаш фаҳмид – ва инро аниқ дар рӯзи фалоқат фаҳмид – ӯ ҳис намуд, ки дар пеши Худо ҳеҷ гоҳ худро сафед карда наметавонад.

– Ман... ман аз дастаи Малик баромадан хостам, вале ман метарсидам, ки онҳо баъд бо ман чӣ кунанд, – бо овози хиррӣ баровард Шердил, – ман фикр мекардам, маро мисли Оламро ғам медиҳанд. Аммо имрӯз онҳо маро худашон аз гурӯҳ пеш карданд...

Ҷаҳонгир ба бачаи бечора чашм дӯхт.

– Ба ҳар ҳол имрӯз бо ту мисли бо Олам муомила карданд, – тасдиқ намуд ӯ.

– Аз дигарон ман ҳайрон нестам, аммо ман фикр мекардам, ки Хисрав дӯсти ту аст. Оё ӯ пушти туро нагирифт? Ҳама медонанд, ки гапи ӯ дар охир дар дастаатон мегузарад, – фаҳмидан хост муаллим.

Шердил чашм пӯшид. *Хисрав? Хисрав гуфт, ки ӯ дӯсти вай нест ва баъд рафта ҳатто ба ақиб нигоҳ накард.*

Талаба ғамгинона сарашро чунбонд.

*Не, Хисрав пушташро нагирифт.*

– Барои чӣ туро аз даста берун карданд? – бо назари мулоим пурсид муаллим.

Шердил чашмонашро кӯшод ва ба Ҷаҳонгир нигоҳ кард.

– Онҳо... онҳо фаҳмиданд, ки ман бо шумо ба ҷамъомади масеҳӣ рафтам, – иқрор шуд бача.

Раҳимов фикр кард ва чуқур нафас кашид. Ӯ оҳиста савол дод:

– Ва акнун ту пушаймонӣ, ки бо мо рафтӣ?

Шердил аз писар ба падар нигоҳ кард. *Пушаймон? Чӣ хел ӯ бояд аз ин пушаймон шавад?*

Якум бор дар ин меҳмонӣ Шердил мисли мард қоматашро рост карда бо овози мустаҳкам гуфт:

– Не, муаллим, не, ман аз ин пушаймон нестам. Ва агар шумо розӣ ҳастед, ман боз ва боз ба он ҷо рафтан мехоҳам, – баъд аз чунин изҳороти далерӣ баногоҳ обрӯвонаш боло рафтанд ва ӯ нолишкунон илова кард, – лекин ман аз дастаи Малик хеле метарсам.

Ҷаҳонгир ҳамдардӣ кашида аз падараш пурсид:

– Мо чӣ кор карда метавонем, то ки Шердил аз онҳо дигар бояд натарсад?

Раҳимов чашмонашро маҳкам кард. Маълум буд, ки ӯ меандешад.

Вале баъди чанд сония ӯ фаҳмонд:

– Мо дар ин маврид ҳеҷ чизро карда наметавонем, ҳеҷ чизи оддиро не. Аммо мо метавонем барои ту дуо кунем, Шердил.

Худо аз ҳама хубтар туро нигаҳбонӣ карда метавонад, ҳамин тавр нест? Аз онҳо тарсидан лозим нест.

Шердил лабҳояшро болои ҳам фишӯрд. Ҳа, ӯ гапи Раҳимовро бовар кардан хост.

Муаллим чашмонашро пӯшид ва ба Худо муроҷият карда, дуо кард:

– Парвардигори олам, мо шукр мегӯем, ки Ту дуоҳои моро мешунавӣ ва мехоҳӣ, ки мӯҳтоҷиҳоямонро ба Ту бигӯем. Мо барои Малик, Хисрав, Фирдавс ва Иброҳим дар пешат илтимос мекунем, то дар дили ин бачаҳо кор кунӣ. Кӯмак расон, ки онҳо ба Шердил ғам надиҳанд ва ӯро ором гузоронанд. Аммо низ аз Ту дархост мекунем: Нагузор, ки онҳо дар роҳи бад монанд. Бигзор ин чор кас Туро, эй Худованд, ва меҳру муҳаббати Туро бишносанд ва наздат баргарданд. Ба номи Исои Масеҳ дуо кардам, омин.

Ҳама омин гуфтанду чашмонашон кӯшоданд. Дар рӯйи Шердил лабханд пайдо шуд.

Дари меҳмонхона кӯшода шуд ва Назира бо пахта, йод ва тағорача даромад.

– Ба фикрам, дар ин ҷо як касалро табобат кардан лозим аст, – гуфт ӯ ва чизҳоро ба замин назди Шердил монд.

Раҳимов хомӯшона тамошо кард, ки занаш чашми бачаро шуст ва тоза намуд. *Дастаи Малик... Худо дуояшро нисбати яке*

*аз инҳо шунид. Оё ин барои Худо кори бузург бошад, ки дар дили дигарон низ кор кунад?*

## 15 ФИРДАВС

– Нилуфар, ба Лола ёрдам деҳ. Курткаашро пӯшон, – ба духтари хурдӣ фармон дод модар ва саросемавор низ ба гардароб наздик шуд.

Нилуфар остинҳои курткаро дуруст карда ба хоҳари нобинояш дод ва гирди гардани худ як шарфи гулобиро печонд.

– Фирдавс, калиди хонаро куҷо кардӣ? Лола, як тараф исто. Ман мӯзаамро ёбам.

Фирдавси аз по то сар тайёр буда дар кисааш кофта калидро ба модар нишон дод. Ӯ худро ором вонамуд кард, аммо дилаш пурҳайяҷон буд. Имрӯз дар вокзал падарашро пешвоз мегиранд! Амакаш занг зад ва ба онҳо гуфт, ки баъди як соат қатора ба шаҳри Душанбе мерасад.

– Дадаатон чиро мегӯяд, ки айни баргаштанаш танҳо шавлаи бегӯшт дар дег ҳаст? Барои чӣ онҳо барвақтар занг назаданд?Ин чӣ гуна пешвозгирӣ мешавад? Шармандагӣ, – модар чанд рӯз пеш гуфта буд, ки ҳангоми баргашти дадаашон хӯроки махсусеро мепазад. Аммо акнун вақт нашуд ва зан худро гум кард.

– Ман якто дастпӯшамро намеёбам, – нолид Нилуфар ва аз як по ба дигараш парид.

– Ай, Нилу, пойи маро зер кардӣ! – шикоят кард модар.

Аз рӯзе зан фаҳмид, ки шавҳараш ба қарибӣ бармегардад, ӯ ҷавонтар ва зиндатар менамуд. Фирдавс тахмин кард, ки набудани падараш дар ин ҷо на танҳо барои худаш душвор буд, балки низ барои тамоми оила.

Ӯ дар ёд надошт, ки онҳо чӣ хел ба вокзал расиданд, вале танҳо он дар хотираш монд, ки чӣ қадар дер онҳо боз дар он ҷо ях карда, интизори баромадани падар буданд. Хеле дер як

тӯдаи калон мардакҳо баромаданд. Қариб ки ҳама курткаи сиёҳ дар бар, сарпӯши пашмини зимистона ва дар даст як, ду сумкаи варзишӣ доштанд. Баъзеи онҳо ҳамту роҳашонро пеш гирифта, аз вокзал баромада рафтанд, вале дигарон дар ҳама тараф шиносони худро мекофтанд, аз байни инҳо сари падари Фирдавс намоён шуд. Қади баланди ӯ ба ӯ кӯмак расонид, ки оилаи худро тез биёбад. Дар ҳар ду даст сумкаҳо дошта, ӯ пеши онҳо шитофт.

Фирдавс худро мисли марди калонсол ҳис менамуд, ки акнун васифаи нигоҳубинии оила боз ба соҳиби аслӣ бармегардонад.

Баргашти падар барои Фирдавс рӯзи пуртантана буд. Ӯ танҳо дар хона ба худ омад ва дарк карда тавонист, ки падараш сиҳату саломат, ҳа, ҳатто каме фарбеҳтар баргаштааст.

*

Иброҳим бо таби хира ба тирезаи ошхона назари холӣ равона кард. Се ҳафтаи дигар монд ва таътили  зимистона бояд сар шавад. Ӯ дар ин қадар вақти бекорӣ чӣ кор кунад?

Дар аввал ӯ аз фикри он, ки як моҳ ба мактаб рафтан лозим нест, хеле шод шуд ва худро аз саҳар то бегоҳ дар интернет

кафе дар пеши компютер тассаввур кард. Вале имрӯз чуноне дар вақти охир одат шуда буд, пеш аз наҳорӣ бо модар ҷанг кард.

Модараш дар ҳафтаҳои гузашта фақат дер ба хона меомад. Дар ивази ин Иброҳим гумон кард, ки ин ба ӯ рухсат медиҳад, то дар интернет кафе то шабӣ нишинад. Аммо ӯ аз куҷо медонист, ки модари ӯ се рӯзи охир сари дар вақти соати шаш дар хона аст? Сабаб будани он ки зан аз пеш дида асабонитар буд, ӯ тахмин карда метавонист. Ҳамин саҳар вай дар долон пеши ҳаммом ба Иброҳим бетоқатона эълон кард:

– Ман дигар намехоҳам, ки ту ба интернет кафе меравӣ.

– Ҳэ? – бо рӯйи ношуста ва чашмони майда пурсид бача.

Зан дар торикӣ истода, дастонашро ба қамар монд.

– Тамоми пулам барои компютер меравад ва, ана афтатро бин. Дар саҳар хеста наметавонӣ, – айбдор кард ӯ.

– Эҳтимол, ман намуна надорам, – зуд ҷавоб дод бача.

Модараш чуқур нафас кашид ва худро дошта гуфт:

– *Ман* дар ин ҳафта ба ҳар ҳол дар вақташ дар хона будам.

Иброҳим бо назари паст ба модар нигоҳ кард.

– Хайр ҳа, аз рӯзе ки ба *апаи* Салима дигар даркор нестед, – тир барин гап партофт бача ва кӯшиш кард, ки калимаи “апа” дарозкашида гӯяд.

– Иброҳим! Ту дар бораи ман чӣ фикр мекунӣ! – дод зад зан ва оромонатар илова кард, – Салима... Салима ва ман, мо аз хурдӣ дугона будем. Мо дар як синф мехондем, бовар кун, – ноустуворона гуфт модар. Ба бача воменамуд, ки зан дарров дурӯғеро баровардa худро сафед мекунад.

Назари пасте ки Иброҳим сӯяш равона кард аз ҳар гап бадтар буд. Бе сухан бача ба ҳаммом даромад ва аз пушташ дарро баст. Ӯ обро дар дастшӯяк сар дод ва худро шуст.

Овози модар аз дар ба гӯшаш расид:

– Ман ба ту дигар ягон тин барои бозии компютерӣ намедиҳам! Ана гапи охирини ман ҳамин аст, – гуфт зан ва задани дар шунида шуд. Ошкор буд, ки ӯ сахт ранҷида буд.

Иброҳим бо дастмол рӯяшро хушконд ва ба оина дер нигоҳ мекард. Агар ӯ духтар мебуд, ӯ акнун гиря мекард, аммо на ба хотири катъ шудан аз бозии компютерӣ.

Тамоми рӯз ким-чӣ хел гузашта буд. Иброҳим чанд соати баъди нисфирӯзӣ дар пеши телевизор гузаронид ва аз тамошо кардан хаста шуд. Не, ӯ ҳеҷ гоҳ як моҳ танҳо дар хона нишаста наметавонад.

Модараш ба ҳар ҳол намефаҳмид, ки вай рӯзона дар интернет кафе аст. Агар ӯ ба писараш пул додан нахост, ӯ бояд пул аз ҷои дигаре ёбад. Ва Иброҳим аллакай медонист, инро аз кӣ гирад. Танҳо ин дафъа ба дастааш ҳеҷ чизро намегӯяд.

Маълум буд, ки Хисрав аз рафтори сахташ нисбати Олам норозӣ буд. Ин кор танҳо ба Олам ва ӯ дахл дошт.

*

Шердил бо додараш Бахтовар дар даст аз дарвозаи мактаб даромад. Барф беист меборид ва аз ин сабаб қаторҳои талабагонро дар даруни бинои мактабӣ ташкил карданд. Бахтовар ба иморати синфҳои ибтидоӣ рафт ва ба Шердил менамуд, ки акнун танҳои танҳост.

Сарпӯши пашмдорро ӯ аз болои чашми кабуд кашид. Худро маҷбур кард, ки аз зина ба хона дарояд ва дар назди қатори синфи худ ҷо гирад. Барқ аз саҳар набуд ва долони кафелзада хунук ва торик буд.

Шердил беилоҷ монда, бе айнак ба мактаб омад ва ин тавр манзара хира намудор мешуд. Каме вақт лозим омад, то ӯ рӯйи Ҷаҳонгирро дар пушти мактабхонони дигар шинохт ва хотирҷамъ шуд.

Фирдавс бо сари хам саллона-саллона наздик омад. Сарпӯш ва шарф дар гарданаш қариб тамоми рӯйяшро пӯшониданд. Ӯ ба ҳеҷ кас эътибор надода дар пушти талабагон меистод.

Хисрав дар назди даромадгоҳ пайдо шуд ва барф аз палтояш тапонд. Назараш аз болои бинии чангак ҳамаро

санҷида ба Шердил афтид. Гуфта намешуд, ки дар каллааш кадом фикр ҳаст.

Дар назди дар Иброҳим дастони карахт ба ҳам зада, ба кафҳо ҳавои гарм пуф мекард. Ӯ дар саҳар дер хест ва дасткашҳоро фаромӯш кард. Каме пас Малик дарро қӯшод ва бо пойҳояш заминро кӯфт, то барф аз мӯзааш биафтад.

Шердил ҳис мекард, ки пойҳояш меларзанд, аммо на ба хотири хунукӣ. Ӯ гавҳаракро ба кунҷи чашм равона кард ва дид, ки Иброҳим назди Олам истода ба гӯши ӯ чизеро пичирос зад. Ба пушти Шердил мӯрча давид. Чӣ гуна ӯ аз дастаи Малик метарсид!

*

– Не, не, ва боз не, – гуфт Олам, – як бор маро маҷбур кардӣ. Лекин ман ин корро дигар намекунам!

Иброҳим ба Олам фишор дода буд, ки дар танаффуси калон дар пушти мактаб вохӯранд. Барф бас накард ва тамоми саҳни мактаб монанди торти қаймоқӣ бо сафедии пок рӯйпӯш карда шуд. Олам аз саҳар тахмин карда буд, ки Иброҳим аз ӯ чӣ мехоҳад, аммо аз ин бача ба куҷо бигрезад?

Иброҳим тоқат накарда, аллакай айни роҳ рафтан ақиби иморат гапашро гуфт. Ба ӯ пул даркор буд.

Иброҳим дар ҷояш истод ва бетоқатона ба Олам нигоҳ мекард.

– Э Олам, ман аз ту намепурсам, оё ту бо гапи ман розӣ ҳастӣ ё не. Ту ҳамту ба ман пул ёфта деҳ ва халос! – бераҳмона эътироз кард Иброҳим. Фикри он, ки ӯ худро мисли наркоман мӯҳтоҷи пул барои компютер бозӣ ҳис кард, хашмашро боз бисёртар алангор зад.

Аз рӯзе ки Олам пули бобояшро дуздида буд, дигар оромӣ надошт. Ду бор ӯ пул аз касса гирифта буд ва ду бор ба худ ваъда дод, ки инро бармегардонад. Аммо агар Иброҳим акнун талабида истад, ки сумашро диҳад, ӯ ҳеҷ гоҳ инро дигар баргардонида наметавонад. Агар бибияш инро медонист, дилаш аниқ мешикаст. Не, ӯ дузд нест, ва дузд шуданӣ нест.

– Ман не гуфтам, – қатъиян рад кард Олам ва тоб хӯрда зуд аз пеши ҳамсинфаш рафтан хост. Иброҳим ӯро дар гиребони палтояш дошт ва бо зӯрӣ аз рафтан боздошт. Аз рӯйи Олам маълум буд, ки ӯ дард ёфт.

– Агар ту байни як ҳафта сесад сомон наёбӣ, ман туро шашлик мекунам, – таҳдид намуд Иброҳим. Рӯйяш ба таври хатарнок ба рӯйи Олам наздик буд ва чашмонаш барқ заданд. Сандуқи дили Олам тез боло ва поён рафт.

Бача хомӯш монд ва Иброҳим бо нафрат ӯро сар дод.

– Агар бобоят мефаҳмид, ки ту дузд ҳастӣ, вай хеле зиқ мешуд. Ҳамин тавр нест? – бо зиракӣ ба бачаи малламӯй гуфт ӯ ва хандаи безеб баровард.

Олам мисли сагчаи задагӣ рафт.

*

– Барои чӣ мо бояд ба мағоза равем? – аз падараш пурсид Бузургмеҳр.

Раҳимов дар паҳлӯи писараш қадам зада фаҳмонд:

– Модарат гуфт, ки чой ва шакар тамом шудааст. Ва аз барои он ки ман ҳавои тоза хоҳонам, на Ҷаҳонгир, балки ман харид мекунам.

– Оё Оча низ гуфт, ки Ҷаҳонгир барои ман ҳама вақт якто чупачупс мехарад? – ғайратмандона донистан хост пакана.

Мард хандид.

– Албатта вай инро гуфт. Вай гуфта буд: Барои Бузургмеҳр чупачупсро харидан фаромӯш накунед.

Аз ин сухан розӣ бача бо шодӣ дасти падарро бо дасти майдаяки худ дошта сӯи мағозаи “Манзур” рафтан гирифт.

Онҳо ба дӯкон расиданд ва дарро кӯшоданд. Дар пушти тахтаи фурӯшӣ мӯйсафед ба харидор сито тухм дар картон чида, “марҳамат” гуфта дароз кард. Падару писар интизори навбат шуданд.

– Лаббай, муаллим. Ба шумо чӣ? – пурсид бобои Олам. Мард тақрибан шасту панҷ сола буд. Қадаш паст ва худаш хароб буд. Риши сафед рӯйяшро ороиш медод. Ӯ марди дилгиркунанда набуд, аммо ӯро хандонак гуфтан тамоман хато мебуд. Ба харидорони хурдакак бошад ӯ ҳамеша як саломи махсус дод ва аҳволпурсӣ мекард. Инчунин ҳозир ба Бузургмеҳр чашмакӣ зад. Дар пушти ришаш ошкор набуд, агар дар ин ҳангом мард механдад ё не. Бузургмеҳр то ҳол дар ёдаш дошт, ки дар якум рӯзи харидкунияшон мӯйсафед ба ӯ як сакиҷ тӯҳфа дода буд.

Муаллим рост ба интихоби чойҳо нигоҳ кард.

– Аз чойи фомил бо маззаи лимӯ як пачкаро диҳед. Ва як кило шакар, марҳамат. Ва якто чупачупс барои бачаам, – рӯй ба бача гардонда, бо як мижа задан илова кард Раҳимов.

Мард барои шакар ба тарозу мондан хам шуд ва аз оҳкашияш маълум буд, ки миёнаш зарардида ва дардманд буд.

– Чанд вақт шуморо надида будам, – гуфт мард ва чойро болои миз монд. Чупачупсро ӯ ба дастаки Бузургмеҳр дод.

Муаллим бо розигӣ сарро ҷунбонд.

– Рост мегӯед. Ман хеле розиям, ки Ҷаҳонгир харид карданро аз ман дида нағзтар мебинад ва чизи лозимиро тез ба хона меорад.

Айни бор кашидани шакар, Раҳимов чизеро ба хотир овард.

– Вақт бисёр гузаштааст ва ман хостам ба шумо барои харитаи нав раҳмат гӯям. Гарчанде ки Олам айбдор набуд, ман фикр мекунам, шумо хуб кардед, ки ба ӯ ёрдам додед, – бо чеҳраи қӯшод гуфт муаллим.

Мард дар мобайни ҳаракаташ истод ва ба харидор бо назари аҷоиб нигоҳ кард.

– Кадом харита? Ман нафаҳмидам.

Умед Раҳимов ҳис кард, ки ӯ чизеро фош кард, ки бояд фош намешуд, ақаллан на ба воситаи ӯ.

– Ман... ман... Оё Олам чизеро дар бораи харита ба шумо нагуфт?

– Не, ва ман ба ӯ ҳам барои ягон чиз пул надода будам,... – гапи худро бурида, мард истода бо назари шах ба дари мағоза нигоҳ кард, –ин кай буд?

Муаллим худро мисли болои яхи мешикаста ҳис кард.

– Ба фикрам, моҳи ноябр.

– Ин чӣ кадар пул буд? – Маълум буд, ки мӯйсафед дар хотираш воқеаҳоеро меҷуст.

– Аниқашро на... намедонам. Чӣ қадаре ки барои як харита меравад... Мумкин, ӯ ҳоло ба шумо дар ин бора гап мезанад, – ногаҳон саросема шуда Раҳимов пулро аз киса барои харидаш болои миз монд ва ба Бузургмеҳр гуфт: – Мо бояд равем, бачаам.

Мард аз паси муаллим ва писараш нигоҳ карда меистод.

*

Шердил дар танаффус тапа-танҳо дар як кунҷи саҳн рост меистод. Аммо на танҳо ӯ аз дастаи Малик қанорагирӣ мекард. Дар кунҷии дигари саҳни мактаб Фирдавс бо як китоби дарсӣ хеле овора воменамуд.

Офтоб бо рӯйи хандон аз осмон ба замини сафедпӯш равшанӣ ва каме гармӣ медод. Арчаҳои қадбаланд дар майдони мактаб сунӣ метофтанд. Барф дар нури пок ҷило медод ва ҳаво тоза буд. Инчунин барф овозҳоро фурӯ мебурд ва муҳит хеле орому хотирҷамъ менамуд.

– Барои чӣ Фирдавс назди мо наомад? – аз ҷӯраҳояш асабонӣ пурсид Малик.

– Ӯ кор бисёр дорад, – пушти бачаро гирифт Хисрав. Танҳо ду рӯзи дигар монд, баъд тоқати ӯ тамом мешуд. *Барои чӣ ин бачаи беақл дигар ба худ намеояд?*

Иброҳим нохунашро газида эътироз кард:

– Чӣ хел? Ба қариби чорякии мо тамом мешавад, ва вай ба ҷунбиш меояд?

Малик писхандона фаҳмонд:

– Дадаҷонаш аз Русия баргашт. Акнун бачаамон боодоб мешавад, – аммо ба ростӣ донистан хост: – Хисрав, оё ту медонӣ, ки бо Фирдавс чӣ шуд?

– Ман? – ба фикр фурӯ рафта, оҳиста гуфт Хисрав, – ман ҳеҷ чизеро намедонам.

– Э Фирдавс, – баногоҳ дод зад Малик, – канӣ ин ҷо биё!

Аммо бачаи чеғзада рӯйяшро гардонд ва бо шавқи том саҳифаи қӯшодаи китоби дарсиро чашм дӯхт.

– Наход! – бо овози пасттар гуфт сардори даста, – шумо шоҳидони ман ҳастед. Оё шумо дидед? Вай гапи маро нагирифт! – ва як бори дигар овози баланди Малик осоиши саҳарро вайрон кард, – Фирдавс! Ман гуфтам, ки ту бояд ин ҷо биёӣ!

Фирдавс китобашро маҳкам кард ва онро баҳузур ба сумкаи мактабияш монд. Ӯ ба даста эътибор надода, ба роҳ нигоҳ кард ва ба иморати калон дохил шуд.

Хисрав болои хараки оҳанин оринҷҳояш болои зону монда сарро фуроворд.

– Вай баромад.

– Ту гуфтаниӣ, ки вай *дар*омад, – ӯро ислоҳ кард Иброҳим.

– Не, вай *бар*омад. Вай аз дастаи мо баромад, – бо оҳкашӣ гуфт Хисрав.

– Чӣ? Ту инро аз куҷо медонӣ? Оё ӯ инро ба ту гуфта буд? – асабҳои Малик кӯтоҳ буданд. Ӯ одат дошт, ки ҳама ӯро гӯш кунанд, ва Фирдавс ин тартибро вайрон кард.

Хисрав миёнашро рост кард, гарданашро молид ва лабашро фишӯрда гуфт:

– Фирдавс чанд рӯз пеш ба хонаи ман омад ва гуфт, ки аз даста мебарояд.

– Ва ту хап мондӣ! – ба ӯ дод зад Малик. Ӯ ҳис кард, ки қаламраваш аз байн рафта истода буд ва намедонист, ки чӣ кунад.

Хисрав худро сафед кард:

– Ман ба ӯ гуфта будам, ки як ҳафта мӯҳлат медиҳам. Агар не...

– Агар не? – пурсид Иброҳим.

– Агар не, вай аз қарораш пушаймон мешавад, – ҷумларо то охир расонд Малик ва туршрӯёна илова кард: – Офарин, байни як ҳафта ду кас аз даста гум кардем! Ин чил фоиз мешавад.

Аз дурӣ Шердил гоҳ-гоҳ ҷуръат пайдо кард, ки ба даста нигоҳ кунад. Ӯ ҳайрон монд, ки то ҳол ба ӯ на ҳамла карданд, на ягон гапи нохушро партофтанд. *Ва барои чӣ Фирдавс бо онҳо нест?* Рафтори ӯ низ аҷоиб буд.

*

Дар долон Фирдавс роҳбари синфро вохӯрд.

– Муаллим, ман... ман як чизро дар синфхона фаромӯш кардам.

Раҳимов бачаро бо як назари ҳушёр санҷид.

– Марҳамат, синфхона кӯшода аст, мисли ҳама вақт. Ту инро медонӣ-ку, – оромона гуфт мард.

Фирдавс ҳис кард, ки дар зери гапи муаллим чизе ҳаст.

– Не, муаллим, фикр накунед, ки ман барои ягон бадӣ кардан ба синфхона бармегардам.

Қошҳои муаллим ба боло рафтанд.

– Оё инро фикр накунам? – пурсид ӯ, вале меҳрубонона ба бача нигоҳ кард.

– Муаллим, – Фирдавс сар поён кард ва намедонист, ки чиро гӯяд, – медонед, бисёр чиз дигаргун шуд.

– Хайр ҳа, мисол ин ҳафта ҷамъбасти чоряк мешавад. Ва баъзе бачагон баҳоҳоро дар охири сол иваз кардан мехоҳанд, – лабханд кард мард.

– Не, муаллим, не, аммо падарам аз Русия баргашт.

Раҳимов шод шуд.

– Табрик, ин хабари хуш аст.

– Вай... вай бо шумо гап задан мехоҳад, – лабашро газида гуфт талаба.

Мард то ҳол нисбати бача шубҳа дошт. Охир, Фирдавс бачаи пухта буд.

– Дар бораи...?

– Инро худаш нақл кунад. Ман танҳо аз шумо рақами телефон мепурсам ва ӯ ба шумо занг мезанад, – шарҳ дод бача ва пешонаашро хорид.

Раҳимов қамарбандашро боло карда ба талабааш чашм дӯхт. *Ӯ аз куҷо фаҳимда метавонист, ки ин боз ягон "шӯхии" дастаи Малик нест?* Ӯ дуо кард ва аз Худо пурсид, ки чӣ кор кунад.

– Фирдавс, медонӣ чӣ, беҳтараш ман ба падарат занг мезанам. Ба ман рақамашро деҳ ва ман дар бегоҳ ба ӯ телефон мекунам, – пешниҳод кард муаллим.

– Хуб, майлаш, – розӣ шуда гуфт Фирдавс ва рақами телефони хонагӣ ба муаллим дод.

Фирдавс аз пеши муаллимаш рафт ва аз дастаи худ дар синфхона паноҳ мекофт.

*

– Шердил! – фарёд кард Хисрав ва аз пушти ҷӯраи собиқаш давид.

Шердил тоб нахӯрда, қадамашро каме сусттар гардонд ва бо тарс замини яхинро дӯхт.

Хисрав давид ва наздаш нафасгир шуда расид.

– Э, ман туро чеғ задам. Барои чӣ маро намешунавӣ? – пурсид бача ва назари Шердилро кофт.

Фарбеҳча сархамона рафтан гирифт.

– Аз ман... аз ман чӣ мехоҳӣ? – ба зӯр баровард ӯ ва ба худ савол дод, барои чӣ падару модар ӯро *“шердил”* меномиданд.

Хисрав китфи ҳамсинфашро тапонд.

– Гап задан мехоҳам. Танҳо гап задан, – софдилона гуфт Хисрав.

Шердил аз ҳаракат монда ба Хисрав нигоҳ кард.

– Гап задан? Ана гап задани дастаи ту! – хашмгинона шабкаро боло карда, ба чашми кабудаш ишора кард Шердил. Баъди чанд рӯз кабудча варамтар ва рангинкамон барин рангашро иваз медод.

Хисрав рост истода ба Шердил нигоҳ кард.

– Ин... ин кори Малик будааст? – нобоварона пурсид бачаи зирак.

– Ту чӣ фикр кардӣ? Кори бобои барфӣ? – Шердил намедонист, аз куҷо ӯ қувват ёфт, аммо ӯ истодагарӣ кард. Хисрав аз боварияш баромад. Эҳтимол бача худро танҳо бехабар нишон медиҳад.

– Бе шӯхӣ, ман фикр кардам, ки ту дар ях афтидӣ ё ягон чиз монанди ин, – ҳайрон монда гуфт Хисрав.

Шердил сарро ҷунбонд.

– Не, Хисрав, не, ман ба ту дигар бовар намекунам. Ман навакак фаҳмидам, ки дӯстони ҳақиқӣ чӣ гунаанд. Ту дӯсти ман нестӣ, – овозаш хафа бошад ҳам, ҳамсинфаш дар чашмони Шердил ҷилое медид. Магар ин ашк бошад?

Хисрав ноумедона дастонашро бардошт.

– Оё Ҷаҳонгир ва дӯстонашро дар назар дорӣ? – диниста савол дод ӯ.

– Ҳа, Ҷаҳонгир ва дӯстонашро. Ман ҳар вохӯрӣ бо онҳо ҳастам. Ва медонӣ, ин хеле хуб аст, – Шердил дар гап задан саргарм ва баногоҳ ором шуд. – Хисрав, ту дӯстии хуб будӣ, аммо дастаи ту ба ман лозим нест. Ман аз ту хафа нестам, лекин... Агар хоҳӣ, метавонӣ бо ман ба ҷамоат равӣ.

Шердил тез аз пеши ҷӯрааш рафт ва то расидан ба баландошёнаи худ беист қадам мезад.

Хисрав дар роҳ яхшӯшаи ба замин афтидаро хашмгинона бо пояш лагад зад. *Ҷӯраи ҳақиқиро ӯ барои ду ҳамдасти бевафо аз даст дод.*

## 16 БОРИ КӮҲНА

Олам даст дароз кард ва пулро аз таги латта гирифт. Чӣ гуна ӯ аз худ нафрат дошт! Ӯ мунтазир шуд, то бобояш ӯро барои чанд лаҳза дар мағоза танҳо монад. Дина ӯ дусад сомон гирифта буд ва имрӯз боз сад сум. Овози қадамзании мӯйсафедро шунида ӯ бо шитоб пулро ба кисааш андохт ва тоб хӯрда консерваҳоро аз куттӣ бароварда, ба токча монд.

Аз анбор баромада бобо бо чашмони шах ба бача назар андохт. Ӯ чуқур нафас кашид, вале ягон сухан набаровард. Дили Олам то гулӯяш зад. Магар мард ягон чизро фаҳмида бошад? Ӯ зуд кор кардан гирифт ва банкаҳоро ба тартиб овард.

– Олам, ту ҳама консерваҳоро чапана монда истодай! – гуфт мард, – бин, моҳии ту "йҳом" ва томат "тамот" мешавад!

Олам саргардон ба сарлавҳаҳои банкаҳо нигоҳ кард. *Э ҳа, рост гуфт мард.*

– Ман... ман аҳамият надодам. Бубахшед, бобоҷон.

Ӯ дарҳол консерваҳоро рост монд. Мард дар кунҷ болои куттии чӯбин ҷо гирифт, дастонашро болои ҳам кард ва хомӯшона ба набераи кор мекарда назар андохт. Олам дар зери нигоҳи ӯ то решаи мӯйи сараш суп-сурх шуд ва кӯшиш кард, ки танҳо ба банкаҳо бо нахуди сабз ва ҷуворӣ диққат диҳад, гӯё ки дар дунё дигар чиз нест.

Мӯйсафед нафас кашид ва ришаш боло ва боз поён рафт.

– Аллакай дина ту айни кор кардан парешонҳол будӣ..., – ба сӯҳбат даъваткунон гуфт бобо.

– Ҳамин ҳафта ҷамъбасти чоряк мешавад ва ҳушам дар мактаб, – худро сафед кард Олам, гарчанде ки ӯ медонист, ки чунин нест.

– Ооооҳ, – гапашро кашида баровард мард ва қошҳояш боло рафтанд. – Олам, мумкин савол диҳам? – пурсид марди солхӯрда.

Олам бе он ки ба ӯ нигоҳ кунад, бо аломати ризогӣ сарро ҷунбонд ва ғур-ғуркунон “албатта” гуфт.

– Падаратро ёд мекунӣ?

Сари Олам бо ҳайрат зуд боло рафт, вале чунин боз хам шуд.

– Падарам?... Не, падарам ёд намекунам. Шояд очаам.

Мард лабашро газид:

– Хайр, очаат се сол пеш мурд. Ин дигар иваз кардан намешавад.

– Магар ҳоли падарамро иваз кардан мешавад? – дилгирона гап партофт бача ва аз изҳороти ҳиссиёти худ пушаймон шуда, ҷим монд.

Бобояш ришашро сила дода меистод. Оҳиста ӯ гуфт:

– Не, ҳеҷ чизро иваз кардан намешавад, аммо ӯро бифаҳм... ӯ очаатро хеле дӯст медошт, аммо баъд келинамон касал шуд ва мурд... Ин барои ӯ осон набуд.

*Вай чӣ? Барои ман зиндагӣ кардан наарзид?* – бо нафрат фикр кард Олам, вале чизеро нагуфт.

– Ман баъзе вақт худро ҳамчун тарбиягари ту қобил ҳис намекунам, – зиқида қоил шуд мард. Аз ин сухан Олам хеле ҳайрон монд. – Мумкин чизҳое ки мо ба ту мекунему мехарем

кам бошад, – мард даст-дасткунон гап як тараф кашидан хост, аммо набераaш тез пай бурд, ки сӯҳбат метавонад нодуруст равад.

– Бовар кунед, ба ман ҳама чизи даркориро додед, – бо овози гирифта ва назари ғамгин гуфт ӯ.

Харидор саломкунон аз дари мағоза даромад ва гапашон қатъ шуд. Бобояш чӣ гуна орзуманди иқроршавии duздии бача буд! Ӯ чӣ хел фаҳмида наметавонист, ки пуле ки чанд вақт пеш гум шуда буд, кӣ гирифта буд? Ӯ хост, ки Олам хаторо худаш гӯяд, аммо набераaш мисли сейф маҳкам буд.

*

Занги дар шуд ва Раҳимов дарро кӯшод. Чуноне ки дар телефон маслиҳат карда буданд, падари Фирдавс дар пеши остона истод. Падар аз писар дида пиртар бошад ҳам, писар нусхаи падар буд. Ҳам ӯ қадбаланд буд, рӯйи дароз ва қошҳои пайванд дошт. Раҳимов падари Фирдавсро, акаи Давлатро, танҳо дар занги якум дида буд.

Ӯ вайро ба меҳмонхона даровард ва аз худ чандум бор пурсид, ки акаи Давлат аз ӯ чӣ мехоҳанд.

Бегоҳ буд ва чароғи хона кам равшанӣ медод. Дар зимистон қуввати барқ суст буд. Меҳмон нишаст ва Назира салом дода чой овард.

Мардҳо танҳо буданд. Аввал онҳо каме дар бораи ба Москва рафтан ва аз он ҷо баргаштани падари Фирдавс сӯҳбат карданд, аммо барои ҳар ду тараф ошкор буд, ки ин танҳо барои саргарм шудан ба сӯҳбат лозим буд. Вақте ки онҳо дигар намедонистанд, ки чиро гӯянд, акаи Давлат гулӯяш тоза карда, гуфт:

– Раҳмат, ки барои ман вақт ҷудо кардед. Ман... ман намедонам, ки чӣ хел сар кунам.

Раҳимов хоҳон даст бардошт ва бо лабханд дилбардорӣ кард:

– Ин намоён аст. Марҳамат, чизеро ки гуфтан хоҳед гӯед. Ман намегазам.

Соҳибхона боз чой ба пиёлаи меҳмон рехт. Мард шабкаашро дар даст ҷунбонда ба буғи ҷойи сӯзон дар пиёлааш назар кард.

– Духтари ман, Лола, қариб ки ду сол пеш дар садама нобино шуд. Мо тобистони гузашта бо духтурон шинос шудем, ки ба мо гуфтанд, ки чашмонашро ҷарроҳӣ карда мешавад. Акнун барои ҳамин ман ба Русия рафтам.

Дониста муаллим сар ҷунбонд.

– Лекин онҳо ба ман низ як нишонӣ дар Москва доданд. Дар он ҷо тоҷикон зиндагӣ мекунанд.

Дар гапаш то ҳол чизи шавқоваре набуд ва Раҳимов нафаҳмид, мард чиро гуфтанӣ аст.

– Ин тоҷикон масеҳӣ ҳастанд, – ба ҳар як калима вазн дод ӯ ва бо сари хам аз поён аксуламали соҳибхонаро санҷид.

Раҳимов худро гум накарда, пурсид:

– Баъд чӣ? Шумо пешашон рафтед?

– Ҳа, – дароз кашида ҷавоб дод мард. – Бачаам мегӯяд, шумо низ масеҳӣ ҳастед.

Раҳимов Фирдавс ва рафторашро ба хотир овард.

– Оё ҳамин хел гуфтааст?... Рост, ман масеҳӣ ҳастам, – мӯътадилона тасдиқ кард Раҳимов.

– Акнун... ман ба он ҷо рафтам ва медонед, ман дар он ҷо низ ба Исои Масеҳ имон овардаам, – эътироф кард акаи Давлат ва намедонист, ки чандум бор шабкаашро дар дасташ тоб дод.

Муаллим аз ин навигарияш дар ҳақиқат ҳайрон монд.

– Оилатон инро медонад? Ана, Фирдавс, мисол, ӯ чӣ мегӯяд? – савол дод мард.

– Хайр чӣ гӯянд? Ҳеҷ чизро. Аммо ба фикрам ба онҳо вақт лозим мешавад.

Муаллим сарро ҷунбонд ва ба дастархон нигоҳ карда, гуфт:

– Чой хунук мешавад. Гиред. Ягон чизро гиред, – ӯ ба меҳмон назар андохт. *Чӣ гуна аҷоиб роҳҳои Худо! Кӣ фикр мекард, ки худи падари Фирдавс масеҳӣ мешавад?!*

– Фирдавс ба ман гуфт, ки шумо ба як ҷамоати масеҳӣ меравед, – гуфт мард.

– Ҳа, дар кӯчаи Ҷонбегим як ҷамъоати масеҳӣ ҳаст, – тасдиқ кард Раҳимов.

– Оё маро бо бародарон шинос мекардед? Ман дар Москва ҳама вақт ба ҷамъоат мерафтем ва вақте ки баргаштам, хурсанд шудам, ки дар наздикии хонаи мо низ чунин ҷо ҳаст.

Муаллим лабханд кард ва даъваткунон гуфт:

– Албатта, дар рӯзи якшанбеи меомада, соати нӯҳ ба хонаи ман биёед ва мо якҷоя ба он ҷо рафта метавонем.

Ҳар ду мард аз ин вохӯрӣ хеле шод шуданд. Баъди баромадани меҳмон Умед Раҳимов бо пушт ба дар меистод ва ба фикр афтид. *Оё Худо дуои ӯро нисбати Фирдавс ин тавр ҷавоб медиҳад? Худо ба ростӣ бузург аст!*

*

– Бобоҷон, оё барои ман кам-кам вақт доред? – аз дари хона поида, пурсид Хисрав ва ба рӯйи марди солхӯрда нигоҳ кард. Хонаи падаркалон дар рӯ ба рӯи ҳавлии падари Хисрав буд ва гоҳе Хисрав кампиру мӯйсафедро хабар мегирифт.

Мард тахтаеро бо чашм медӯхт. Сар набардошта ӯ гуфт:

– Биё, бачаам. Биё, аммо дарро тез пӯш!

Бо дасти рост ӯ асбоби қандакориро боз ва боз болои чӯб бо эҳтиёт мефуровард. Тарошаҳо ба ҳар тараф меафтиданд.

Устохона дар таҳхона буд ва ду тирезаҳои майдаи ба замин баробар буда каме равшанӣ медоданд. Танҳо дуто табуретка, якто миз, чанд токча дар девол пури ҳар чизҳои майда-ҷӯйда ва як печкаи калону гарм дар он хона ҷо мегирифтанд. Болои миз чойник бо чойи сӯзон ва якто пиёла меистоданд.

– Бишин, Хисравҷон. Чӣ гап дорӣ? – ба сӯҳбат даъваткунон гуфт бобояш. Падаркалонаш мисли худаш бинии каҷ ва чашмони кабуд дошт. Мӯйи сараш сап-сафед буд, вале қошҳояш сиёҳ.

Хисрав намедонист, ки гапро чӣ тавр сар кунад. Ба ӯ хуб буд, ки мард бо қандакорӣ овора буд.

– Ман... ман як дӯсти хубро аз даст додам, – номуайян сар кард Хисрав.

Мард оҳ кашид:

– Э афсӯс, дӯсти хубро ёфтан осон нест. Кӣ буд он дӯсти ту? – пурсид мӯйсафед ва бинияшро бо пушти дасти чап хорид.

– Шердил Собиров.

– Оё ҳамон бачаи фарбеҳчаи айнакдор? – бе нигоҳ кардан пурсид мард.

Гуфтани “ҳа”-и Хисрав бештар ба нолиш монанд буд. Ӯ ҳоло нанишаста назди тиреза рафт ва барфи меборидаро тамошо мекард.

– Барои чӣ?

*Барои чӣ?Оё ӯ ҳама чизро ба бобояш нақл кунад? Не, ин мумкин нест.*

– Ман хостам, ки вай бо ҷӯраҳои дигарам бошад, аммо ин нашуд.

Мард дониста сарро ҷунбонд ва корро давом медод.

– Ҷӯраҳои ман намехоҳанд, ки Шердил масеҳӣ бошад.

Мард дарҳол болға ва исканаро фуровард. Ӯ бо чашмонаш тахтаи  фарши хонаро дӯхт. Бе сухан ӯ асбобҳоро боз сахт ба даст гирифт ва қандакориро давом медод. Ба Хисрав менамуд, ки задани болға акнун дағалтар аст. Ва дар айни ин ҳол бобо хато карда, исканаро ғечонд.

– Ана, бин, расмро вайрон кардам! – баландтар аз он ки ӯ хост, фарёд кард ӯ.

Хисрав мӯйи сарашро ба қафо шона кард.

– Мебахшед, бобоҷон, ман инро нахостам.

Бетоқатона мард болға дар даст ҷунбонда ба бача назар равона кард.

– Ту медонӣ, ки ман оиди ин чизҳо чиро фикр мекунам.

– Лекин барои чӣ падарам дар ин бора фикри дигаре дорад? Ӯ мегӯяд, ки Худо нест ва ягон дин лозим нест.

– Сафсата. Ту инро медонӣ ва ман низ. Албатта Худо ҳаст. Агар не, кӣ ин дунёро ба вуҷуд овард? – мӯйсафед норозӣ сарро ҷунбонд ва ғамгинона илова кард, –не, не, падарат марди бисёр хондагӣ ва доно бошад ҳам, чизи асосиро нафаҳмид: худотарсиро.

Хисрав ба фикр афтид. *Падари ӯ ҳамчун муаллими химиё чунин доно буд. Ӯ сиррҳои табиатро фаҳмонда метавонист, вале ба Он Ки ин қоидаҳоро ба вуҷуд овард бовар кардан намехост. Шердил бошад бачаи оддии соддадил буда, бале ба Хисрав дар ин ҳангом ӯ аз падараш дида хирадмандтар воменамуд.*

– Хайр ҳа. Аммо барои чӣ вай намехоҳад, ки мо гӯем, кӣ мо ҳастем? – маълум буд, ки бача чизеро фаҳмидан хост, аммо наметавонист. Ноумедона ӯ худро болои табуретка дар таги тиреза ғалтонд ва китфҳоро фуровард.

Мӯйсафед телпакро ба ақиб монда болои табуреткаи дигарӣ ҷо ёфт.

– Аз рӯзе ки момоят масеҳӣ шуд, ман дар ин хона ягон чизро дигар намефаҳмам, – қоил шуд мард ва болға ва исканаро болои миз монд.

Хисрав сарро ҷунбонд. Чор кас дар як оила ва чор хел фикр. Падараш атеист, модараш мусулмон, момояш масеҳӣ ва бобояш яҳудӣ!

*Набошад, кӣ рост аст? Ӯ худаш кист ва ба кӣ ё чӣ бовар кунад? Оё ба анъана ва ривоятҳои пешина? Лекин кадом ривоят аз ҳама аввал буд? Муаллим гуфта буд, ки зардуштиён аз Таврот ёд гирифта буданд. Инро аниқтар кардан лозим аст!* – фикр кард Хисрав.

## 17 СОЛИ НАВ МУБОРАК

– Соли нав муборак! – писханд карда гуфт Малик ва шабкаи сурхеро ки аз куҷое ёфт, болои сари Олами менишаста кашид. Пеш аз даромадани роҳбар талабагон аллакай дар синфхона ҷамъ шуда буданд. Олами бечора беҳаракат болои курсӣ карахт шуда меистод ва назар ба тахтаи синф равон кард.

Иброҳим шарфи худро кашид ва гирди гардани бача печонд. Пакети Оламро бо курткаи худ линча барин дам карданд ва ба дасташ доданд.

– Бобои барфӣ, ман аввал ба ту бовар намекардам, аммо акнун медонам, ки ту ба ростӣ ҳастӣ, – ришханд карданро давом дод Малик. – Ба мо чӣ гуна тӯҳфаҳоро овардӣ? Оё ягон чизи шавқоварро?

Гарчанде ки тамоми синф дар он ҷо буд, ягон кас ба Олам ёрӣ нарасонд ва пушташро нагирифт. Шердил лабашро то хун шуданаш газид, аммо тарсончакияш то ҳол ӯро сар надод. Агар ӯ қӯш шавад, Малик ӯро чун қурбонӣ интихоб мекард, инро аниқ медонист. Ӯ рӯй гардонд ва ба соати деворӣ нигоҳ кард. *Буздил! Шармандагӣ, Шердил! шер бо дили бузи тарсончак!* – худро маҳкум кард Шердил ва шифти хонаро дӯхт.

– Дар ин пакет тӯҳфаҳо барои ҳама ҳаст, ҳамин тавр нест, бобои барфӣ? – бозии гандаро давом дод Малик ва пакетро беаҳамият дарронда кӯшод. Ӯ хандаи безеберо баровaрда бо дилсӯзии сохта гуфт:

– О-оҳ, бобоҷон, дар ҷангали шумо линчаи босифат набудааст?

Шердил соатро дӯхт. Муаллим тезтар дарояд. Ӯ аниқ ҳис кард, ки ӯ худаш бояд ба Олам ёрдам медод. Ӯ дуо кард, аммо воменамуд, ки Худо аз ҷои дигар ёрдам расонидан нахост.

– Бин, Иброҳим, қаламҳои босифат, махсус ба соли нав барои ту, – Малик ду қаламҳои оддӣ аз пакет баровард ва онҳоро ҳаво дод. – Барои ман чӣ дорӣ? Дастпӯш! Дастпӯшҳои сиёҳву ҷигарӣ, ҳм,... бобои барфӣ, ман ин рангҳоро нағз намебинам, ман онҳоро беҳтар аз тиреза...

Ҳангоми тоб хӯрданаш ба тарафи тиреза шиками ӯ бо шиками фарбеҳи Шердил ба ҳам зад. Аз боло Малик ба поён ба Шердил нигоҳ кард. Лабонаш бе садо ҷунбиданд. *Ин фарбеҳ дар ин ҷо чиро хост?*

– Э шикамдам, аз ман чӣ мехоҳӣ? – бо нафрат пурсид Малик ва кӯшиш кард, ки фарқи қадҳояшон боз бисёртар ошкор бошад.

Шердил қулт карда ба чашмони бачаи бузургҷусса беҳаракат нигоҳ мекард. *Оё вай ҳама вақт чунин қадбаланд буд?* Шердил дар дилаш аз Худо қувват илтимос карда, дастонашро мушт кард ва бо овози ларзида гуфт:

– Малик, бас! Оламро ором гузор!

– Ҳэ? – Малик фикр кард, ки нодуруст шунид ва нобоварона бо ханда пурсид: – Пакана, ту ҳушёрӣ? – ва барои вазн додан ба гапаш бачаро тела дод. Шердил қафо рафта, аз пои Иброҳим пешпо хӯрд ва бо сараш ба девол зад. Акнун ҳама чиз тез шуд.

Талабае аз пушт Маликро дар гиребон дошт ва тоб хӯронд. Бачаи қадбаланд гаранг шуд ва муштхӯрда болои шикамаш ба

замин зад. Иброҳим худро болои он кас партофт ва онҳо ин сӯ-он сӯ ғелида ҳамдигарро мезаданд. Шердил нав ба пояш истода дид, ки ин бачаи далер Фирдавс будааст.

Ӯ худро аз пушт болои Иброҳим партофт ва Малик аз дигар тараф ба онҳо ҳамла кард. Тамоми синф акнун ба ҳаракат омада, ҷанговаронро давр зада бо додгӯй ба бурд кардан ангехтанд. Хисрав бо дастон дар киса ҳамаро аз масофаи дуртар тамошо мекард ва Олам оҳиста шабкаи сурхро аз сар фуровард.

Дар кӯшода шуд ва Раҳимов даромад. Чуноне ки сардори синф, Манижа, назди ӯ давида гуфта буд, бачаҳо дастбагиребон шуданд.

Мард тӯпчаи бачагон ба зӯр аз ҳам ҷудо кард. Баъзе талабагон бо шавқ тамошо мекарданд ҳам, акнун ба муаллим ёрдам доданд. Ҳарифонро дур карданд. Нафасгир шуда ва бо курткаҳои нимпӯш онҳо рӯй ба рӯи ҳамдигар хамида меистоданд.

– Ҳама шинед, тез, – бо ин се гапи кӯтоҳ Умед Раҳимов синфро боз ба тартиб овард.

Ду, се кас ба ҳам пичир карданд, ки ҷанг чӣ гуна зӯр буд. Баъд ҳама хомӯш шуданд. Малик ҳис кард, ки ӯ ин дафъа бой дод, ва барои ҳамин бо сари поён дар пушти парта нишаст.

– Канӣ, ба ман кӣ нақл мекунад, ки чӣ шуд? – талабид муаллим. Ӯ дастонро дар миёнаш гузошт ва ҳар як талабаро бо назараш санҷид.

Воменамуд, ки ҳама забонашонро гум карданд.

– Малик? – даъват кард муаллим, аммо бача танҳо сари хамашро ҷунбонд.

Хомӯшии том.

– Малик Шердилро зад, – як духтар аз пушт гуфт.

Раҳимов ба Шердил нигоҳ кард.

– Ҳамин тавр буд?

Шердил сурх шуд. *Муаллим аз ӯ чӣ фикр мекунад, ки ӯ ба чунин ҷангкунӣ қӯш шуда буд?*

Шармгинона Шердил бо розигӣ сар ҷунбонд.

– Ӯ  пушти Оламро гирифт, – фаҳмонд Хисрав.

Шердил бо даҳони қӯшода ба дӯсти собиқаш нигоҳ кард. Муаллим тааҷуби худро нишон надода, аз Хисрав пурсид:

– Ӯ барои чӣ пушти Оламро гирифт?

– Малик Оламро бобои барфиро гуфта, ӯро мазоҳ кард, – кӯтоҳ фаҳмонд бача ва шабкаи сурхи дар болои парта бударо ба даст гирифт.

– Охир, бобои Олам тамоми мағозаашро гирланда карда соли навро пешвоз мегирад, – якравона баровард Малик.

Муаллим гарданашро молид.

– Ва қасоси ту дар чӣ? – мӯътадилона донистан хост Раҳимов.

Калонгарии пештараи Малик боз ба сатҳ омад. Ӯ худро нишон дод ва хеста гуфт:

– Охир соли нави милодӣ иди мо нест. Шумо бояд инро боз беҳтар донед, муаллим, – бо лаби каҷ гуфт ӯ.

– Оё ин иди мо нест? Агар ман ба ту исбот кунам, ки ин иди мо ҳаст-чӣ? – шарт монд муаллим.

– Ба мо чунин чизҳои нав лозим нест, – тез ҷавоб дод Малик.

– Малик, хап шин. Канӣ, муаллим чиро мегӯяд, – аз пушт гуфт Хисрав. Малик ҳангоми шунидани овози Хисрав асабонӣ шуд. *Ҳоло бинад, баъди дарс ӯ бо ин бача хушрӯяк гап мезанад! Ӯ худро киро фикр мекунад!*

– Соли нав чизи нав нест. Ё чизҳои аз ду ҳазор сол кӯҳнатар барои ту нав аст, Малик? – як абрӯ боло бардошта пурсид роҳбари синф ва болои партаи худ нишаст. – Зиёд аз ду ҳазор сол пеш Исои Масеҳ дар як шаҳри майдаи Исроил таваллуд шуд.

Дар таърих мавлуди Ӯ ҳамчун нуқтаи асосӣ қайд шуд. Барои ҳамин тамоми равиши таърихи мо ба ду қисм тақсим шуд: ба замоне "пеш аз милод" ва ба замоне "баъд аз милод".

Солшумории мо аз соли таваллуди Исои Масеҳ пайдо шуд ва то ҳол онро истифода мебарем.

– Хайр муаллим, монед. Мо мардуми шарқӣ ҳастем. Ба мо ин чӣ дахл дорад? – даст ҳаво дода, эътироз кард Иброҳим ва ба синф нигоҳ кард.

Муаллим сар ҷунбонида истод ва калимаҳоро хуб фикр карда гуфт:

– Иброҳим, барои шарқӣ буданамон ба мо ин рӯйдод аз ҳама наздиктар мешавад. Чунки дар Инҷил нақл карда мешавад, ки ҳангоми таваллуд шудани Исои Масеҳ маҷусон аз шарқ наздаш омаданд. *“Маҷусон”* калимаи форсӣ бо шакли юнонӣ аст. Аслан мо ба чунин одамон дар таърих *“муғон”* мегӯем.

– Мурғон, муаллим? – хандида гуфт Иброҳим.

Муаллим лабханд карда ислоҳ намуд:

– Не, *“муғон”*. Чунин касон одамони рӯҳонӣ буданд, ки хизмати зардуштиён пеш мебурданд. Яъне онҳо аз ҳама бисёртар Яздонро, яъне Худоро парастиш мекарданд, – шарҳ дод муаллим.

Хисрав бо диққат гӯш карда гуфт:

– Боз зардуштиён? Ба онҳо милоди Исои Масеҳ чӣ дахл дошт? Онҳо аз куҷо дар бораи таваллудаш фаҳмида буданд? Дар он вақт интернет набуд.

– Ҳа, Китоби Инҷил мегӯяд, ки онҳо ситораи Ӯро дида буданд. Мо ҳозир аниқ гуфта наметавонем, ин чӣ гуна ситора буд, аммо маълум аст, ки онҳо он ситораро дар осмон ҳамчун нишонаи махсуси наҷотдиҳандаи дунёро фаҳмиданд, ва роҳ онҳоро сӯи сарзамини Исроил бурд.

– Ва онҳо барои чӣ назди Исои Масеҳ рафтанд? – пурсид Фирдавс.

– Дар Инҷил навишта шудааст, ки онҳо тӯҳфаҳои қиматбаҳоро оварда, Исои Масеҳро парастиш мекарданд. Баъд онҳо ба ватани худ баргаштанд, – нақли дарозро ҷамъбаст кард муаллим.

Малик дастонро дар пеши сандуқи дил болои ҳам кард.

– Ба ҳар ҳол сафарашон таъсирбахш набуд. Ҳеҷ чиз дар шарқ дигар нашуда буд-ку, – фикри худро баён кард ӯ.

Раҳимов ангуштро ҳаво дод ва ислоҳ кард:

– Ту хато мекунӣ, Малик. Дар он замон дар шарқ мардуми бисёр масеҳӣ шуданд. Як хел шаҳрҳо ҳатто танҳо аз сокинони масеҳӣ иборат буданд. Шаҳрҳо, аз ҷумлаи онҳо Бухоро ва Самарқанд, аҳолии зиёди масеҳӣ доштанд. Дастнависҳои Китоби Забур ба забони пахлавӣ аллакай аз панҷуми аср ёфтанд, ва қисмҳои Инҷил ба забони суғдӣ тарҷума карда буданд. Акнун чӣ фикр мекунӣ, оё соли нав ба мо шарқиён

дахл дорад ё не? Оё падарони мо нисбати мавлуди Исои Масеҳ бетараф буданд?

Малик заминро дӯхт ва ҳеҷ чизро нагуфт.

Занг шуд ва Раҳимов ба соати дастӣ назар андохта, аз ҷояш хест.

– Хуб, дарси таърихи мо бо мавзӯи дигар гузашт, аммо ба фикрам инро донистан ба шумо хуб аст.

Талабагон баромаданд ва роҳбари синф қурткаашро пӯишд. Баногоҳ аз пушташ касе ба ӯ наздик шуд.

*

Муаллим гиребонро дуруст карда тоб хӯрд ва ба чашмони Фирдавс нигоҳ кард. Ӯ ҳайрон шуданашро нишон надода, гуфт:

– Лаббай, Фирдавс?

Фирдавс ҷиддӣ ба роҳбари синф чашм дӯхт. Ӯ дар пеши сандуқи дил сумкаашро мисли сипар дошт, гӯё ки ӯ масофаро нисбати муаллим нигоҳ доштан хост.

– Савол мумкин? – ба таври кӯтоҳ пурсид ӯ.

Муаллим тугмаҳоро аз сӯроххо гузаронид ва шабкаро болои сар монд.

– Ҳа, албатта.

– Оё шумо... шумо барои ҳамин масеҳӣ шудед? Аз ба хотири он ки бисёриҳо аз падарони мо дар даври пеш аллакай масеҳӣ буданд?

Муаллим андешиду ба парта назар равон карда сарро ҷунбонд.

– Не, не. Ин сабаби асосӣ набуд. Албатта ба ман ин чизҳо ҳамчун донишҷӯи фани таърих хеле таъсир мекард, аммо чизи дигар ба ман муҳимтар буд.

– Ва ин чӣ буд? – рӯйи рост пурсид бача ва Раҳимов ҳис кард, ки талабааш инро дар ҳақиқат барои худ донистан хост.

– Медонӣ, ман як вақт фикр мекардам, ки аз ман одами зӯртар нест. Ман кенҷаи оила будам, – мард хандид, – ман дар оила ҳукмфармо будам ва калонгарии ман бисёр буд. Баъд ҳамчун наврас қаду қомати ман аз ҳамсинфонам дида, калонтар буд ва аз ҷавониям бузбала будам. Ман ба донишгоҳ дохил шудам ва гумон мекардам, ки ман бояд худро ба ҳама нишон диҳам. Дар ин вақт ман бо ҳамкурсони нохуб шинос шудам ва бо онҳо хеле вақт мегузаронидам. Мо ними шаб дар берун мегаштем, ҳамаро ҳақорат карда, арақ менушидем, ҳатто банг мекашидем.

Фирдавс бо диққати том гӯш андохт. *Муаллимаш чун ҳақоратчӣ? Чун майнӯш? Чун бангӣ?* Ӯ инро ҳеҷ тасаввур карда наметавонист. Ҳар ду болои парта шиштанд.

– Баъд рӯзе шуд, ки як ҷӯраам мошини акаашро бе пурсиш гирифта бо мо дар шаҳр давр мезад, – чашмрас буд, ки Умед Раҳимов худро боз чун донишҷӯи нуздаҳсола ҳис мекард, – мо чор каса дар мошини “Лада” нишаста мерафтем. Ронанда мисли ҳамаи мо хеле нӯшидагӣ буд. Дар пеши чорроҳаи сирк садама шуд. Ду каси дар пеш нишаста дар ҷойи фалоқат дарҳол ҷон доданд, – мард чашмонро пӯшид. *Барои чӣ то ҳол инро нақл кардан душвор буд?* Ӯ дастро ҳаво дода ба бача нигоҳ кард ва бо овози хиррӣ гуфт:

– Инҳо ҳамту мурданд, ду бачаи нуздаҳсола! Ва ман пеш аз ба роҳ баромадан, бо бачаи дар пеш нишастагӣ ҷанг карда будам, ки ман мехоҳам дар ҷои ӯ шинам, вале ӯ маро намонд. Агар ман дар он ҷо мешиштам, *ман* мемурдам, на вай. Барои ман ин даҳшат буд.

Ман чанд ҳафта дигар ба худ наомада будам. Ман ба худ савол медодам, ки барои чӣ ман зиндагӣ мекунам? Барои чӣ Худо ошноҳоямро ҳамту аз ин олам гирифт? Агар ман мемурдам, ман ба куҷо мерафтам?

Баъди чанд вақт ман фаҳмидам, ки ҷӯраи дигарӣ ки низ зинда монд, номаш Фарух аст, пурра дигаргун шуд. Ӯ маро ба як ҷамоати масеҳӣ даъват кард. Ва дар он ҷо ман якум бор бо масеҳиён шинос шудам. Дар он ҷо ба ман Китоби Тавроту

Инҷил доданд ва ман хондам ва хондам ва ба ҳама саволҳоям ҷавоб гирифтам.

Охир ба ман Наҷотдиҳанда, Халосгар даркор шуд, ки маро аз чирқи зиндагӣ барорад ва умед диҳад. Ва инро дар Исои Масеҳ ёфта ба Ӯ дил додам. Ва аз он рӯз ман Китоб Муқаддас дигар аз даст надодам. Ин ҳар рӯз барои ман роҳнамо аст.

Фирдавс хомӯш монд. Баъди чанд вақт ӯ ба зӯр баровард:

– Раҳмат, муаллим, ки инро ба ман гуфтед.

Умед Раҳимов табассум кард ва китфи Фирдавсро дӯстона тапонд:

– Хайр, медонӣ, ман чизи беҳтарин ёфтам. Худат бисанҷ, ки оё гапи ман рост аст ё не. Дуо кун ба Худо, ки Ӯ ба ту Худро ошкор кунад.

Фирдавс лабро фишӯрда бо розигӣ сарро ҷунбонд. Оё дар лабаш як лабханд намоён нашуда буд?

*

Иброҳим лаҳзаи бетартибиро истифода бурда, баъди занг ба Олам часпид ва пулро талабид. Акнун ӯ дастро ба кисаи курткаи ғафси худ даровард ва хушҳолона коғази пулро ҳис кард. Сесад сомон. Олам бачаи боодоб будааст. Бо ин қадар сум ӯ дар пеши компютер ҳоло хеле вақт гузаронида метавонад.

*Рӯзҳои кам монд ва онҳо аз дарс озод мешаванд. Як моҳ озодии том!*

Ӯ зуд ба хона рафт ва пулро дар таги қолин пинҳон кард.

*

Аз синф баромада, Малик аз пушти Хисрав поид. Барфи лайлакӣ меборид ва осмон бо абрҳои вазнини хокистариранг пӯшида буд. Хисрав бо Шердил аз саҳни мактаб баромад, вале Малик шитобон ба онҳо расид. Малик қадамашро оҳистатар карда, бо овози фармондеҳ гуфт:

– Хисрав, ман гап дорам. Бо ман биё.

Хисрав ба ҳамдастааш нигоҳ кард ва роҳашро дар паҳлӯи Шердил давом додан хост. Барфакҳои калон-калон аз осмон мисли пахта мебориданд.

Бачаи қадбаланд асабонӣ шуда, ӯро дар ресмони сумкааш дошта ба худ тоб хӯронд.

– Ман гуфтам, ман гап дорам, – бо овози таҳдидомез такрор кард бача. Шердил шабкаашро бо дастпӯшҳояш ба таври пурташвиш болои гӯшҳояш кашид ва гуфт:

– Хисрав, ман рафтам. Ба фикрам, беҳтараш ба Малик гӯш мекунӣ...

Инро гуфта, ӯ ба ҳаракат омад ва давид. Хисрав аз пушташ нигоҳ кард.

– Хисрав, ту ҳушёрӣ? – ба ӯ дод зад Малик.

Хисрав сумкаро дурусттар болои китфаш гузошта бепарвоёна ба вай назар равон кард.

– Барои чӣ ба ман дод мезанӣ? – оромона пурсид Хисрав ва ба Малик бетарс чашм дӯхт.

– Э худро доно нагир! – бо овози каме пасттар гуфт Малик, – ту чӣ хел ба дастаи мо ҷавоб медиҳӣ?

– Нафаҳмидам, чиро мегӯӣ? – донистан хост Хисрав ва бо ҳар гап аз хунукӣ буғи сафед аз даҳон мебаромад.

– Ту маро дар пеши муаллим сиёҳ кардӣ, аз Фирдавс ҳоло қасд гирифтан нахостӣ ва бо Шердил мисли пештара роҳ мегардӣ. Ман дар даста инро мебардорам! – тарсондан хост Малик.

Хисрав бо назари паст ба ӯ нигоҳ кард.

– Кадом даста? – аз бинӣ нафас бароварда пурсид ӯ ва бо писханд гуфт: – Оё ту Иброҳим ва худро дар назар дорӣ?

Малик ба Хисрав чашм дӯхта, даҳонашро кӯшод, вале ҳеҷ чизро нагуфта, онро боз пӯшонд. Хисрав роҳ рафтан гирифт. Малик ҳис кард, ки чӣ хел дастҳояш мушт шуданд. Ӯ рӯй гардонд ва заминро як бор бо по зада рафт.

*Оё Хисрав рост гуфт? Дастаи онҳо киҳо буданд? Шердилро пеш карданд, Фирдавс бо ихтиёри худ баромад. Иброҳим дар вақти охир барои ягон чиз дигар шавқ надошт. Ба ӯ танҳо компютер лозим буд. Агар Хисрав аз даста барояд....? Оё гурӯҳашон нест шудааст?*

Малик дар кучаое доди беумедона баровард ва пиёдагардони мегузашта бо ҳайрат ба бачаи қадбаланд нигоҳ мекарданд.

# 18 ИБРОҲИМ

Дар долони беморхона чор кас бетоқатона интизори духтури калон буданд. Акаи Давлат дар пеши чанд дарҳои маҳкам долонро боло-поён тай мекард. Занаш бо Нилуфар дар пешаш болои хараки сиёҳ менишаст. Агар одам хуб аҳамият намедод, намефаҳмид, ки як пояш доим меҷунбад.

Фирдавс нохунашро газида ҳазорум дафъа огоҳиҳои як плакат оиди пешгирии домана мехонд. Хоҳараш Лоларо чанд рӯз пеш ҷарроҳӣ карданд ва имрӯз хостанд чашмбандро кушоянд. *Оё духтурон рост гуфтанд ва Лола боз дида метавонад?*

Баъди чанд вақт марди сафедпӯш аз зинаи поёнмефуромада ба онҳо расид.

– Хуб, рафта бинем, бо Лола чӣ мешавад, – гуфт духтур ва дари палатаро кушод ва онҳоро назди Лола даровард. Аз пушташ як ҳамшираи тиббӣ бо қайчӣ ва лавозимоти дигарӣ даромад. Онҳо пардаи торикро дар пеши тиреза пӯшиданд, то ки равшании рӯз ба чашмони Лола зарар нарасонад.

Фирдавс лабашро газида дид, ки духтур бинтро бо эҳтиёт аз сари хоҳараш кушодан гирифт. Мӯй сари сиёҳи бофтаи духтар намудор шуд. Модар Нилуфарро ба бағалаш гирифта, аз пушти шавҳараш нигоҳ мекард.

Бинт гирифта шуд ва то ҳол чашмони Лола пӯшидагӣ буданд.

–  Канӣ, чашмонатро кушо, духтар, – бо меҳрубонӣ фармон дод духтур.

Лола бо эҳтиёт чашмонашро кушод ва сарро оҳиста тоб дод. Мушакҳои рӯйяш бе ҳаракат монданд. Дигарон танҳо дар чашмонаш ашк диданд, аввал якто, баъд дуто, баъд духтар шашқатор гиря кард. Модар тарсида, мисли тамоми вақти нобино буданаш духтарро аз оринҷ дошта пурсид:

– Лола, чӣ? Гап зан. Оё тамоман ягон чизро намебинӣ?

Духтар мисли дар хоб сарро сӯи модар гардонд ва бо овози нолида гуфт:

– Модар, ман... шуморо, ҳамаи шуморо мебинам... ман аз хурсандӣ гиря мекунам!

Ӯ худро ба  оғӯши модар партофт ва боз гиря кард.

Падараш назди кати духтар зону зада дасташро гирифт.

– Худоро шукр! Худоро шукр!

Нилуфар аз шодӣ гирди ҷогаҳи апааш парида назди волидонаш омад.

Фирдавс шах шуда монд. Ӯ намедонист барои чӣ, аммо ваҳм ӯро фаро гирифт. *Оё ин кори Худо нест?* – аз худ пурсид бача.

*

Раҳимов ва оилааш дар рӯзи якшанбе аз ҷамоат ба хона равона буданд. Барф ба борон табдил шуда буд, ва роҳ лойка буд. Вақте онҳо аз интернет кафе мегузаштанд, Раҳимов ба дарун нигоҳ кард. *Боз Иброҳим!* – фикр мекард ӯ. Таътил ду ҳафта пеш сар шуда буд, ва Раҳимов қариб ки ҳар рӯз Иброҳимро дар пеши компютер медид.

Ин дафъа ӯ дигар истодагарӣ карда натавонист ва ба занаш гуфт:

– Назира, ту бо бачаҳо ба хона рав. Ман дар ин ҷо як кори муҳим дорам.

Занаш ҳайрон монда ба боло нигарист ва "интернет кафе" хонд.

– Дар ин ҷо? – пурсид ӯ.

Мард нигоҳаш аз тиреза наҷунбонда, бо сараш ба дарун ишора кард.

– Иброҳим, – бе илова гуфт ӯ ва занаш ӯро фаҳмида, бо кӯдакон танҳо ба хона рафт.

Муаллим чатрро дар пеши дар пӯшид ва ба хона даромад. Ӯ фикрашро ҷамъ карда, дуо кард, ки Худо ба ӯ ҳикмат диҳад.

Чашмони Иброҳим экрани компютерро медӯхтанд. Ангуштҳояш ба бозӣ кардан одат доштанд ва ӯ онҳоро моҳирона меҷунбонд.

Умед Раҳимов як курсӣ гирифта бе сухан наздаш шишт.

Сари бача зуд ба тарафи ӯ моил шуд. Вале танҳо баъди боз ба экран нигоҳ кардан, каллаи бача кор карда фаҳмид, дар пешаш кӣ ҷо гирифт. Иброҳим худро асабӣ ба пушти курсӣ партофт ва ба хотири бозии вайроншуда дастонро ҳаво дод. Дар гирди даҳонаш мушакҳо меҷунбиданд, аммо ӯ дам назада ба компютер чашм дӯхт.

Дар экран даъват ба бозии нав пайдо шуд. Ӯ бояд танҳо тугмаро зер кунад, ва бозӣ аз нав сар мешавад. Аммо Иброҳим нахост.

Роҳбари синф дастонро болои зонуҳояш хобонда, ангуштҳо ба ҳам кард.

– Ҳам ҳангоми таътил маро ором намемонед, – ғур-ғур карда ба худ гуфт Иброҳим.

Инро сарфи назар карда муаллим мӯътадилона пурсид:

– Чӣ хелӣ, Иброҳим?

Бача бо бинӣ нафас кашид ва ба мард нигоҳ карда мазоҳкунон гуфт:

– Ман? Ман то як дақиқа пеш худамро хеле нағз ҳис мекардам, баъд шумо омадед.

Раҳимов дастонро сар дода, рост нишаст ва ба бача пешниҳод кард:

– Чӣ хел мешуд, агар мо якто самбӯса мехӯрем? Ман туро даъват мекунам.

– Ҳозир? – ҷаррангос зад бача ва ба экран нигоҳи пазмон равон кард.

Раҳимов дар дил дуо кард, ки талабааш розӣ шавад.

– Хайр ҳа, ҳозир.

– Лекин ман вақт надорам, – дудила эътироз кард бача.

– Оё ту ҳатто дар вақти таътил вақт надорӣ? – хеста, нобоварона гуфт муаллим ва ба китфи Иброҳим тапонд. – Биё, рафтем. Ман медонам, ки дар куҷо самбӯсаи беҳтаринро мефурӯшанд.

Иброҳим намедонист, ки барои чӣ ӯ ба пешниҳоди муаллим розӣ шуд, аммо аз пушти компютер баромад ва бо Раҳимов ба кӯча баромаданд.

Бозор дур набуд ва онҳо баъди чанд дақиқа самбӯсаи пургӯшти гарм дар даст доштанд ва онро ба зирабой ғутонда мехӯрданд. Гарчанде ки борон бас карда буд, ҳаво то ҳол сард буд ва онҳо дар пушти як клиёнкаи кабуд дар назди самбӯсафурӯш паноҳ мекофтанд.

Раҳимов боз дуто самбӯсаи дигар барои онҳо харид ва бача бе сухан хӯрокро қабул кард.

Баногоҳ Иброҳим ҷиддӣ пурсид:

– Шумо инро барои чӣ мекунед?

Раҳимов ба самбӯса нигоҳ карда, лабхандкунон гуфт:

– Мегӯянд, одам бояд барои зинда монданаш хӯрок хӯрад. Ҳамин тавр нест? Барои ҳамин ман самбӯсаро мехӯрам.

Бача аз ҷавоб қонеъ нашуда сар ҷунбонд.

– Инро дар назар надорам. Барои чӣ шумо маро даъват кардед?

– Шояд ман фикр мекунам, ки бо шиками сер сӯҳбат кардан осонтар мешавад, – оҳиста сар кард мард.

Иброҳим лабашро каҷ кард.

– Кӣ гуфт, ки ман бо шумо сӯҳбат кардан мехоҳам?

– Худо.

– Оҳ не, – оҳ кашид бача ва чашмонашро тоб хӯронд.

Раҳимов бе эътибор ба рафтори бача самбӯсаро газида хоид.

– Ва Худо ба шумо дар бораи ман боз чӣ гуфт? – бетоқатона пурсид Иброҳим ва бо ангуштҳои пойи рост заминро мезад.

– Оё ту боз якто самбӯса мехоҳӣ? – салфеткаро маҷҷак карда пурсид мард.

– Ҳэ? Ӯ *чӣ* гуфт? – Иброҳим биниро каҷ кард.

Раҳимов меҳрубонона ба бача нигоҳ кард ва сар ҷунбонд.

– Не, ин *ман* аз *ту* мепурсам. Оё ту боз якто мехоҳӣ?

Талаба даст бардошт. Ӯ дигар нахост.

– Иброҳим, ман ҳама сиррҳоро тез фош намекунам, – бо нигоҳи асроромез гуфт мард, – лекин ман ба ту гуфта метавонам, ки ман ба хотират бисёр хавотир ҳастам.

Бача хандид.

– Ҳатто модарам ба хотири ман ба таври ҷиддӣ хавотир нест. Набошад, шумо чӣ ғами маро мехӯред?

Ӯ ба муаллимаш нигоҳ кард. Дар ин ҷо берун аз саҳни мактаб, бо либоси оддии кӯчагӣ роҳбари синф ба ӯ дигархел воменамуд.

– Агар ман гӯям, кӣ ба ман гуфт, ки ғаматро бихӯрам, ту боз чашмонатро тоб медиҳӣ, – бо як қоши бардошта тахмин кард Раҳимов.

Иброҳим зидди хости худ табассум кард:

– Боз *Худо*?

– Боз Худо, – тасдиқ кард мард ва зирабойи мондагӣ бо қошуқча тамом кард. Ӯ аз мизе ки онҳо дар пешаш рост истода мехӯрданд, назди тирезаи фурӯшӣ рафт ва дуто истакан бо чойи сӯзон овард. Бача аз пушташ ӯро тамошо мекард.

Айни баргаштанаш бача гуфт:

– Шуморо фаҳмидан намешавад, муаллим. Ман роҳбари синфие мисли шумо то ҳол вонахӯрдам. Шумо мисли дигарон нестед. Баъзе вақт ҳатто ба шумо монанд шудан мехоҳам.

Раҳимов аз чунин баёнот тааҷҷуб кард ва ба Иброҳим истакан дароз кард.

– Бовар кун, ман одами аз ҷисму хун ҳастам мисли ҳама, – таббассум кард Раҳимов, – лекин имоне ки ман ба он Худо дорам, ки моро хеле дӯст медорад, маро аз сар то по дигаргун кард.

Иброҳим дониста даст ҳаво дод:

– Медонам, медонам, шумо Исои Масеҳро дар назар доред.

– Ҳа, ва Ӯ ҳам туро дигаргун карда метавонад.

– Муаллим, шумо намедонед, ки бо кӣ гап мезанед. Дар зиндагии ман аллакай чанд чиз нодуруст рафт, – туршрӯёна гуфт Иброҳим.

– Ва барои ҳамин чунин фикрҳоро бо бозии компютерӣ пахш мекунӣ, – хулоса баровард муаллим.

Бача танҳо ба истакани нимхолӣ дар дасти худ нигоҳ кард, онро каҷ ва боз рост монд.

– Мумкин, – нимкола қоил шуд Иброҳим, баъд худро сафед карда: – Аз ин ба ягон кас зарар нест-ку.

Фикри он ки Олам мухолифи гапаш хеле зарар дида буд, ӯро нороҳат кард. Муаллим ки инро намедонист гуфт:

– Ақаллан ҳамёнаи очаат зарар мебинад, – баъд ӯ чой то охир хӯрда илова кард: – Дар ин ҷо ту аз ҳама бисёр зарар мебинӣ.

– Чӣ хел? – бача инро сарфаҳм нарафт. *Ӯ ҳамту бозӣ мекунаду тамом.*

– Бин, олами компютер ё гӯем ҷаҳони виртуалӣ сунӣ аст ва ба зиндагии ҳар рӯзаи ту тамоман дахл надорад. Ту корҳои ҳаррӯза танҳо мисли бори зиёдатӣ ҳис мекунӣ. Вақте бо бозиҳо машғул мешавӣ, дар зиндагии ҳақиқӣ бефаъол ва аз ҳама чиз норозӣ мешавӣ. Ё бо калимаҳои дигар гӯем: Майнаи сарат хароб мешавад ва хоҳиши ҳаракат кардан нест мешавад, – маълум буд, ки он чизе ки муаллим мегӯяд, ба ӯ хеле муҳим буд. – Фарз кунем, агар ту ин қадар вақте ки ту дар пеши компютер сарф мекунӣ, дар давиш дар парк мегузаронидӣ, майнаи саратро тоза мекард ва ҳаваси ҷунбидан пайдо мешавад.

Ин на танҳо ба баданат дахл дорад. Не, ту низ *фикран* ба ҷунбиш меоӣ. Илова ба ин аз кори худ розӣ мешавӣ. Инро қаноатмандӣ мегӯянд. Вале ҳозир ба ҳоли худат нигоҳ кун: Ту хаста ва дилгиршуда метобӣ.

Иброҳим ба осмони хира назар андохт.

– То ҳол ягон кас инро ба ман нагуфт. Аммо дар гапи шумо чизе ҳаст...

Муаллим сар ҷунбонд ва гуфт:

– Иброҳим, ва ту худат медонӣ, ки мавзӯи аксар бозиҳо аз ҷангу қӯштор иборат ҳаст. Бо пахш кардани як тугма

душманро мекӯшӣ, бомбаро мепартоӣ ва ғайра. Оё ту фикр намекунӣ, ки ин ба ахлоқи одам таъсир мекунад?

Талаба ба мард нигоҳ кард.

– Агар аз ин тараф ба бозиҳои компютер назар кунем...

– Ту ҳолӣ ҷавон ҳастӣ, Иброҳим, – дилбардорӣ кард роҳбари синф, – мон, ки Худо туро низ дигаргун кунад.

– Ба ман вақт лозим аст, то ин чизҳоро ҳал кунам.

– Дар пеши компютер? – бо шубҳа савол дод муаллим.

Иброҳим истод ва ногоҳ дар дил як қарор пайдо шуд.

– Не, на дар пеши компютер. Ман ба шумо ваъда медиҳам, ки дар бораи Худои шумо фикр мекунам.

# 19 МЕРОСИ ПАДАРОН

Як ҳафта баъди саршавии чоряки сеюми мактабӣ Фидавс бо падараш ба ҷамоат дар ҳавлии Ҷонбегим хонаи 5 рафт. Баъди парастиш онҳо дар берун монда, интизори Умед Раҳимов буданд. Раҳимов онҳоро ба як ҳуҷраи хурдакак даъват кард ва онҳо секаса болои кӯрпачаҳои гулдор менишастанд.

– Фирдавс бо шумо гап задан хост, – бо шодии аён сар кард акаи Давлат.

Фирдавс андаке сулфид ва қолини заминро дӯхта бо овози паст гуфт:

– Ман фаҳмидаам, ки Исои Масеҳ моро аз бадӣ халос карда метавонад ва гуноҳҳои моро мебахшад...

Раҳимов ба ӯ чашм дӯхт.

– Ва ин ба ту чӣ дахл дорад?

Фирдавс ба парда дар пеши тиреза назар равон кард.

– Ин... ин ба ман маъқул шуд. Ман хатоҳоямро мисли бор ҳис мекардам, – чизе дар гулӯяш ба ӯ халал расонд, – ман чунин зиндагӣ дигар намехоҳам. Ман мехоҳам аз нав сар кунам, – бо чашмони ҷилодор ба муаллим бевосита нигоҳ карда, гуфт бача.

Раҳимов аз як тараф хурсанд шуд, вале аз тарафи дигар...

– Баъд ту чӣ кор кардӣ?

– Ман... ман ба Худо ҳамту ҳама чизро гуфтам ва иқрор шудам, ки ман аз кори кардагиям пушаймонам ва акнун бо Исои Масеҳ зиндагӣ кардан мехоҳам. Ман бовар мекунам, ки Ӯ Писари Худо ва Наҷотдиҳандаи ман аст, – зуд фаҳмонд Фирдавс.

Мард бо табассуми васеъ бо ризогӣ сарро ҷунбонд, вале Умед Раҳимов мӯътадилона ба онҳо нигоҳ карда, донистан хост:

– Оё бо ин ҳама чиз ҳал шуд?

– Ҳааа, – аз шубҳаи муаллим ноустувор шуда, гуфт талабааш.

Роҳбари синф зуд сар надод:

– Не, бачаам бо ин ҳоло қисми зиёд ҳал шуд, аммо на ҳамааш.

Мард чашмонашро нимкоф кард.

– Чӣ хел? Ба ман дар Русия чунин гуфтанд-ку! Худо ҳама чизро мебахшад.

Раҳимов лабханд карда дастонро бардошт.

– Хайр ҳа, ва ин дуруст аст, аммо баъзе бадкирдорӣ, ки мо нисбати одамон кардем, мо бояд низ *пеши онҳо* иқрор шавем ва аз касони зарардида бахшиш пурсем. Оё ту фикр намекунӣ, Фирдавс, ки ту ҳоло бо чанд кас бояд ҳамсӯҳбат шавӣ?

Сари Фирдавс фурӯ рафт.

– Ман... ман наметавонам, – қоил шуд ӯ.

– Набошад, тавбаи ту дар пеши Худо аз рӯи ростӣ набуд, – мантиқан хулоса баровард муаллим.

Акаи Давлат бо чашмони калон ба писар ва сонӣ ба муаллим нигоҳ кард.

– Агар ту дар ҳақиқат аз кори кардагият пушаймонӣ ва мехоҳӣ, ки Худо дилатро нав кунад, ту аз Ӯ қувват мепурсӣ ва Ӯ онро медиҳад. Масъала чунин осон будааст.

Баъди хомӯшии дерина Фирдавс бо сари хам ба муаллим нигоҳ карда пичиросзанон гуфт:

– Оё ин маънои он дорад, ки аз Олам бахшиш пурсам? Ва аз Бахромов?...ва аз шумо?

– Ҳа, ин маънои он дорад. Мо бояд чизи пешинаро ҳал кунем, баъд Худованд метавонад зиндагиямонро тамоман иваз кунад.

Падари Фирдавс ба фикр афтида тамошо кард, ки чӣ тавр Фирдавс бо дили шикаста аз муаллим бахшиш пурсид. *Чизҳои пешинаро ҳал кардан лозим аст! Магар ман худам ҳама чизро ҳал карда бошам?* – аз худ пурсид падар.

Умед Раҳимов Фирдавсро барои як лаҳза мисли бародар ба оғӯш кашид ва дӯстона шонаашро тапонд.

– Мушкил буд? – бо табассум пурсид муаллим.

Фирдавс сарро ҷунбонд.

– Набошад, чизи лозимиро кардан гир. Худо ба ту қувват медиҳад, бародар!

Фирдавс хандид, хандаи озоду чӣ қадар сабуқшуда буд!

*

Танҳо се рӯз баъд сӯҳбати Раҳимов бо падару писар, Фирдавс дар саҳнаи мактаб пеш аз дарси варзишӣ назди Малик омад ва гуфт:

– Малик, гӯш кун. Падарам бо ту сӯҳбат кардан мехоҳад.

Малик бо нафрат ба Фирдавс назар равон карда ҳавобаландона гуфт:

– Падарат? Ӯ аз ман чӣ мехоҳад? Акнун бо имони наваш ҳамаро саргаранг кардан мехоҳад-чӣ?

Фирдавс асфалтро дӯхт ва бо овози ором фаҳмонд:

– Малик. Илитмиос. Ӯ ба ту хабари муҳиме дорад.

Чизе дар овози Фирдавс Маликро водор кард ва ӯ бо чашмони нимкоф пурсид:

– Чӣ хел хабар?

Фирдавс сарашро ҷунбонд ва рост ба чашмони Малик нигоҳ кард.

– Ман инро ба ту гуфта наметавонам, аммо ман медонам, ки ту инро бояд донӣ.

– Э ту чӣ хел одамӣ? Бо падарат гум шав, – норозӣ ҷавоб дод Матлаб ва аз Фирдавс рӯй гардонда равон шуд. Фирдавс ҳамроҳашро дар китф дошт. Ӯ наҷунбида истод.

– Малик, исто! Ақаллан гӯш кун, ки ӯ ба ту чиро гуфтан мехоҳад.

Малик тоб хӯрд.

– Ман медонам, ки ӯ чиро мехоҳад. Ӯ мехоҳад маро низ масеҳӣ кунад, ҳамин тавр не? Ба ман имони ӯ даркор нест, фаҳмидӣ? – асабонӣ гуфт Малик ва бетоқатона ба чашмони ғамгини Фирдавс нигоҳ кард.

– Ӯ дар назди истгоҳ дар пеши мактаб туро интизор аст, – бо сараш он сӯ ишора карда, шарҳ дод Фирдавс ва аз пеши Малик ба тарафи дигар рафт.

Малик дудила дар ҷояш истод. Акнун чӣ кор кунад? Ӯ метавонист назди падари Фирдавс раваду гӯш кунад, ки ӯ чӣ гӯяд. Аммо ӯ низ метавонист ҳамту саҳни мактабро тай карда назди майдони футбол рафта ба дарси варзишӣ тайёрӣ бинад. Бача кунҷкоф шуд. Хайр, он мард ба ӯ чӣ кор карда метавонист? Агар гапаш ба Малик нафорад, ӯ метавонист озодона аз пешаш равад. *Майлаш, наздаш меравам,* – қарор дод Малик ва қадамашро ба тарафи истгоҳ гардонд.

*

Дар назди истгоҳ як чанд кас тролейбусро интизор буданд: як занаки деҳагӣ бо кӯдакаш дар бағал, се талабаи ба Малик ношинос, як мӯйсафеди хамида ва ду мард бо костюм ва галстук. Вале падари Фирдавс дар куҷо буд? Малик ӯро гоҳе дида буд ва тахмин кард, ки рӯяшро байни мардум шинохта метавонист, лекин ӯ дар ин ҷо набуд. Оё Фирдавс ӯро фиреб додан хост? Малик дар пушти шишаи соябони истгоҳ истод ва омада расидани тролейбусро тамошо мекард. Тӯдаи мардум ба ҳаракат омада ба он савор шуданд ва аз назари Малик ғойб заданд.

– Малик?

Малик талхакаф шуда тоб хӯрд, ва ба марде ки аз пушташ наздик омада буд, нигоҳ кард.

– Ҳа? Салом, – ба мард дилгирона салом кард ӯ.

Бача ӯро чун падари ҳамсинфашро шинохт, гарчанде ки вайро қадпасттар дар ёд дошт. Қади ӯ ба қади Малик баробар буд. Курткаи ғафс дар танаш буд ва шабкаи пашмин дар сараш.

– Чӣ хелӣ? Нағзӣ? Саломатӣ хуб аст? – мард шармгин воменамуд.

Малик одате дошт, ки қомати баландаш истифода бурда, аз боло ба ҳамсӯҳбаташ нигоҳ кунад, аммо бо ин кас ин кор накард. Барои ҳамин дастонро муҳофизаткунон дар пеши

синааш болои ҳам карда чашмонашро ним қўшод ва худписандона гуфт:

– Ман нағз. Шумо бо ман гап задан хостед-чӣ?

Мард рафтори бача сарфи назар карда, сарашро бо тасдиқ ҷунбонд:

– Ҳа, оё ту вақт дорӣ?

– Ҳм. – Менамуд, ки Малик мардро лоиқи калимаҳои зиёд намешумурд.

– Ана, назди боғ як қадам роҳ аст. Биё, дар он ҷо каме гардем, – пешниҳод кард падари Фирдавс.

Онҳо хомўшона роҳакӣ шуданд. Ба Малик ором мондани акаи Давлат нокулай буд. Охир, ў тез гапашро мегуфту вайро ҷавоб медод.

Дар пеши онҳо панҷараи калони сиёҳи боғи дар зери барфи сап-сафеди дар шаби гузашта борида падид омад. Манзара афзонавӣ зебо буд. Роҳҳо аз дарвозаи боғ сар карда дар ҳар ҷо мобайни дарахтони баланд ва буттаҳои паҳн гузашта пиёдагардонро ба сайругашт даъват мекарданд.

Ҳаво гармтар шуд ва барф об шуда аз шоҳаҳои дарахтон мечакид. Барф дар зери мўзаҳояшон чақарос мезад.

Падари Фирдавс бе сухан ба як хараки оҳанини тоза назди роҳ ишора кард. Як арҷаи қоматбаланд ҷоро паноҳ медод. Малик сумкаи мактабиро наздаш монда паҳлуи мард нишаст,

аммо тарзи ҷо гирифтанаш нишон дод, ки ӯ инро бо дили нохоҳ мекунад. Мард як сулфида монд:

– Ман... ман мехостам ба ту як чизро нақл кунам, – сар кард мард.

Малик чашмонашро бетоқатона тоб хӯронд. *«Набошад, тезтар гапатро бигӯ»,* – мехост бача ба мард бигӯяд, аммо хомӯш монд.

– Ман бисту панҷ сол пеш оиладор шудам.

Малик ба пеш ба як одами барфие ки кадом бачагон дар саҳар сохта буданд, нигоҳ мекард.

– Зиндагии ман хуб буд, лекин як чиз ба ман намерасид...

*«Ана, акнун мехоҳад гӯяд, ки ба ӯ имони нав нарасид. Э ҳайфи вақт»,* – ба худ гуфт Малик.

– Медонӣ, зани ман фарзанддор шуда наметавонист. Ва ман баъди чанд сол бо умеди он ки фарзанддор шавам, зани дуввум гирифтам. Ӯ дарҳол ҳомила шуд ва кӯдаке таваллуд кард. Аҷоибаш ҳамин буд, ки зани якуми ман ҳамин вақт низ ҳомила шуд ва писарро таваллуд кард – Фирдавсро.

Малик беадабона ҳамёза кашид. «*Хайр, хуш бошед бо писаратон»,* фикр мекард ӯ.

– Баъд аз ин ду духтар таваллуд шуданд, Лола ва Нилуфар. Хайр, инро медонӣ...

Мард нафас кашид ва тоқати бача ток шуд:

– Ака, гӯш кунед, ман намедонам, шумо аз ман чиро мехоҳед...

– Ин ҳамааш барои ман осон нест ва...

– Ака, барои чӣ инро ба ман нақл мекунед? Ба ман чист, агар шумо ду зан гирифта бошед? Зиндагии шумо ба ман чӣ? – Малик худдориро ҳеҷ гоҳ дӯст намедошт, аммо дар сӯҳбат бо ин мард асабҳояш чунин таранг шуданд, ки ҳиссиётро сар дод. Ӯ бесаброна бо пояш заминро метапонд.

Падари ҳамсинфаш ба чашмони Малик нигоҳ карда гуфт:

– Малик, охир фарзанди зани дуввум туӣ.

Бача аз ҳар ҳаракат монд. *Ин мард ба ӯ чӣ гуфтанӣ буд? Набошад ин мард падараш аст! Ва Фирдавс додараш! Не, ин ҳеҷ гоҳ чунин буда наметавонад!*

– Ака, шумо хато мекунед. Насаби ман Назаров аст.

– Охир, никоҳи давлатӣ бо зани дуввум мумкин нест-ку. Барои ҳамин насаби модаратро дорӣ.

Бача карахт монда оҳиста пурсид:

– Оё Фирдавс инро медонист?

– Не, ман инро дирӯз ба ӯ гуфтам, – шармгинона иқрор шуд мард ва сӯҳбатро ба хотир оварда боз андӯҳгинтар шуд.

Малик чашмонашро пӯшид ва биниву даҳон бо ҳар ду кафи даст пӯшонд. Солҳо дар пеши назараш мегузаштанд, азобҳое ки модараш мекашид, ҳасаде ки ӯ нисбати ҳамсинфони

падардораш – хусусан Фирдавс – дошт. Чи гуна ӯ дар ин солҳои гузашта мехост падаре дошта бошад, ки ӯро аз ҷангҳои бачагони кӯча халос кунад, ки бо ӯ моҳикапӣ меравад, ки бо ӯ мошин соз мекунад ва ҳатто ки ӯро тарбия медиҳад. Ногаҳон рӯйи Малик турш шуд ва хашмаш алангор шуд. Ӯ аз ҷояш парид ва ба рӯйи падар нигоҳ кард. Дастонашро ҳаво дод.

– Шумо акнун чӣ фикр мекунед? – дод зад бача ва саволҳои беҷавоб дод, – Оё шумо фикр кардед, ман ба оғӯши шумо афтам? Шумо дар куҷо будед, вақте ки модарам намедонист, ки моро чӣ тавр хӯронад? Шумо дар куҷо будед, вақте ки ҳамсинфҳо маро мезананд? Шумо дар куҷо будед, вақте ки дар мактаб номи падарамро мепурсиданд?

Пиёдагардон мегузаштанд ва бо шавқ ба тарафи онҳо нигоҳ мекарданд. Мард хеле шарм дошт ва кӯшиш кард, ки бачаи ғашдор ором кунад.

– Малик, бифаҳм. Зиндагӣ...

– Зиндагӣ! Ҳа, зиндагӣ! Фарзанд ба дунё овардед ва партофтед. Оё ин зиндагӣ аст? Шумо... шумо..., – Малик аз қаҳр дигар намедонист, ки чиро гӯяд. Бача дастонро ба қамар монд ва лаҳзае ором шуд. Бо овози пасту тез фикрҳояшро ҷамъбаст кард:

– Акнун як чизро медонам. Падари ман одами пасттарини дунё аст.

Бача сумкаашро бардошта дағалона болои китфаш монд ва рафт. Акаи Давлат аз қафояш номашро гирифта ӯро ҷеғ мезад, аммо Малик дигар ҳеҷ чизро шунидан нахост.

Ҳазор фикр дар сараш тоб мехӯрданд. *Барои чӣ модараш ба ӯ инро нагуфт? Ва агар падари Фирдавс низ падараш бошад ин маънои он дорад, ки падари Малик масеҳист! Ана ин гуна мардум масеҳӣ мешаванд! Ва Фирдавс барои ҳамин ба Малик монанд буд – ӯ ба ростӣ бародараш аст!*

## 20 ОЛАМ

Иброҳим тӯбро зад. Он аз тамоми майдони варзиш боло парида рост ба гол афтид. Бачаҳои гурӯҳи футболи Иброҳим аз хурсандӣ дод заданд. Талабагон аз давиш гарм шуда, хунукии ҳаворо дигар ҳис намекарданд. Онҳо бо шавқ аз ақиби тӯб мерафтанд.

Олам ҳангоми дарси варзишӣ дар ҳамон гурӯҳи Иброҳим буд. Ӯ на он қадар хуб тӯббозиро медонист, аммо ӯ низ бозингари бад набуд. Вақте ҳама талабагон дар майдон боз ҷудо шуда ба ҷои худашон баргаштанд, Иброҳим ҷаҳида назди Олам омад.

– Олам, гӯш кун. Ба ман пулат дигар лозим нест, – ба ҳамсинфаш бо овози паст гуфт бачаи ҷингиламӯй, – 250 сомон дар кисаи курткаи ман дар пеши харак ҳаст. Онро бигир. 50 сомони дигарро боз ягон рӯз ба ту медиҳам.

Олам бо ҳайрат истод. Иброҳим назари ҳамсинфро ҳис кард ва ӯ фаҳмид, ки аз вай бояд бахшиш мепурсид. Вале ӯ инро то ҳол наметавонист. Не, ҳоло калимаҳои “мебахшӣ, Олам” аз даҳонаш намебаромад. Ӯ зуд ба бозӣ баргашт ва тӯбро расид.

Олам сарро тоб дод ва дид, ки муаллими варзиш бо каравул дар сӯҳбат овора аст. Ӯ зидди офтоби дурахшон мижа зад ва аз бахти худ ҳайрон монд. *Бо Иброҳим чӣ шуд?* Аз чунин

насиб хушҳол шуда, бача ба назди курткаи Иброҳим рафт ва кисаҳоро даст зада, пулро кофт. Ӯ аз куҷо медонист, ки дар масофаи 20 метр директори мактаб ӯро тамошо карда истодааст?

Талаба хам шуд ва пулро ба кисаи шими худ андохт. Ӯ нав занҷираки кисаи пешангии курткаи Иброҳимро маҳкам кард, ки ӯ дар китфаш дардмандкунон дасти паҳнеро ҳис кард. Оҳиста сар боло карда, чашмонаш бо чашмони ҳашмгини Бахромов вохӯрданд.

– Қапидам! – бо тантана эълон кард директор, – ту на танҳо вайронкор будӣ, ту низ дӯст ҳастӣ!

Сари Олам чарх зад.

– Муаллим, ман... ман... – ба таври суст худро ҳимоя кардан хост бача ва худ ба худ коғазро дар кисааш бо даст ламс кард.

– Дар он ҷо чӣ дорӣ? Чиро гирифтӣ? – бетоқатона бо кафи даст ба боло талабид мард.

Олам муштро сахт фишӯрд, аммо онро баъди чанд сония нохоҳ баровард. Муаллим пулро аз ангушташ кашида, гирифт.

– ... лекин ин пули худам, – ноустуворона фаҳмонд бача.

– Чӣ хел? Курткаи худат пӯшида курткаи каси дигарро мекобӣ, – чизи мушоҳидаро гуфт Бахромов, – ба ман нагӯ, ки ту дуто куртка дорӣ.

Олам ба ҳар тараф нигоҳ кард. Иброҳим ба осонӣ метавонист фаҳмонад, ки ин пули Олам асту халос. *Аммо Иброҳим дар куҷо буд? Оё ин боз яке аз амалётҳои дастаи Малик будааст?* – бо ҳисси фурӯхташуда фикр кард Олам.

Ҳатто соҳиби ин куртка будани Иброҳимро Олам исбот карда наметавонист. Чунин курткаро камаш сӣ талаба дар мактаб мепӯшанд. Ноумедона ӯ монд, ки директор ӯро ба кабинети худ мебарад.

*

Ҳангоми Умед Раҳимов бӯрро гирифта, ба синфи 8“в” солҳои амирони Бухороро дар тахтаи синф навишт, дари синфхона қӯшода шуд ва Манижа, сардори синфи 10“в” пайдо шуда, гуфт:

– Директор шуморо чеғ зада истодааст. Ӯ гуфта буд, ки чӣ қадар тез ки тавонед, биёед.

Раҳимов як лаҳза тахмин кард, оё ӯ синфро танҳо монда рафта метавонад ё ки не. Баъд як бачаро ҷавобгар карда, ӯ назди кабинети Бахромов шитофт. *Чӣ шуда бошад?*

Тақ-тақи ӯ ба дар зуд бо як “дароед” ҷавоб шуд ва муаллим ба кабинет даромад. Дар он ҷо Бахромови менишаста бо

ангуштҳо бетоқатона болои миз наққора мезад ва дар пешаш Олами сархам бе ҳаракат истод.

– Ана, Раҳимов, бинед, тоқати ман заҳри ман шуд! *Шумо* хостед, ки ин бача дар мактаб монад! *Шумо* фақат пушташро мегирифтед! Ва акнун чӣ? Шумо боз ба дузд буданаш тоқат мекунед? – ғашдор бе интизори ҷавоб савол дод директор ва болои миз 250 сомон партофт.

Муаллим ҳеҷ чизро нафаҳмид. Ӯ танҳо ба Олам назар андохт.

– Ана, ана, папкаашро гиред, – файли талабаро афшонда ба роҳбари синф дароз кард директор ва гуфт, – дар бораи ин кӯдак бо шумо дигар гап намезанам. Ман натиҷаи "тарбияи" шуморо дида истодаам.

Раҳимов маҷбур шуд, ки папкаи Олам Алиев ба даст гирад. Талаба гулӯро тоза карда, ба муаллимаш бо овози хиррӣ муроҷиат кард:

– Оё мумкин аст, ки бо шумо танҳо гап занам?

– Не, не, не. Вақти гап задан тамом шуд, бача, – дахолат кард Бахромов ва ангуштро дар ҳаво тез-тез ҷунбонд.

Раҳимов фурсатро ҳис карда, дар пеши сардораш истодагарӣ кард:

– Муаллим, ман роҳбари синфаш ҳастам. Рухсат диҳед, ки Олам худаш гӯяд, ки чӣ шуд.

Марди чорпаҳлӯ лабашро хоида, чашмонашро нимкоф кард.

Баъди чанд сония ӯ китфҳоро фуровард ва соати дастиро санҷида, гузашт кард:

– Майлаш, аммо танҳо даҳ дақиқа, ва бинед, ки ӯ боз пули болои миз мондаро надуздад!

Умед Раҳимов интизор шуд, то дар пӯшида шуд ва ба бача як креслоро пешниҳод карда болои дигараш ҷо гирифт.

Агар Олам интизори он буд, ки Раҳимов чун аввал сӯҳбат сар кунад, ӯ хато мекард. Чанд вақт ягонтои онҳо дам назад. Муаллим дар ин вақт дарк кард, ки кабинети директор дар ҳақиқат аз хонаҳои дигари иморат хеле гармтар аст.

– Чанд вақт шуд... ки ман бо шумо гап задан хостам, – худро ба якум қадам маҷбур кард талаба ва галстукашро ки гулӯяшро фишӯрд, қӯшод. – Ман пулро надуздидам..., яъне ин пули дар мизро надуздидам,... яъне ман инро ҳозир надуздида будам.

Раҳимов қошҳоро боло кард.

– Оё шумо маро фаҳмидед? – ҳангоми дидани рӯйи пуртааҷҷуби мард бо шубҳа пурсид бача.

Муаллим танҳо бефаҳм сарро ҷунбонд.

– Ман... ман намедонам, ки аз куҷо сар кунам. Ин ҳикояи дароз аст.

– Ман вақт дорам, – гуфт муаллим ва синфи 8“в”-ро ба ёд овард.  Дар айни ҳол занги танаффуси калон шуд ва ӯ хеле сабуқ шуд.

Олам ба муаллим тамоми саргузашти порсолонаро нақл кард. Ӯ гуфт, ки дастаи Малик ба ӯ ғам медод, ки ӯ се бор аз мағозаи бобояш пулро барои пардохти чанд чиз дуздид. Ва ӯ дар охир ҳам ҳикоят кард, ки Иброҳим ба ӯ 250 сомон баргардонд ва ин акнун он пуле буд, ки дар болои мизи директори мактаб хоб аст.

Раҳимов бе қатъ кардани нақли тамоми воқеаҳоро ҳамту менишасту гӯш мекард. Ӯ ҷиддӣ ба Олам нигоҳ кард ва гуфт:

– Танҳо як чизро ба ман бигӯ. Барои чӣ ту мондӣ, ки дастаи Малик ба ту чунин ғам диҳад?

Олам фаҳмид, ки ӯ акнун ба лаҳзаи нозуктарини саргузашташ расид. Маълум буд, ки ба ӯ он чизеро ки бояд мегуфт, хеле душвор аст:

– Чунки... чунки Малик чизеро дар бораи зиндагии ман медонад, ки ягон кас бояд намедонист. Ва ӯ ба ман фишор дод, ки агар ман аз худ дифоъ кунам, ӯ сирри маро дар тамоми мактаб фош мекунад.

Дар ин ҳангом дар кӯшода шуд, ва дар пешашон Бахромов истод.

Ӯ дастро ҷунбонд  ва саросемавор гуфт:

– Хуб, вақтатон тамом шуд. Раҳимов, ӯро аз кабинетам баред, – биниро каҷ карда, аз онҳо гузашта дар пушти миз вазни худро болои креслои худ фуровард ва бе он ки ба онҳо нигоҳ кунад, корашро давом дод. Вақте ки ӯ пай бурд, ки онҳо хестанӣ нестанд, чашм бардошта ба муаллим гуфт:

– Канӣ? Магар шуморо то дар гусел кунам?

Нафаскашии чуқури Раҳимов шунида шуд.

– Не, раҳмат, муаллим. Мо мебароем.

Ҳар ду ба ҳавои тоза баромаданд. Тангие ки Олам даруни хона ҳис карда буд, нест шуд. Офтоби дурахшон чашми онҳоро бурд. Раҳимов дастро чун соябон болои чашмонаш монд. Онҳо як ҷо назди водапровод ёфтанд, ва болои харак нишастанд – ҳамон хараке ки пеш доим бо дастаи Малик банд буд, аммо ҳафтаҳои охир ҳамеша холӣ.

Раҳимов дилпур набуд, агар бача розӣ мешавад, ки ҳозир баъди чунин халал сирри дилро гӯяд.

– Малик дар бораи ту чизеро медонад. Ва оё ту мехоҳӣ, ки ман инро низ бидонам?

Олам замини назди дарахтро дӯхт. *Магар он ҷо аз таги барф сараки гулчаи кабуди маҳин баромада истода буд? Магар гармии решаи дарахт онро аз ях кардан нигоҳ дошт?* Розикунон ӯ сарро ҷунбонд.

– Бобоям ду сол пеш маҳс аз ҷои пештарамон кӯчида ба ин маҳалла омад. Мо нахостем, ки касе дар бораи мо чизеро медонад, аммо афсӯс буд, ки язнаи холаи Малик хеши дури мо будааст. Ва ба воситаи ӯ Малик фаҳмид, ки падарам на дар Русия... балки дар ҳабсхона аст, – бо тамоми қувват шарҳ дод Олам. Ӯ танҳо як назари кӯтоҳ ба роҳбари синф равона кард. – Акнун шумо мумкин мефаҳмед, барои чӣ ман нахостам, ки ҳам дар ин ҷо бачаҳо аз ба хотири падарам маро мазоҳ кунанд.

Фаҳмида, ӯ сарро ҷунбонд.

– Ва падарат барои чӣ мешинад? – савол дод мард.

– Ӯ баъди вафоти модарам нӯшиданро сар кард, баъд ба банг гузашт. Ӯ ҳама чизи бобоямро пул карда банг мехарид. Ин ҳам сабаб аст, барои чӣ мо дар хона бо иҷора мешинем. Мағоза низ аз они мо нест. Баъд ҳеҷ чизи дигар намонд, ки фурӯхта мешавад, ва ӯ, – дар ин ҷо бача танаффуси дароз кард ва андӯҳгин гуфт, – ва ӯ дуздӣ мекард. Ва ҳозир худам ҳамчун дузд айбдор шудам.

– Акнун чӣ кор мекунӣ? – донистан хост Раҳимов ва ноумедиро дар рӯйи бача дид.

– Намедонам. Ба фикрам, аввал мактаби навро ёфтан даркор аст, – бе ҷунбондани ягон мушак дар рӯйяш гуфт ӯ ва китфҳоро бар ҳам кард.

– Лекин бобоят?

Олам ба даромадгоҳи иморати мактаб чашмонро бардошта гуфт:

– Бобоям? Хайр чӣ кор кунад? Зиқ мешавад, ҳам писараш, ҳам набераaш дузд ҳастанд. Ба ин одат мекунад. Насиб ҳамин будааст.

Раҳимов ба бача ҷиддӣ нигоҳ карда, бо оринҷаш бачаро дар бозу тела дод ва бо садои ҳарбие ки бачаро ҳайрон мемонд, гуфт:

– Акнун гӯш кун! Ба фикрам ту қурбон буданро нағз мебинӣ! Барои пӯшидани саргузашти падарат розӣ шудӣ, ки ҳамсинфон бо ту кунанд, ки чӣ хоҳанд. Ҳозир мегӯӣ, насибат ин аст, ки ту дузд мемонӣ. Зиндагӣ дар дасти туст! Агар ту хушбахт ё бадбахт мешавӣ – ин ҳамааш ба ту вобаста аст!

Беилоҷона бача ба муаллим нигоҳ кард.

– Ман хато кардам, муаллим, ман инро медонам. Барои афсӯс хӯрдан дер шуд, – нолид бача.

– Куҷо дер шуд? Ту ҳозир назди бобоят меравӣ, дуздиҳоро ба гардан мегирӣ ва илтимос мекунӣ, ки ба ту як рӯз дар ҳафта ҷавоб диҳад, то ту пул кор карда қарзи ӯро буд намуда метавонӣ. Ва ҳатто агар ин солҳо бошад. – Баъд ба папка дар таги бағалаш нишон дода, ӯ гуфт: – Дили Бахромовро ман меёбам. Ва ба хотири Малик ва сирри ту: ором бош, ман бо ин бача гап мезанам. Ман ба хаёлам ҳам чизеро медонам, ки ба

тарсонданаш анҷом медиҳад... – бо зиракӣ фикр кард муаллим. – Ва агар ягон рӯз, ягон рӯз не, ба ту дӯстони хуб даркор мешаванд, биё ба кӯчаи Ҷонбегим хонаи 5.

Олам ба чашмони сабзи равшани муаллим нигоҳ кард. *Ҳа, мумкин нақшаи Раҳимов кор мекунад,* – дар дил гуфт бача. Аз китфи Олам вазни ҳазоркилога афтид. Ӯ боз ба замин нигоҳ кард. *Куҷо буд он гулчаи майдаяки кабудча? Ана дар он ҷо. Акнун боз ба пеш нигоҳ кардан мешавад.*

## 21 ШАБИ БЕХОБӢ

Малик дар ёд надошт, ки ӯ чанд вақт дар пушти боғ беҳудагардӣ кард. Ӯ баъди навигарии падараш – ин кас падараш буд! – дигар намедонист, ба куҷо равад ва чӣ кор кунад! Ӯ аз хафагӣ чӯшид ва фаҳмид, ки ин тавр ба хона рафта наметавонад. Ӯ ба кунҷи боғ рафт, ки дар он ҷо ягон пиёдагард намегашт ва сумкаи мактабиро ҳаво дод. Ин ба мобайни буттаҳо афтид. Бача бо қаҳр зидди пояи яке аз ин буттаҳо зад.

*Не, ӯ то ҳабдаҳсолагияш падар надошт, ва ин барои ӯ осон набуд, аммо акнун ӯ падаре дошт, ки вайро барои рафтораш хор медид. Пеш ӯ гоҳе тасаввур мекард, ки падари ӯ як пахлавон буд ва дар ҷанг тирхӯрда мурд. Ё мумкин ӯ ба хориҷ рафтааст, то ки бой шавад ва ягон рӯз ӯро ба худ чеғ занад. Ӯ ба худ мегуфт, ки эҳтимол барои ҳамин модараш намехост дар бораи мард гап занад. Аммо инро...! Падар ӯро ҳамту партофт. Ӯ ба падар дигар лозим набуд.*

Бача диккак нишаст ва акнун чизе шуд, ки чанд сол рӯй надода буд. Ӯ гиря кард, ӯ мисли кӯдаки сесола бо овози баланд гиря кард, ва ҳеҷ кас набуд, ки даст дилбардоранда болои шонааш монад. Малик аз куҷо медонист, ки акаи Давлат аз дурӣ ӯро тамошо карда истода буд ва хеле мехост назди бачаи

капа-калонаш биояд? Вале ӯ беилоҷ монда бо китфҳои фуроварда аз боғ баромад ва рафт.

Ҳаво пеш аз фуромадани офтоб хира шуд ва об боз ба ях табдил шуд. Оҳиста-оҳиста барфакҳо аз осмон сӯи замин роҳ ёфтанд. Ва торикӣ манзараро фурӯ бурд.

*

Модари Малик бо фикрҳои пурташвиш аз тиреза ба сиёҳии шаб нигоҳ мекард. Бачааш беодоб бошад ҳам, одати шабгардӣ он қадар надошт. Телефони дастии Малик хомӯш карда шуд.

Ӯ худаш соати панҷ хастаҳол дар таги барфи нав аз бозор ба хона омада буд ва хӯрок пухт, вале онро то ҳол наҷашид. Ҳушаш дар бача буд.

Модари Малик зани ситорагарм бо рӯйи гирдак буд. Вай ба зани 33 сола монанд набуд, ва ношиносҳо ӯро ҷавонтар мегуфтанд. Гарчанде ки ӯро то ҳол зани зебо гуфтан мумкин буд, ӯ баъди никоҳи якум дигар ба шавҳар нарасид.

Зан хунук мехӯрд, аммо на ба хотири ҳаво, чунки хона гарм буд. Фикри он ки бачааш то соати дувоздаҳи шаб ҳоло наомадааст, ӯро метарсонд. *Дар берун чӣ буд? Ҳанӯз зимистон буд ва ӯ одати ба ягон бар рафтан надошт, барои ин ӯ дӯстон надошт. Магар ӯ ба интернет кафе рафта бошад? Ӯ*

*компютерро нағз намедид.* Модараш зиқ шуд. Ногаҳ телефони хонагӣ овоз баровард.

Зан зуд гӯшакро бардошту “алло” гуфт.

– Дилбар?

– Шумо кӣ?

– Дилбар, салом. Ин ман Давлат, – ӯ як сулфа кард, – Давлат Каримов.

Модари Малик шах шуд. Давлат Каримов? Давлат Каримов! Аз даҳонаш ягон сухан набаромад.

– Оё Малик ба хона омад? –хавотирона шунида шуд овози мард.

Очаи Малик асабонӣ шуд. *Чӣ тавр тавонист ин мард баъди ин қадар солҳои хомӯшӣ ба ӯ занг занад пурсад, ки оё бачааш дар хона бошад?*

– Агар ин савол чанд сол пеш медодед, хурсанд мешудам. Акнун ба шумо чӣ, ки бачаатон дар куҷо бошад? – заҳролудона ҷавоб дод зан ва ҳис кард, ки чӣ тавр дилаш танг шуд.

Дар тарафи дигари телефон оромӣ буд.

– Ман... ман имрӯз ба Малик гуфтам, ки ман кӣ ҳастам, – оҳиста баровард мард.

Модари Малик, Дилбар, хашмгин шуд:

– Инро чӣ тавр тавонистед! Маро маҷбур кардед, ки ба ӯ нагӯям, ки падараш кист, ва ман тамоми солҳо хомӯш мондам, –

ногаҳ тарс занро фаро гирифт ва ӯ талхакаф шуд. Беумед шуда хулоса баровард: – Малик ба худ ягон чиз кард. Ман инро аниқ ҳис мекунам!

– Э Дилбар, воҳима накун! – ӯро ором кардан хост мард.

– Бачаам чанд соат шуд дар хона нест ва ягон хешам ягон чизро намедонад, ман ба ҳама занг задам, ва шумо мегӯед, ман воҳима накунам? *Ман* бачаамро мешиносам! – бо садои таназанон гуфт зан, – ба ӯ донистани падар будани шумо тамоман лозим набуд. Ақаллан аз ман мепурсидед!

– Ин ҳам писари ман аст! – ранҷида эътироз кард мард, – ӯ дар куҷо бошад? Оё ба ҷӯраҳояш занг задӣ?

Модари Малик истод. Ҳа, ӯ ин фикр низ дошт, аммо бар хилофи гапи худ ӯ намедонист, ки бачааш ба ғайр аз бо Фирдавс бо кӣ наздик аст.

– Ман... ман рақами онҳоро надорам, – худро сафед кард зан.

Акаи Давлат гуфт:

– Биё, ман аз Фирдавс мепурсам ва ба муаллимаш занг мезанам.

Дилбар сарашро хам кард ва розӣ шуд. Малик бояд ёфт шавад!

*

Назира Раҳимова аз овози хобулуди шавҳараш Умед бедор шуд.

– Лаббай? Кӣ? Акаи Давлат? Нағзед? Созед? – ба зӯр баровард марди аз хоб ҳушёр нашуда. Баъд ногаҳон ӯ хеле бедор шуда ба гӯшаки телефони дастӣ гуфт: – Чӣ хел вай дар хона нест? Соати чанд шуд? – ҳоло худаш соатро насанҷида пурсид ӯ.

Байни сонияҳо мард аз ҷогаҳаш париду бо телефон дар даст васлакро дар девор кофта, чароғро гирён кард. Назира мижа зада ба сухани канда-канда гӯш кард.

– Хисрав чӣ?... Иброҳим?... Ва Шердил?... Майлаш, майлаш, ман ҳозир меоям, – сӯҳбатро анҷом дод муаллим ва телефонро хомӯш кард.

Занаш дар болои ҷогаҳаш нишаста, як ҳалқаи мӯйи сараш ба пушти гӯшаш часпонд ва бо чашмони калон ба ӯ нигоҳ кард.

Бе пурсида шудан Умед Раҳимов ҳангоми пӯшидани якто чинс ва шемпири бофтагӣ ба Назира гуфт:

– Малик гум шуд. Падараш ба ман занг зад.

– Падараш? Ҳамон падари Фирдавс? – донистан хост ӯ ва низ хест.

– Ҳа, ман ба ту гуфта будам, ки акаи Давлат назди ман омада буд ва гуфт, ки ӯ мехост доғҳои вақти саргузашташ тоза

кунад. Имрӯз ӯ бо Малик гап зад, аммо ба фикрам, бача инро хуб қабул накард. Ӯ дигар ба хона барнагашт, – шарҳ дод мард ва ба тарафи гардероб равона шуд.

– Оҳ не, – аз пушташ омада, дилсӯзона гуфт зан ва ба куртка ва шабка ишора карда донистан хост: – Ва акнун шумо ба куҷо меравед?

Умед Раҳимов гуфт:

– Мо бачакобӣ меравем. Ман ба хонаи акаи Давлат меравам. Модари Малик дар он ҷо низ ҳаст. Ман тассаввур карда наметавонам, ки вай бо модари Фирдавс чӣ хел мегирад!

Пеш аз баромаданаш ба занаш назари дӯстдорона равон кард ва ӯро бӯсиду баромад. Ӯ боз ба ақиб нигоҳ кард ва пичир кард:

– Барои мо дуо кун, ҷонам!

*

Дилбар, модари Малик, дар болои диван дар меҳмонхонаи оилаи Каримов нишаст ва гиря мекард. Очаи Фирдавс худро тамоман беҷо ҳис мекард ва танҳо барои рехтани чойе ки ҳеҷ кас нӯшидан хоҳиш надошт ба хона даромад. Фирдавс, Лола ва Нилуфар медаромаданду мебаромаданд. Акаи Давлат бо асабҳои тарангшуда чашминтизори муаллим буд.

Дар охир занги дар шуд. Мард назди дар шитофт ва Умед Раҳимовро ба хона кашида даровард. Муаллим китфашро аз барф тоза кард ва шабкаро таконд.

– Роҳ кӯтоҳ бошад ҳам, ман дар берун ях кардам, – ба хонаи гармакак дохил шуда гуфт ӯ. Дастони яхкардаашро ба ҳамдигар молида гарм кард.

Дилбар аз ҷояш хест, ва бо чашмони аз гиря сурхшуда ба муаллим салом дод. *Акнун ин модари Малик аст,* - фикр кард муаллим. Ин якум бор буд, ки Раҳимов ӯро дид. Аслан ӯ зани хушрӯ будааст, аммо чашмони беҷило ва қиёфаи хастаҳоли ӯ на танҳо аз соатҳои пурташвиши гузашта шаҳодат медоданд, балки низ аз зиндагии душвор.

Онҳо як бори дигар ҳама чизро ба меҳмон нақл карданд.

– Милисаро чеғ задед?

– Милиса? Не, мо фикр кардем, ки хубтар мо ӯро худамон меёбем, – бо пилки чашм поён оҳиста гуфт зан ва Раҳимов ба хотир овард, ки делаи Малик Назаров аллакай ғафс буд. Хуб намебуд, агар боз ягон чизи дигарро илова мекарданд.

– Ӯ дар куҷо буда метавонист? – савол дод Раҳимов.

– Намедонам, – гуфт модари Малик ва шаршара барин ашкҳояш аз рухсораҳо мерехтанд, – ман тамоман намедонам. Ман бачаамро намедонам, ман одатҳояшро намедонам, ман...

Дилбар боз ба диван афтид ва рӯйяшро бо дастон пӯшид. «*Аз ӯ ягон чизро фаҳмидан намешавад»,* – тахмин кард муаллим.

Боз занги дар садо дод ва ҳама ба тарафи гардероб чашм дӯхтанд. Акаи Давлат барои кушодани дар шитофт.

Дар пешаш Иброҳим, Хисрав ва Шердил рост истода буданд. Онҳо салом доданд ва попӯширо кашиданд.

– Салом, муаллим, – бо шарм гуфтанд бачаҳо ва ба меҳмонхона даромаданд.

Акаи Давлат ба занаш гуфт, ки боз кӯрпачаҳоро биёрад. Ҳама акнун дар замин менишастанд.

– Кӣ Маликро чун охирин дид? – пурсид Раҳимов.

– Ба фикрам ман. Ман ӯро дар боғ танҳо монда рафтам, – қоил шуд мард ва чандум бор ба худ гуфт: – Кошкӣ наздаш мерафтам! Мумкин ӯро ором карда метавонистам.

Муаллим лабашро газид.

– Не, ба фикрам ин ҳеҷ чизро иваз намекард. Ӯ аз шумо ягон дилбардорӣ қабул намекард. Ин аниқ аст, – гуфт ӯ.

Акнун Фирдавс бо модараш ва хоҳаронаш низ назди онҳо омада дар болои кӯрпача ҷо гирифтанд.

– Агар розӣ бошед, биёед, мо ба Худованд дуо кунем. Ӯ аниқ медонад, ки Малик дар куҷост, – пешниҳод кард Умед Раҳимов.

Акаи Давлат ба ҷои ҳама “бале” гуфт ва Шердил, Фирдавс бо падар ва муаллим сарро хам карданд. Аз пушти онҳо модари Фирдавс ва духтарон ҳамин хел карданд. Хисрав бо Иброҳим як назарро иваз намуд, аммо чизеро нагуфт.

– Худованд Исои Масеҳ! Ту ҳамадон ва ҳамабин ҳастӣ, Ту медонӣ, ки Малик дар куҷост, ва мо ба Ту зорӣ мекунем, ки Ту нишон медиҳӣ, ки Ӯро дар куҷо ёбем. Ман барои ин бача дар пеши Ту илтимос мекунам, ӯро дар паноҳат гир, то ба ӯ ягон чиз нашавад ва ӯ сиҳату саломат баргардад. Омин.

Сарҳои онҳо ҳанӯз поён буданд, вақте ки акаи Давлат низ ба дуо кардан шурӯъ кард. Ва ҳангоми модари Малик дид, ки шавҳари собиқаш ба Исои Масеҳ бовар карда гап мезанад, даҳонаш яла монд.

– Падари Осмонӣ! Шукр ки Ту ба мо писари ягонаат Исои Масеҳро додӣ. Ту мебинӣ, ки ман нисбати Малик падари хуб набудам. Ман аз аввал дар ин бача гуноҳкор шудам. Маро бубахш ва ёрдам деҳ, то ки ақаллан қисман хатоямро боз ислоҳ карда тавонам. Ба ман як шанси дигар деҳ. Намон, ки Малик ба хотири айби ман зарар бинад. Ман дар пеши Ту, Падари комил, зорӣ мекунам, – овози мард хирритар шудан гирифт ва пеш аз омин гуфтан аз ҳиссиёти баланд ва чизе ки гулӯяшро руст кунонд, хомӯш шуд.

Шердил ҳамроҳ шуда, низ ба Худо дуо гуфт. Вале барои Хисрав ва Иброҳим тамоман тааҷҷубовар буд, ки баъди ӯ ҳам Фирдавс барои Малик дуо кард. *Оё онҳо як чанд навигариро пай набурда буданд?*

Баъди хомӯшии як муддати кӯтоҳ Раҳимов гуфт:

– Ягона ҷо ки мо рафта метавонем, ин боғ аст. Эҳтимол дар он ҷо ягон ишорае меёбем, ки бача ба куҷо рафт.

Вақте онҳо хестанд ва овора бо пӯшидани курткаҳову шабкаҳо буданд, сеюм бор овози занги дар баромад. Ин дафъа Фирдавс зуд дарро кӯшод.

Дар пеши дар Олам буд.

– Ту аз куҷо омадаӣ? – ҳайрон шуда пурсид Раҳимов.

– Мегӯянд, ки Малик нест, – кӯтоҳ ҳозир буданаш фаҳмонд бача.

– Лекин аз куҷо...?

Бача як лаҳзае лабханд карду гуфт:

– Ман гуфта будам-ку, ки язнаи холаи Малик хеши дури мо будааст. Тасодуфан ин хеш дар хонаи мо буд, вақте ки телефони холааш шуд. Ба фикрам ба тамоми хешутабор хабар доданд. Ман гуфтам, мумкин ба шумо ягон ёрдам расонида метавонам.

Раҳимов дастонро ба камар монд ва донистан хост:

– Ва ту чӣ хел фаҳмидӣ, ки ба хонаи Фирдавс омадан лозим аст?

Олам ҷавоб дод:

– Ман ба ин ҷо омаданӣ набудам, аммо ман айни гузаштани хонаи Каримовшон дидам, ки хона равшан аст, ва ин соати нимто кам яки шаб! Ва ман ба худ гуфтаам, ки аввал Фирдавсро бинам... ва ин тавр ҳамаи шуморо ёфтам, – баъд ба тайёрияшон нигоҳ карда савол дод: – Шумо ба куҷо рафтаниед?

– Мо хостем назди боғ равем, чунки акаи Давлат ӯро дар он ҷо охирин бор дида буд, – фаҳмонд Иброҳим.

– Намедонам, ки оё ин лозим мешавад ё не, – асроромез гуфт бача.

Очаи Малик дар остонаи меҳмонхона пайдо шуд ва пурсид:

– Оё ту ӯро дидӣ? Ягон чизро медонӣ?

– Ӯ тақрибан соати шаши бегоҳ дар мағозаи мо якто нон харид ва ба кӯчаи Ҷонбегим рафт. Ман фикр карда будам, ки ӯ аз хона омада буд.

– Кӯчаи Ҷонбегим? Дар он ҷо чӣ ҳаст? – савол дод зан.

Муаллим нафаҳмида сар ҷунбонду гуфт:

– Ба ғайр аз ҷамоатхона ман чизеро дар он ҷо намешиносам.

– Ҷамоатхона? – саргум такрор кард зан.

– Хайр ҳа, мо масеҳиён дар он ҷо барои ибодат ҷамъ мешавем, – кӯтоҳ шарҳ дод Раҳимов.

Зан ҳеҷ чизро намефаҳмид.

– Ӯ бо масеҳиён ягон кор надорад.

– ... ба ғайр аз он ки акнун падари масеҳӣ дорад, – ба таври хушк илова кард мард.

– Рафтем ба кӯчаи Ҷонбегим, – пешниҳод кард Хисрав ва шабкаашро болои гӯшҳояш кашид. Танҳо бинии каҷаш намудор монд.

Мардҳо бо Иброҳим, Фирдавс ва Олам розӣ шуданд. Дилбар маҷбур шуд, ки бо зану духтарони акаи Давлат дар хона монад.

*

Мардҳо ба дарвозаи ҷамоатхона расиданд, вале каравуле ки дар он зиндагӣ мекард, аз хоб хеста чизеро надида буд ва нашунида буд. Аз чунин кофтукови беумедона онҳо рӯҳафтода буданд.

Шердил даруни курткаи дам бо шабкаи бофтаи сафед мисли одами барфӣ воменамуд ва кафи даст ба ҳам монда ба дарунаш пуф кард. Ҳарорати ҳаво зери сифр фуромада буд. Акаи Давлат бо шубҳа ба боло ба барфакҳои беист мефуромада

нигоҳ кард. Дар таги чароғи кӯча бориш мисли парҳо аз осмон мепариданд.

Умед Раҳимов бо дастони карахтшуда рӯйи худро молида, майнаи сарро маҷбур кард, ки онро кор фармояд.

– Ман намедонам, ки боз ба куҷо равем. Рости гап, ман низ метарсам, ки ӯ ба худ ягон чизро кард.

Хисрав нӯги мӯзаашро дӯхта сарро қатъян ҷунбонда эътироз кард:

– Не, ман медонам, ки ин тавр нест.

Муаллим ба ӯ нигоҳ кард. Бинии каҷи Хисрав аз сардӣ суп-сурх буд.

– Ту аз куҷо медонӣ? – аз зиракии ин бача огоҳ буда, ҷиддӣ фаҳмидан хост мард.

– Якум, Малик худро хеле дӯст медорад, ва дуввум, ӯ нон харид-ку! Агар худро қӯштанӣ буд, ӯ пешакӣ нон намехӯрд, – оромона далелҳоро овард Хисрав.

Ҳамсинфонаш ҳамфикр буда “рост мегӯӣ” гуфтанд.

Муаллим ҳушёрии бачаро таъриф кард:

– Ба ту гап нест, Хисрав. Набошад, чиро пешниҳод мекунӣ? Ӯ ба куҷо рафта бошад? Худро дар ҷои Малик тассаввур кун. Ту ба куҷо мерафтӣ?

– Ман? – Хисрав аз таги шарфи хокистариранг гарданашро хорид. – Ман Малик нестам. Ман дар ин хунукӣ ба ҳар ҳол

намегурехтам... ва Малик низ беақл нест. Ана, ман гуфта будам, вай ба худ азоб намедиҳад. Вай бояд ба ягон ҷо рафта бошад, ки дар он умедвори гармӣ аст, – ба хулоса омад Хисрав.

– Ва дар куҷо чунин ҷо ҳаст? – барои худро гарм кардан, дастон ба бозуҳои мухолифи худ тапонда пурсид Фирдавс.

Онҳо хомӯш монданд. Ногаҳ Иброҳим гуфт:

–Ман як ҷойро медонам!

Ҳама ба ӯ нигоҳ карданд.

– Анбори мактаб! Албатта! Барои чӣ ман инро тезтар фикр намекардам?

– Анбори мактаб? – такрор кард акаи Давлат, – магар барои ин хона калид даркор нест? Ва ту аз куҷо медонӣ, ки ин хона гарм аст?

Хисрав аз нафаскашӣ монда ба даҳони бача нигоҳ кард. *Наход ки...*

– Дар он ҷо тирезача ҳаст. Инро аз берун қӯшодан мешавад ва хона майдаяк аст.

Хисрав байни муаллимаш ва Иброҳим нигоҳ кард. Ӯ дигаргуншавиеро дар рӯйи Раҳимов, кӯтоҳ бошад ҳам, пай бурд. *Оё беҳтараш Иброҳимро аз гап задан бознадорад? Вале агар Малик дар ҳақиқат дар он анбор бошад? Эҳтимол, рӯзе расидааст, ки ҳама чиз фош шавад.*

– Ва Малик инро аз куҷо медонад? – пурсид акаи Давлат.

– Чунки ман инро ба вай нақл кардам, – бо ҳавас гуфт бача, ва ногаҳ дастро болои даҳони худ зада ҷим шуд.

Акаи Давлат бе фикри бад аз ӯ донистан хост:

– Чиро ба ӯ нақл карда будӣ?

Иброҳим аз Фирдавс ба Хисрав чанд бор нигоҳ кард ва бо рӯйи сап-сафед мисли девор бо лакнати забон гуфт:

– Ман... ман ба ӯ нақл карда, ки... ки ман... чӣ хел ба он ҷо... даромада будам. – Ӯ назари Раҳимовро тоқат накарда чашм ба замин дӯхт.

Хомӯшӣ, агар ба ҳам задани дандонҳои Шердил сарфи назар карда шавад.

– Ту дар он ҷо чӣ кор кардӣ? – ҳайрон шуда пурсид падари Фирдавс. Ӯ намедонист, агар ба гапи Иброҳим бовар кардан меарзид ё ки не.

Иброҳим бо китфҳои ғалтонда рост истод.

Раҳимов ба ӯ ёрдам дода бе ҳиссиёти баланд гуфт:

– Ту дар он рӯз тормозҳои дучархаи маро канда будӣ. Барои ҳамин аз тиреза ба анбор даромада будӣ. Ман инро аз аввал медонистам, Иброҳим.

Чашмони Олам калон-калон шуданд, чунки ӯ ҳеҷ чизро дар бораи дахолати дастаи Малик ба фалоқат нафаҳмида буд.

Хисрав, Иброҳим ва Фирдавс мисли як овоз баровfamiliar.

– Шумо инро ба ростӣ медонистед?

– Ҳа.

– Лекин аз барои чӣ шумо ҳеҷ чизро нагуфтед? Шумо метавонистед моро аз мактаб пеш кунед, – ҳайрон шуда гуфт Хисрав. Як лаҳза дар пеши чашмонаш рӯйи падараш ва акаҳояш пайдо шуд. Ӯ на танҳо ба хотири хунукии ҳаво ларзид.

– Ҳа, ман инро карда метавонистам, аммо баъд шумо дигар дар синфи ман намехондед, – бо таббассум гуфт Раҳимов.

– Магар аз будани мо дар синфатон ҳаловат бурдед? – бо лаби каҷ гуфт Иброҳим.

– Не, ман аз ин ҳаловат набурда будам, – иқрор шуд муаллим, – лекин ман пушаймон нестам, ки шумо дар синфи ман ҳастед. Ва ман ҳис карда истодаам, ки эҳтимол рӯзе мерасад, ки дар ҳақиқат аз шумо хурсанд мешавам. Илова ба ин, шахсе ба ман гуфт, ки бояд ин тавр амал кунам.

Одати истифодаи чунин ифодаи муаллимро дониста, Иброҳим сарро чунбонд ва бо як қош дар боло гуфт:

– Оё ин “шахс” Худо бошад?

Дар лабони Раҳимов таббассуми васеъ пайдо шуд.

Акаи Давлат бетоқат шуда гуфт:

– Ба фикрам зудтар назди анбори мактаб рафтан лозим. Ҳаво ниҳоят хунук шуд ва ман намедонам, ки анбор то кадом дараҷа гарм бошад.

Хисрав даст бардошта ҳамаро аз роҳакӣ шудан боздошт.

– Муаллим, мо дертар бо шумо дар бораи ин чиз гап мезанем. Ба фикрам, мо бояд ҳамчун гурӯҳ инро ҳал кунем.

Мард сарро ба як тараф хамида, “майлаш” гуфт ва онҳо рафтанд.

## 22 МАЛИК

Соати нимто кам сеи шаб онҳо ба мактаб расиданд. Танҳо шакли ду иморати калон дар торикӣ намоён буд. Саҳни мактаб аз барф пур буд. Ягон изи по дар он сафедии пок дида нашуд. Онҳо заминро по зада, қариб то зону тар шуданд. Иброҳим бо телефони дастӣ ба роҳи мардҳо каме равшанӣ дода метавонист, ва Фирдавс ба Хисрав, Олам ва Шердил.

Вақте ки акаи Давлат фаҳмид, ки замин мисли нарасида барин дар пешашон тоза буд, ӯ ба шубҳа афтид, оё Малик ба ростӣ дар анбори мактаб паноҳ мекофт?

– Ягон пайи по дар барф нест! Ба фикрам Малик ба ин ҷо наомад, – рӯҳафтода гуфт ӯ.

Хисрав норозӣ шуд ва шарҳ дод:

– Не, ин ҳеҷ чизро ошкор намекунад. Барф аз соати чанд борида истодааст. Агар ӯ, фарз кунем, соати шашу ним расида бошад, ҳашт соат пеш майдонро гузашт.

Раҳимов бо бача ҳамфикр буда чун якум аз кунҷи бинои синфҳои боло гузашта ба тирезаи анбор расид.

– Бинед, шиша шикастагӣ аст!

Ҳама аз пушташ омаданд. Ҳар ду бачаи телефондор ба даруни анбор нурро афканданд. Муаллим дар назди чорчӯби

тирезаи холӣ зону зада ба дарун нигоҳ кард. Бетартибии шинос ба ӯ намоён шуд. Дар равшании паст партаҳо ва плакатҳо падид омаданд.

– Малик, эй Малик, – ноустуворона гуфт мард. Ҳеҷ кас ба ӯ ҷавоб надод.

– Мумкин шиша тасодуфан шикаста аст, – фикрашро гуфт Олам, – кӣ медонад, ин кай вайрон шуда бошад!

– Хомӯш! – як даст аз пушташ сӯи дигарон афшонда, фармон дод муаллим ва кӯшиш кард, ки гӯшаш ба даруни хонача андозад ва бо диққат гӯш кунад, – ман чизеро мешунавам.

Ҳама гирди тирезача ҷафс-ҷафс хам шуданд. Дасту поро аз хунукӣ дигар ҳис намекарданд.

Ҳангоми дидани дарунии анбор шиками Иброҳим тоб дод. *Агар дар фалоқат дар тирамоҳ муаллим мемурд...* Чорто курсие ки пеш дар мобайни хона буданд, аз ҷояш гирифта шуда буданд.  Ӯ кӯшиш кард, ки хонаро дар он тараф равшан кунад.

– Ана, бинед, дар он ҷо мӯза! Мӯзаҳоро бинед! – тез гуфт Фирдавс ва аз ҳайяҷон қариб нафасгир шуд.

– Малик, – акнун дилпурона ӯро фарёд кард муаллим, вале ҷавобаш танҳо як оҳкашии номуайян буд.

Акаи Давлат аз ин тараф ва он тараф аз пушти Раҳимов дидан хост, аммо натавонист.

– Ба фикрам, вай аз ҷояш хеста наметавонад, – бо чашмони нимкоф тахмин кард Фирдавс.

– Калид, – гуфт Хисрав, – мо бояд калид аз каравул гирем, ва дарро кӯшоем.

Раҳимов дарҳол хеста шимашро аз барф таконда гуфт:

– Майлаш, ман назди каравул меравам. Шумо ба назди дар равед.

Ҳама оҳиста хеста назди дари анбор расиданд. Онҳо ба кафи даст пуф мекарданд ва ба замин по мезаданд, то ақаллан каме гарм шаванд.

Шердил соддадилона гуфт:

– Аммо барои чӣ ӯ тирезаро шикаст? Ӯ метавонист мисли ту, Иброҳим, дарояд.

Иброҳим мухолифи одаташ кундфаҳмии Шердилро тоқат карда ба бача фаҳмонд:

– Бин, вақте ман тирезаро кӯшода будам, ҳанӯз тирамоҳ буд ва дар замин пораи тунукаеро ёфта будам. Бо ин корам осонтар буд. Лекин бо ин қадар барф... Ба ғайр аз шикастан, ба фикрам, ӯ дигар илоҷе надошт.

Кам вақт гузашт ва Раҳимов бо каравули мӯйсафеди ҷомадор назди онҳо баргашт. Олам сулфиданро сар кард ва бинии Шердил рехтанро. Маълум буд, ки ҳама рӯзи меомадаро дар куҷо мегузаронанд: Дар ҷогаҳи гармакак!

Каравул бо дастони аз пирӣ ларзида дарро кушодан хост, аммо калид дар қуфл тоб нахӯрд. Акаи Давлат кӯшиш кард, ки ёрдам диҳад, аммо аз барои он ки дастонаш аз хунукӣ шах буданд, ҳеҷ фоида аз ин набуд. Пирамард боз чанд бор калидро баровард ва ба қуфл пуф кард, вале дар маҳкам монд. Дар охираш калид дар қуфл монда шикаст.

– Мо бояд тезтар дароем, – бо овози нолон гуфт акаи Давлат ва вазни худро зидди дари чӯбини борик зад. Ӯ қадбаланд бошад ҳам, қаду басти атлетикии Раҳимов надошт. Бинобар ин Раҳимов худро барои кушодани дар пешниҳод кард.

Ӯ се бор бо тамоми қувваташ бо китф ба дар зад ва он аз ошиқ-машуқ парида во шуд. Бачагон ба зӯрии муаллим қоил шуданд ва бо чашмони қадрдонӣ ба ӯ нигоҳ карданд.

Раҳимов бо дигарон тез аз партаҳои вайрон, байни шишаи рехтагии тиреза ва курсиҳо роҳ кофта ба талабаи дар кунҷ нимхобида расид.

Лампочкаи анбор чанд сол пеш сӯхта буд, ва ҳеҷ кас муҳим шуморида набуд, ки инро иваз кунанд. Барои ҳамин онҳо боз ба равшании телефонҳо мӯҳтоҷ буданд.

Бача дар ҳақиқат дар кунҷ хоб буд. Муаллим бо ваҳм ба ӯ нигоҳ кард. Дар нури сунӣ рӯйи бача сап-сафед буд. Чашмонаш пӯшида. Як лаҳза ӯ ҳатто тарсид, ки бача... Вале баъд ӯ дид, ки

Малик бо дастони шахшуда бадани худро оғӯшкарда нафас мекашад.

Бо овози паст ӯ наздики гӯши бача гуфт:

– Малик, Малик. Оё маро шунида истодаӣ?

Бача дар ҳолате буд, ки гуфта намешуд, агар ӯ баҳуш бошад ё ки не.

Муаллим дасти яхинашро ламс карда хуни хӯшкшударо ҳис кард.

– Бача аз ҳад зиёд хунук хӯрд. Ва дасташ аз барои чӣ хуншор шуд? – бештар ба худ аз ба дигарон гуфт Раҳимов, – мо бояд тезтар ёрии таъҷилиро чеғ занем.

Акаи Давлат дар пешаш зону зада талхакаф шуда ба писари худ нигоҳ кард.

– Эй Худо. Ана бинед, ӯ худро қӯштан хост! – гапи модари Маликро дар ёд дошта пайи хунро тасвир дод мард.

Хисрав телефонашро ҷунбонд ва гуфт:

– Не, шумо хато мекунед, ака. Вай худро дар шиша бурид. Ана дар ин ҷо бинед, дар куҷое ки шишапораҳо рехтанд чанд қатра хун низ ҳаст. Ӯ танҳо захмдор шуд.

Иброҳим рақами 03-ро дар телефонаш пахш карда, ба духтур занг зад.

То омадани ёрии таъҷилӣ онҳо кампалҳое ки каравул оварда буд, болои бача пӯшонданд. Ҳеҷ яке аз онҳо шикоят

накард, ки ба сабаби кам будани микдори кампал ба онҳо ягонто болопӯш нарасид. Каравул онҳоро ба хоначааш даъват намуд, вале онҳо аз Малик дур шудан нахостанд.

Хоҳиши гап задан дигар надоштанд ва ин ним соати интизоршавӣ то омадани духтур мисли абадият воменамуд. Фирдавс бо Иброҳим назди дарвозаи мактаб рафтанд, то мошини духтурро пешвоз гиранд.

Духтурон дар ин шаби пурбарф танҳо ба зӯр роҳ сӯи мактаб тай карданд ва маҷбур шуданд, ки мошин дар пеши саҳни мактаб монанд. Даррав се марди сафедпӯш аз мошин фуромада бо насилка аз қафои бачагони роҳнишондеҳ рафтанд ва ҳама касаро дар анбор ёфтанд.

Зуд кор карда онҳо Малики беҳолро бор карда роҳи дарозро ба дарвоза пиёда аз болои барфи баланд гузаштанд. Аз пушти онҳо чор бача ва ду мард омаданд. Баъди ҷо ба ҷо кардани касалӣ яке аз онҳо, эҳтимол духтури калон бошад, пурсид:

– Кӣ бо мо ба беморхона меравад?

Мардҳо ва бачагон ба ҳамдигар нигоҳ карданд. Акаи Давлат ва Раҳимов зуд гуфтанд, ки мехоҳанд ба беморхона раванд, аммо вақте духтурон гуфтанд:

– Не, одам бисёр намешавад. Танҳо як кас метавонад бо мо биравад.

Акаи Давлат дарҳол “ман” гуфтан хост, аммо рӯйдоди гузашта дар боғ ба хотир оварда, сархамона гуфт:

– Муаллим, шумо равед. Маро... ба фикрам ҳоло дидан намехоҳад. Ман дар саҳар меоям.

Раҳимов сабуқ шуд, ки мард худаш воқеаро фаҳмид, чунки ӯ намедонист, ки чӣ тавр инро ба падари Малик бигӯяд.

Ӯ тез савор шуд ва бачагон бо акаи Давлат хавотир ва рӯҳафтода ба хона баргаштанд.

*

Вақте онҳо ба беморхона расиданд, духтурон кӯшиш карданд, ки бачаи хунукхӯрда оҳиста гарм шавад. Ин кори осон набуд, чунки ҳатто бо оби сард гармкунонданро сар кардан лозим омад, оби гарм ӯро месӯзонд.

Муаллим дар як кабинети гармакаки ким-кӣ менишаст, ё беҳтараш бо ними бадан болои миз хоб мерафт. Дар пешаш як чойники холӣ буд. Ӯ на сахт будани чӯб дар таги дастонаш, на ҷои нокулайи нишасташ ҳис мекард. Ӯ тақрибан ним соат дар пеши Худо дуо карда барои ҷони Малик илтимос карда буд, аммо баъд хоби гарон ӯро сер кард.

Тақрибан соати ҳашти саҳар як ҳамшираи тиббии чорпаҳлӯ ӯро дар остин тела дод.

– Э додар, – бо овози мардмонанд ба ӯ гуфт зани калонсол, – бача шуморо чеғ зада истодааст.

Раҳимов сари вазнинашро бардошта ва гаранг шуда гирди худ нигоҳ кард. Шими тараш зуд ба хотираш овард, ки ӯ шаби гузашта чӣ тавр гузаронид ва ӯ дар куҷо буд.

Ӯ шабкаи дар бағалаш бударо ба даст гирифт ва хест. Ҳама узвҳои баданаш дардманд буданд. Як китфаш сахт дард мекард. *“Хуб ки бачагон нафаҳмиданд, ки ҳангоми зада қӯшодани дар бозуям чӣ гуна дардманд шудааст!”* – амали қаҳрамонаи худро ба хотир овард ӯ.

Бо ҳиси аҷоиб муаллим ба даруни палатаи Малик даромад. Талабааш дар болои як кат бо простини сафед бо чанд кампал пӯшида дароз кашида буд.

Малик ба тиреза назар медӯхт. Барф бас кард ва офтоб кӯшиш мекард, ки абрҳоро пароканда кунад.

Ҳангоми шунидани қадами мард, ӯ ба зӯр сарашро ба тарафи дар тоб дод. Рӯйи талаба ранги сурхи саломатро акс дод.

– Салом, – гуфт муаллим.

– Салом, – ҷавоб дод бача.

Малик ба як курсӣ ишора карда, мард ба нишастан даъват кард.

– Ту бо ман гап задан хостӣ, – аз тарзи гуфтанаш маълум набуд, ки оё ин савол буд ё нишондод.

Забони Малик ҳанӯз суст меҷунбид.

– Шумо маро ёфтед, – баровард бача.

Раҳимов гулӯ тоза карда гуфт:

– Бовар кун, агар Хисрав ва Иброҳим бо мо намебуданд, мо туро ҳеҷ вақт намеёфтем.

– Ҳм.

Муаллим ба бача нигоҳ кард. Рӯйю рангаш хеле хубтар шуда буд ва рухсораҳояш сурх.

– Аввал мо хато кардем ва нодуруст роҳ рафтем.

– Маро дар куҷо кофтед? – донистан хост бача.

– Дар кӯчаи Ҷонбегим хонаи 5, – аксуламали бачаро интизор ҷавоб дод мард.

Малик дониста сарро ҷунбонд ва тахмин кард:

– Ба фикрам, Олам инро гуфт. Вай маро дар он ҷо дида буд.

Раҳимов бо тасдиқ сарро ҷунбонд, вале баъд мӯйи сари аз шаби пурташвив бетартибшударо бо даст шона карда пурсид:

– Лекин ту дар он ҷо чиро хостӣ?

Бача хуб андешида оҳиста иқрор шуд:

– Ман хафагиямро ба ягон кас рехтан хостам. Ва вақте ки нон харидам, баногоҳ ба фикрам зад, ки ҷамоати шумо қариб аст. Баъд хостам дар он ҷо шишаи тирезаҳоро шиканам.

– Ва барои чӣ инро накардӣ? – савол дод муаллим.

Малик гарданашро молида, фаҳмонд:

– Вақте ки ман аз девор ба ҳавлӣ даромада тавонистам, ман гирди хона гашта, чӯбе ё санге кофтам, – забонаш то ҳол вазнин буд ва ба вай хуб итоат накард. Вале ӯ худро маҷбур кард, ки худро фаҳмонад: – Ман чунон бо эҳтиёт по мондам, ки, ба фикрам, ҳатто каравул маро нашунид. Дар охирин кунҷ ман ҳезум ёфтам ва хостам бо як қунда шишаро занам, аммо намедонам кадом қувва маро намонд, ки ин тавр кунам, – аз ин рӯйдод ҳайрон шуда нақл кард бача, – баъд ман хеле хунук хӯрдам ва донистам, ки тезтар бояд ҷои гарм биёбам. Ба хона дигар баргаштан нахостам.

– Медонам. Акаи Давлат ба ман ҳама чизро нақл кард, – иқрор шуд Раҳимов.

Суст, вале бо шӯриши хоси Малик, ӯ аз бинӣ нафас баровarда пурсид:

– Падарам?

– Ҳа, падарат.

Малик ба лампочка дар шифти хона чашм дӯхт.

– Ман метавонистам он ҷо мурам, – гап ба дигар тараф бурд талаба.

– Ҳа, Малик, ту метавонистӣ дар он ҷо мурӣ. Хона ях буд, – ҷиддӣ тасдиқ кард мард.

– Агар ман тирезаро боз маҳкам карда метавонистам, нақшаи ман кор мекард. Вале дар он ҷо чизе набуд, бо чӣ ман онро пӯшонида метавонстам, – шарҳ дод бача. Дар чашмон рӯҳафтодагӣ хондан мумкин буд.

Раҳимов ба дасти бастааш нишон дода донистан хост:

– Ва ин?

Назари бача ба дасти худ рафт:

– Оҳ ин! Бо қади дарози ман одам бояд аз чунин тирезаи майда надарояд, – лабро газида қоил шуд бача.

Муаллим рӯйи бачаро бо чашмонаш санҷида пурсид:

– Бо қади Иброҳим ин кор карда мешавад. Ҳамин тавр нест?

– Ҳа, бо қади Иброҳим ин кор карда... – Малик гапи худро бурид ва рост ба чашмони муаллим нигоҳ кард.

– ... чунки ӯ инро аллакай исбот карда буд, – ҷумлаашро тамом кард мард.

Малик дасти солим болои дасти захмдор гузошт. Ошкор буд, ки дасташ дард мекард.

– Аз ман ҳам дасти чап буд... – мӯътадилона гуфт муаллим.

– Шумо ҳама чизро медонед. Ҳамин тавр нест, муаллим? – ҳушёрона тахмин кард бача.

– Ҳама чизро не, лекин... лекин бисёр чизҳое ки дар бораи ту донистан лозим аст, ман ба ростӣ медонам, – гуфт мард ва шабка дар дасташ тоб дод.

– Ҳама хатоҳои ман-чӣ? – туршрӯёна гуфт бача.

– На танҳо хатоҳои ту. На ҳама чизе ки ту мекунӣ, пури хато аст. Ман ҳам муборизаҳои туро медонам.

– Муборизаҳо? Кадом муборизаҳо? – қошҳои пайванди бача хатарнок поён рафтанд.

– Масалан нисбати қабули падарат.

Бача чуқур нафас кашида бо дасти рост кампали ғафсро сила дод.

– Оҳ ин...

– Ҳа, ин, – тасдиқ кард муаллим.

– Ман чӣ хел... Ба ман гӯед, ки чӣ тавр ман ин мардро баъди ин қадар солҳо ҳамчун падарам қабул кунам, – бетоқатона гуфт Малик. Маълум буд, ки ӯ аз зиндагӣ тамоман беумед шуд.

Умед Раҳимов андешид ва баъди чанд сония гуфт:

– Оё ту аз ин норозӣ ҳастӣ, ки падарат туро ҳеҷ вақт намепурсид?

– Ҳа, муаллим, – қоил шуд бача ва чашмонаш ҷило медоданд.

Раҳимов чашмонашро нимкоф кард ва ба ӯ савол дод:

– Ман ба ту дар бораи як бача нақл мекунам: Ӯ падари худро тарқ кард, ва бовар кун, падараш аз ҳама хуб, ҳатто комил гуфтан мумкин аст. Вале бача гуфт, ки ба ӯ падараш лозим нест.

– Беақл, – дағалона бачаи ношиносро ҳукм кард Малик.

– Ҳоло исто. То охир гӯш кун: ин бача дар дунё хеле гашт, ҳатто пуле ки аз падараш гирифта буд, то охир сарф карда хӯрд ва нӯшид.

– Айби худаш, – истодагарӣ кард бача, – агар ман чунин падар медоштам, ман ҳама вақт бо ӯ мемондам.

Таббассуми муаллим ӯро ҳайрон сохт.

– Чӣ механдед, муаллим? – ноустуворона пурсид талаба.

– Охир, Малик, ин бача ту ҳастӣ.

– Чӣ? Ман? Ман падар надоштам, – зуд эътироз кард ӯ.

Раҳимов сарро ҷунбонд.

– Ту падари ҷисмониро дар ҳақиқат надоштӣ. Аммо бин, дар Инҷил Худо низ Падар, Падари Осмонӣ, гуфта мешавад. Ва Ӯ моро дӯст медорад ва моро меҷӯяд. Ва Ӯ тамоми вақт аз пушти ту меравад ва туро чеғ мезанад, аммо ту ҳар ду гӯш пӯшида, овози ӯро шунидан намехоҳӣ.

Малик хомӯшона ба ин сухан гӯш кард.

– Оё ту аз падари ҷисмоният беҳтар ҳастӣ? – бо мулоимат пурсид Умед Раҳимов, – ту низ худро пинҳон медорӣ. Худо то ҳол ба ту лозим набуд. Худо то ба кай ба ту гап занад?

Малик даст бардошта чизеро гуфтан хост, аммо гапаш дар гулӯяш руст кард. Ӯ танҳо сар ҷунбонд ва ба тиреза нигоҳ кард. Қаҳре ки чандин сол дар дилаш буд, норозигӣ аз тамоми дунё ва бадкирдорие нисбати ҳамсинфон ногаҳ мисли сояи шоҳидон зидди ӯ хестанд. Ӯ сарро поён кард.

– Ин... ин бача дар ҳикояи шумо баъд чӣ кор кард? Ба ӯ чӣ шуд? – бо овози хиррӣ пурсид Малик.

Раҳимов сар бардошт ва ба тиреза нигоҳ кард. Абрҳо бозӣ доштанд ва шамол мевазид.

– Ин бача ба ҳолати ногуворо афтид. Ва дар он замон ӯ падари худро ба хотир оварда, ба худ гуфт, ки акнун пешаш бармегардад. Ва ӯ чунин кард. Ва аҷоибаш он буд, ки ҳангоме ки падар баргаштани ӯро аз дӯрӣ дид, мӯйсафед дастонро воз карду сӯяш давид. Писар аз падар бахшиш пурсид ва падар ӯро ба оғӯш гирифт ва барои ӯ ҷашн барпо кард.

– Ҳамин хел? – бо қошҳои боло донистан хост талаба.

– Ҳамин хел, – устуворона тасдиқ кард мард, – ва бин, Худо низ дар пешат истодагӣ аст ва мехоҳад, ки ту ба оғӯшаш биёӣ. Зиндагии худро ба Исои Масеҳ бахш ва ту аз нав сар карда метавонӣ, – ӯро дилбардорӣ кард муаллим.

Малик ҳис кард, ки падараш айни ҳамин чиз карда буд. Мард фаҳмид, ки ӯ аз Худо дур буд, ва наздаш баргашт. Ва баъд ӯ дид, ки бояд на танҳо пеши Худо баргардад, балки низ муносибат бо писараш ҳал кунад. *Эҳтимол, Худо ӯро ба ростӣ чеғ мезанад ва ба ӯ ҳаёти навро додан мехоҳад? Оё барои ӯ низ умед аст?*

Малик чашмонашро бардошт ва ҳамроҳи муаллим ба берун нигоҳ карда, дид, ки офтоб девори абрро нест карда раххҳоро болои чогаҳи Малик афканд. Хона равшан шуд.

## 22 ХОТИМА

Баъди ду рӯз Маликро аз беморхона ҷавоб доданд. Ба падар ва писар осон набуд, ки солҳои гумшударо боз ба даст оваранд, аммо вақт ба онҳо ҳоло кӯмак мерасонад.

Иброҳим танҳо барои корҳои дарсӣ дар интернет кафе дида мешуд. Аммо якҷоя бо Хисрав ӯ ҳар бегоҳ ба боғ рафта, давиданро сар кард.

Олам дар пеши бобояш ба ҳама хатоҳо иқрор шуд ва рӯзҳои шанбе дар як хонаи шахси бой кор карда, пулро барои мӯйсафед баргардонида истодааст.

Дастаи Малик бо ҳамдигар оштӣ карданд ва аз Раҳимов барои рафторашон бахшиш пурсиданд. Ҳоло вақт бояд нишон диҳад, агар ин наврасон бо Худо зиндагӣ кардан мехоҳанд ё ки не.

Ба ҳар ҳол Фирдавс, Шердил ва Ҷаҳонгир дӯстони ҷонӣ шуданд, ва онҳо бо акаи Давлат ва муаллимашон дар имон ба Худованд устувор шуданд.

Гуфти Умед Раҳимов дуруст будааст: Касе ки ба Исои Масеҳ чун Наҷотдиҳанда ва Худованд умед мебандад, ҳеҷ вақт пушаймон намешавад.

Эҳтимол, нақли онҳо давом дорад...